

Қодиров С.
Давлатов М.

# ПСИХОЛОГИЯИ ИҶТИМОӢ

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Қодиров С., Давлатов М.

# ПСИХОЛОГИЯИ ИҶТИМОӢ

«Сино»-2004
Душанбе

УДК-ББ88-Н-50

Дастури таълимӣ ба омӯзиши қонуниятҳои тараққиёти иҷтимоӣ, масъалаҳои танзими оила ва рафтори одамон дар ҷараёни муошират, ба хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологии воситаҳои ахбори омма, психологияи наврасони «душвор» ва донишҷӯён, ба ҷанбаҳои психологии гурӯҳҳои хурду калони иҷтимоӣ ва роҳу усулҳои тадқиқу ташхиси масъалаҳои психологияи иҷтимоӣ бахшида шудааст. Ин дастур ба омӯзгорон, падару модарон, устодони мактабҳои олӣ ва ҳамаи он шахсоне, ки бо тадқиқи масъалаҳои психологияи иҷтимоӣ машғуланд, тавсия карда мешавад.

Муқарризон: Боев Б., номзади илмҳои психологӣ, дотсент;
Юнусова Н.М., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент.

Муҳаррир: Амонов Н., номзади илмҳои психологӣ, дотсент,
мудири кафедраи психологияи ДДМТ.

Ҳуруфчинӣ ва тарҳи компютерии Сулаймони Зиё

Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии ДДМТ тавсия шудааст.
© Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ.

Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. –С.2004

# МУНДАРИҶА

Муқаддима........................................................................4

1.Предмет ва вазифаҳои психологияи иҷтимоӣ. Мавқеи психологияи иҷтимоӣ дар системаи донишҳои илмӣ........................................5
2.Методҳои психологияи иҷтимоӣ........................................................8
3.Аз таърихи ташаккул ва тараққиёти психологияи иҷтимоӣ.............. 17
4.Муҳити иҷтимоӣ. Шахс ва гурӯҳ. Тавсифи умумии гурӯҳҳои иҷтимоӣ........................................................................23
5. Тавсифи психологии гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ..............................30
6.Хусусиятҳои психологияи коллектив ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ........................................................................36
7.Муносибатҳои ҷамъиятӣ ва байнишахсӣ. Ролҳои иҷтимоӣ ва шахс....45
8.Муошират ва сохти он....................................................................49
9.Хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологии воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ........................................................................55
10.Оила ҳамчун гурӯҳи махсуси оилавӣ.............................................62
11.«Навраси душвор» ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-психологӣ.............. 67
12.Донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ.......................................... 74
13.Практикуми иҷтимоӣ-психологӣ............................................... 79

Адабиёт........................................................................ 131

Барои дастрасии китобҳои ҷолибу судманди дигар ин навиштаҷотро пахш кунед ё ба сомонаи зерин гузариш кунед:

t.me/kitobju

## Муқаддима

Психологияи иҷтимоӣ тамоми қувваашро ба он равона месозад, ки қонуниятҳои инъикоси ҳастии ҷамъиятиро дар шуури индивидуалӣ шарҳ диҳад ва тарзҳои истифодабарии онҳоро дар ҷараёни муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ҳамаҷониба дида барояд. Психологияи иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи худро ба масъалаҳои тараққиёти ҷамъиятӣ, ба нақши инсон дар ин раванди муҳим равона менамояд ва аз ин рӯ, он ҳамчун илми ҷаҳонбинӣ шинохта шудааст.

Бояд гуфт, ки психологияи иҷтимоӣ ҳамон масъалаҳоеро таҳлил мекунад, ки онҳоро худи ҷамъияти мавҷуда пешниҳод намудааст. Пош хӯрдани ИҶШС ва ташаккул ёфтани давлати мустақили тоҷикон дар назди илми психологияи иҷтимоӣ як қатор масъалаҳои ҳалталабро гузошт, ки моҳияти онҳоро воқеияти нави реалӣ ташкил медиҳад.

Мақсади асосии дастури таълимӣ бо маҷмӯи донишу маҳоратҳо мусаллаҳ намудани мутахассисони оянда мебошад, ки барои ташкили самарабахши роҳбарии коллективҳо, таъсири байниҳамдигарии аъзоёни коллектив дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-экологӣ, барои омӯзиши боз ҳам амиқтари шахс бо мақсади расонидани ёрӣ ба ӯ дар муайян кардани роҳи асосии ҳаёташ заруранд.

Ҳамин тариқ, самтҳои асосию мушаххаси фаъолияти психологияи иҷтимоӣ ҳамчун илм инҳо мебошанд:

-аз ҷониби донишҷӯён амиқ фаҳмида гирифтани нақши муайяни психологияи иҷтимоӣ дар бунёди ҷамъияти нави демократӣ, ҳуқуқасос ва дунявӣ ва дарк кардани нақши шахс дар рафти ноил шудан ба ин мақсадҳо;

-омӯзиши масъалаи сотсиализатсияи шахс, сохти иҷтимоию психологӣ ва муайянкунии мавқеи иҷтимоии ӯ;

-таҳқиқи масъалаи психологияи гурӯҳ ва коллективҳо, муносибатҳои байнишахсӣ дар коллективҳо, масъалаҳои сарварӣ ва роҳбарӣ ба коллективҳо.

Дастури таълимӣ ба донишҷӯён, омӯзгорон, психологҳо, сотсиологҳо, ҳуқуқшиносон, иқтисодчиён – умуман ба ҳамаи онҳое, ки аз рӯи фаъолияти худ бо омӯзиш ва ташаккули шахсу коллектив алоқаманданд, ҳамчунин ба доираи васеи хонандагоне, ки ба психологияи иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи хосае зоҳир менамоянд, пешниҳод мешавад.

# 1.ПРЕДМЕТ ВА ВАЗИФАҲОИ ПСИХОЛОГИЯИ ИҶТИМОӢ. МАВҚЕИ ПСИХОЛОГИЯИ ИҶТИМОӢ ДАР СИСТЕМАИ ДОНИШҲОИ ИЛМӢ

Мафҳуми «психологияи иҷтимоӣ» дар сарчашмаҳои илмӣ чунин таъриф дода мешавад: «Психологияи иҷтимоӣ – соҳаи психология буда, қонуниятҳои рафтор ва фаъолияти одамонро дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва инчунин тавсифи психологии ҳамин гурӯҳҳоро меомӯзад».[19] Таърифи дигари ин мафҳум низ вуҷуд дорад: «Психологияи иҷтимоӣ имрӯз – яке аз соҳаҳои нисбатан ояндадори илми психология буда, ҳодисаҳои психикиро меомӯзад, ки дар рафти муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дар гурӯҳҳо ва коллективҳо, васеътар – дар ҷамоаҳои гуногуни муташаккил ва номуташаккил рӯй медиҳанд».[25]

Ҳамин тавр, психологияи иҷтимоӣ ҳамчун илми мустақили психологӣ дар заминаи психология ва сотсиология пайдо шудааст. Ба қисматҳои асосии психологияи иҷтимоӣ дохил мешаванд:

-психологияи шахс;

-тавсифдиҳандаҳои психологии гурӯҳҳои иҷтимоӣ;

-қонуниятҳои муошират ва муносибати байниҳамдигарии одамон дар рафти фаъолияти якҷоя;

-муносибатҳои байнишахсие, ки дар ҷамоаҳои одамон, гурӯҳ ва коллективҳои гуногун ба вуҷуд меоянд.

Дар асоси тадқиқотҳои анҷомдодаи психологҳои иҷтимоӣ «принсипҳои асосии методологияи он муайян карда шуда, доираи масъалаҳои асосии таърихӣ-фалсафӣ ва гносеологӣ равшан гардид, предмет ва методҳои он аниқ шуд. Аҳамияти амалии тамоилҳои иҷтимоӣ-психологӣ барои банақшагирии иҷтимоӣ, идоракунии коллективҳои меҳнатӣ, оптимизатсияи коммуникатсияи оммавӣ, барои фаҳмидагирии илмии принсипҳои касбмуайянкунӣ ва ғ. низ нишон дода шудаанд».[29]

Дар атрофи предмети психологияи иҷтимоӣ то ба ҳамин рӯз баҳсу мунозираҳои илмии гуногун вуҷуд дорад. Як гурӯҳи олимон ба сифати масъалаи марказӣ психологияи иҷтимоии шахс - қонуниятҳои ташаккули он, муносибати байниҳамдигарии шахс ва коллектив, муоширати фардҳо ва шаклҳои фаъолияти психикии онҳоро дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ пешниҳод менамоянд. Намояндагони нуқтаи назари дигар предмети психологияи иҷтимоиро дар тадқиқу омӯзиши «ҳодисаҳои оммавии техника», «рафтори коллективона, психологияи синфҳо, миллат ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ»

дидаанд. Ниҳоят гурӯҳи сеюми муҳаққиқон кӯшиши муттаҳид намудани ду нуқтаи назари дар боло зикршударо кардаанд.

Шарти ҳалкунандаи мавҷудияти ҷамъияти инсонӣ фаъолият ва пеш аз ҳама фаъолияти моддӣ мебошад. Аз ин рӯ омӯзиши ҷиҳатҳои иҷтимоию психологии фаъолият ва таъсири он ба зуҳуроту ташаккули психикаи одамон муносибати муҳимтарини методологии психологияи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Одамон дар рафти фаъолият на танҳо олами моддӣ, балки психологии худашонро дигаргун месозанд.

Масъалаи муошират барои психологияи иҷтимоӣ аз он ҷиҳат аҳамияти махсусро дорад, ки бе таҳлили алоқаю робитаҳои фард бо дигар одамон фаҳмидани рафтори ӯ номумкин аст ва ҳамин тавр, бе таҳлили протсессҳои комуникативӣ дар гурӯҳҳои инсонӣ фаҳмидани чунин ҳодисаҳо, ба монанди «шуури гурӯҳӣ», «афкори ҷамъиятӣ» ва ғ. ғайри имкон аст. Дар ҳаёти ҷамъияти имрӯза нақши муҳимро воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ мебозанд. Омӯзиши ҷанбаҳои психологии муоширати байни одамон - қисмати муҳими илми иҷтимоию психологӣ аст.

Психологҳои иҷтимоӣ – масъалаи идроки байниҳамдигарии одамонро тадқиқ менамоянд, кӯшиши роҳ ёфтанро ба асрори нафосати муносибатҳои байнишахсӣ мекунанд, то ки асосҳои таъсиррасонии одамро ба одам ошкор намоянд. Омӯзиши таъсири байниҳамдигарии муносибатҳои байнишахсии одамон дар фаъолияти якҷоя имконияти муқаррар намудани баъзе механизмҳоеро медиҳанд, ки аз онҳо ҳам самаранокии ташкили фаъолият ва ҳам солимии равонию қобилияти корни иштирокчиён вобастаанд.

Психологияи иҷтимоӣ се дараҷаи тадқиқотро дорад: эксперименталӣ-эмпирикӣ, назариявӣ ва фалсафӣ-методологӣ.

Дараҷаи эксперименталӣ-эмпирикӣ предмети тадқиқи худро дорад ва он ҳодисаҳои иҷтимоӣ-психологӣ, ҷамъоварии маводҳои эмпирикие мебошанд, ки барои омӯзишу ҷамъбасткунии оянда заруранд. Ин дараҷа дар баробари зарур буданаш, инчунин маҳдуд аст, зеро усул ва техникаҳои тадқиқотии мавҷуда аз доираи омӯзиши гурӯҳҳои хурд, муносибатҳои байнишахсӣ ва шахси алоҳида дар ин ё он вазъияти иҷтимоӣ кам мебароянд. Аз ин рӯ, тадқиқотҳои иҷтимоию психологӣ танҳо бо ин дараҷа маҳдуд намешаванд.

Дар дараҷаи назариявии тадқиқот натиҷаҳои омӯзиши эксперименталӣ-эмпирикӣ ба системаи боз ҳам баландтари алоқаҳо дохил

кунонида мешавад, моделҳои илмии протсессҳои иҷтимоию психологие сохта мешаванд, ки дар ҷамъиятҳои мушаххас зоҳир мегарданд. Аҳамиятги тақиқотҳои назариявӣ дар он ифода меёбад, ки тавассути онҳо моҳият, сохти умумӣ ва сабабҳои протсессҳои психологӣ дониста гирифта шуда, бо ҳамин категорияҳои илми психологияи иҷтимоӣ ба система дароварда мешаванд. Онҳо ба сифати асос барои тадқиқотҳои эксперименталӣ-эмпирикӣ ва амалан истифодабарии натиҷаҳои омӯзиш баромад мекунанд.

Дараҷаи фалсафӣ-методологии тадқиқотҳои иҷтимоию психологӣ мавқеъ ва аҳамияти ҳодиса, протсесс ва ҳолатҳои психоогиро дар системаи иҷтимоӣ муайян карда, алоқаи дараҷаҳои назариявӣ ва эксперименталӣ-эмпирикиро аниқ намуда, имконияти ошкор намудани ҷиҳатҳои нави таъсири омили инсониро ба тараққиёти ҷамъият медиҳад.

Ҳамин тариқ, психологияи иҷтимоӣ ҳамчун системаи донишҳои илмӣ маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқамандро дар бар гирифта, ба он «маводҳои дар ҷараёни тадқиқот бадастовардашуда, асосҳои назариявӣ, принсип. қонун ва категорияҳо, фарзия, метод, усул ва техникаҳои тадқиқот дохил мешаванд. Ин система дар намуди нисбатан умумӣ метавонад ҳамчун назарияи умумӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар, ҳамчун қисмати амалии илм баромад кунад, ки дар он сухан дар бораи амалан татбиқ намудани хулосаҳои психологияи иҷтимоӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ (истеҳсолӣ, маишӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва маънавӣ) меравад.

Психологияи иҷтимоӣ бо дигар соҳаҳои илм зич алоқаманд аст: сотсиология, психологияи умумӣ, психологияи синнусолӣ, педагогика, демография, касбмуайянкунии ҷавонон ва ғ.

Сотсиология ҳамчун илм табиат ва характери меъёру арзишҳои гурӯҳӣ ва инфиродиро дар ҷамъият дида мебароад. Психологияи иҷтимоӣ бошад механизмҳои мушаххаси ташаккули онҳоро тадқиқ мекунад. Агар сотсиология сарчашмаҳои фаъоли иҷтимоии шахсро шарҳ диҳад, он гоҳ псиологияи иҷтимоӣ роҳ ва қонуниятҳои зуҳуроти онро таҳқиқ мекунад, чунин шароитҳоеро муайян менамояд, ки дар онҳо ин фаъолӣ нисбатан пурра зоҳир мешавад ва дар баробари ин омили муҳимтарини ташаккулу тараққиёти шахс мегардад.

Психологияи иҷтимоӣ таҷрибаи соҳаҳои психологияи умумӣ, синнусолӣ ва педагогиро васеъ истифода бурда, роҳҳои боз ҳам самарабахши таъсиррасонии тарбиявиро ба шахс ва коллектив кушода медиҳад, оптимизатсияи протсесси таълим ва тарбияро таъмин мекунад, ба омӯзгорон донишҳоеро медиҳад, ки ба ташаккули равияи хонандагон ёрии

бевосита мерасонад. Психологияи иҷтимоӣ омӯзгоронро бо усулҳои илмии таҳлили психологӣ намудани коллектив, муносибатҳои байнишахсӣ ва шахсияти хонандагон мусаллаҳ менамояд.

Психологияи иҷтимоӣ барои боз ҳам оқилона ошкор намудани роҳҳои ташаккули талаботҳо, мақсадгузориҳо, равияи шахс, ки дар касбмуайянкунии хонандагон нақши бузург доранд, имконият медиҳад. Психологияи иҷтимоӣ бо демография робита дорад, зеро он хусусиятҳои гурӯҳҳои калон, таъсири омилҳои гуногунро ба онҳо, аз қабили воситаҳои ахбори омма ва коммуникатсия меомӯзад.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1.Мафҳуми «психологияи иҷтимоӣ»-ро шарҳ диҳед?

2.Қисматҳои асосии психологияи иҷтимоиро номбар кунед?

3.Равияҳои асосии психологияи иҷтимоӣ кадомҳоянд?

4.Дараҷаҳои тадқиқоти иҷтимоӣ-психологиро тавсиф диҳед?

5.Алоқаи психологияи иҷтимоиро бо дигар илмҳо кушода диҳед?

## 2.МЕТОДҲОИ ПСИХОЛОГИЯИ ИҶТИМОӢ

Ҳанӯз дар психологияи иҷтимоӣ таснифи ягонаю умумиқабулшудаи методҳо вуҷуд надорад. Дар аксари ҳол ду гурӯҳи методҳоро ҷудо менамоянд: методҳои ҷамъоварии маълумотҳо ва методҳои коркарди маълумотҳо.

Маълумоте, ки дар натиҷаи тадқиқоти муташаккилонаи иҷтимоию психологӣ ба даст оварда шудааст, бояд ба талаботҳои эътимоднокӣ, асоснокӣ ва аниқӣ ҷавобгӯ бошад.

Эътимоднокии маълумотҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар ҳаммаъногии онҳо ҳангоми гузаронидани санҷишҳои такрорӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои якхела аз ҷониби муҳаққиқони гуногун ифода меёбад.

Асоснокии маълумоти иҷтимоӣ-психологӣ пеш аз ҳама бо тавсифдиҳандаҳои асбоби истифодашаванда муайян карда мешавад ва он дар қобилияти чен карда тавонистани ҳамон хусусиятҳои объектҳои омӯхташаванда ифода меёбад, ки таваҷҷӯҳи тадқиқотчиро ба худ ҷалб кардаанд.

Аниқии маълумотҳои иҷтимоӣ-психологӣ бо ҳассосии методҳои истифодашаванда барои ченкунии хусусиятҳои муҳим муайян карда мешавад.

Методҳои тадқиқотии ҳар гуна илм, аз он ҷумла дар психологияи иҷтимоӣ бо вазифаҳояш тавсиф дода мешаванд, яъне онҳо махсусан ба

ҳалли ин ё он масъалаи мушаххас равона шудаанд. Ин чунин маъно дорад, ки истифодаи методҳои мушаххас дар тадқиқотҳои иҷтимоӣ-психологӣ, пеш аз ҳама бо мақсадҳои он ва хусусиятҳои объекти омухташаванда муайян карда мешаванд.

Ҳар гуна тадқиқоти иҷтимоӣ-психологӣ аз рӯи барномаи муайяне гузаронида мешавад, ки методҳои ҷамъоварию коркарди маълумотҳоро дар бар дорад ва татбиқаш мувофиқи чунин марҳалаҳо сурат мегирад:

-ҷамъ овардани маълумотҳое, ки барои асосноккунии фарзияи пешниҳодшуда заруранд;

-таҳлили маводи ҷамъовардашуда (интихоби роҳу воситаи ботартибдарории мавод, ба шакли мувофиқ овардани мавод, таҳлил, муқоиса ва таҳлили омории маълумотҳо);

-муайян намудани эътимоднокии маълумотҳои бадастовардашуда (санҷиш ва муайян намудани он, ки то кадом дараҷа ба натиҷаҳои ҳосилшуда бовар кардан мумкин аст);

-шарҳи мазмунноки натиҷаҳои таҳлил;

-хулоса ва тавсияҳои амалӣ.

Дар ҷараёни омодашавӣ ба тадқиқот ва ташаккул додани фарзияҳои илмӣ бояд тағйирёбандаҳои вобаста ва новобастаро ҷудо намуд. Муқаррар намудани характери муносибати байни онҳо (муқаррар намудани он чиро, ки тасодуфӣ аст ё не) мақсади тадқиқоти пешбинишударо ташкил медиҳад.

**Тағйирёбандаҳои новобаста** – ин ҳамон вазъиятҳои мушаххаси психологӣ мебошанд, ки махсусан ташкил карда шудааст ва дар онҳо синф, гурӯҳ ва ё хонанда гузошта мешавад. Тағйирёбии пешбинишуда, ки онҳоро тадқиқотчӣ метавонад дар оянда бубинаду қайд намояд, тағйирёбандаҳои вобаста меноманд.

**Методи ҷамъоварии натиҷаҳои мушоҳида** – ин метод аз рӯи мақсад ва нақшаи муайян гузаронида мешавад. Натиҷаҳои мушоҳида баъди таҳлили амиқ дар фаъолияти амалӣ татбиқ мегардад. Методи мушоҳида дар қиёс бо дигар методҳо як қатор бартариҳоро дорад. Пеш аз ҳама, тавассути он ҳодиса дар лаҳзаи вуқӯъёбиаш омӯхта мешавад. Эътимодиокии ин метод дар имконияти (дар аксари ҳол аз рӯи зарурат) такроран гузаронидани он ифода меёбад. Камбудии ин методро таъсири омили субъективӣ (муносибати ман) ташкил медиҳад.

Намудҳои зерини мушоҳидаро фарқ мекунанд: воридшуда ва воридиашуда; кушода ва пӯшида; саҳрой ва лабораторӣ.

Мушоҳидаи воридшуда онро дар назар дорад, ки мушоҳидакор ба муддати муайян аъзои бевоситаи гурӯҳ ё коллективе мешавад, ки онҳо объекти омӯзиши психологӣ гаштаанд. Муҳаққиқ дар баробари ин барои дигарон на ҳамчун мушоҳидакор, балки чун аъзои баробарҳуқуқи гурӯҳ баромад карда, дар фаъолиятҳои гуногуни он иштирок менамояд. Ин вазъиятҳое ба шумор меравад, ки муаллим, роҳбари синф дар онҳо ҳангоми дарс, дар шанбегиҳо, дар рафти омодасозии шабнишиниҳо, ҳангоми озмунҳо, экскурсияҳо ва ғ. қарор доштанаш мумкин аст.

**Мушоҳидаи воридношуда** – ин «аз канор» истода мушоҳида намудан аст, вақте ки тадқиқотчӣ аъзои бевоситаи гурӯҳи мушоҳидашаванда нест. Ин намуди мушоҳида на танҳо имконияти амиқ шарҳ додани маълумотҳои бадастовардашударо медиҳад, балки равияю андешаҳои нав ба навро дар тадқиқоти банақшагирифта илқо мекунад.

Вобаста аз мавқеи ишғолкардаи мушоҳидакор нисбати объектҳои омӯзиш мушоҳидаи кушода ва пӯшидаро (инкогнито) фарқ мекунанд. Дар мактабҳо бештар намуди кушодаи мушоҳида истифода мешавад.

Яъне, хонандагон медонанд, ки онҳо дар шароитҳои муайян объекти махсуси омӯзиш мебошанд. Хонандагон ҳангоми мушоҳидаи пӯшида гумон намекунанд, ки рафтору фаъолияти психикии онҳо мушоҳида шуда истодааст.

Мушоҳидаро аз рӯи хусусиятҳои ташкил намуданаш ба саҳроӣ ва лабораторӣ ҷудо менамоянд. Объекти мушоҳида ҳангоми мушоҳидаи саҳроӣ протсессҳои реалии иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ҳангоми мушоҳидаи лабораторӣ бошад, вазъиятҳои экспериментали мушоҳида карда мешаванд.

**Методи пурсиш** – ин методи ҷамъ овардани маълумотҳои зарурии аввалин аст, ки ба пурсиши бевосита – сӯҳбат, мусоҳиба ва бавосита – анкета ҷудо карда мешавад.

Методи пурсиш дар шароти ҳозира яке аз методҳои паҳншудаи психологияи иҷтимоӣ аст. Бояд гуфт, ки ҳангоми истифодаи методи пурсиш душвориҳои муайяне ба амал меоянд – ин таъмини саҳеҳӣ ва эътимоднокии маълумотҳои ҳосилшуда аст. Модом, ки пурсиш ҳамеша ба шуури шахс равона мешавад, он гоҳ ба саҳеҳии маълумотҳои ҳосилгардида, аз як тараф, мавҷудияти (мавҷуд набудани) мақсади пурсидашаванда барои ҷавоби самимӣ додан ва аз тарафи дигар - қобилияти ба таври воқеӣ баҳо додани ӯ ба рафтори одамон, вазъиятҳо, ба хислатҳои худ ва дигарон таъсир мерасонанд. Маълумоте, ки тадқиқотчӣ

ба даст меоварад, одатан характери ниҳоӣ, вале субъективонаро дорад. Ин маҳдудиятҳои муайянеро дар соҳаи истифодаи методи пурсиш ба вуҷуд меоварад ва аз тадқиқотчӣ муқоисаи маълумоти дастрасшударо бо натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои стандартӣ, ҳуҷҷатҳо, маводҳои мушоҳида ва эксперимент талаб мекунад.

Пурсиш вобаста аз вазъиятҳои мушаххас ва инчунин аз мақсадҳои гузошташуда метавонад гурӯҳӣ (тадқиқотчӣ ба ҳама ва ё ба якчанд шахси ба ӯ муҳим муроҷиат мекунад) ва индивидуалӣ (тадқиқотчӣ якбора танҳо бо яке аз пурсидашавандагон кор мекунад) шавад.

Ғайр аз ин, пурсиши рӯ ба рӯ (тадқиқотчӣ шахсан бо пурсидашаванда алоқаю муносибат менамояд), пурсиши ғоибона (вақте ки чунин алоқаю муносибат ба амал намеояд), пурсиши шифоҳӣ (маълумотҳо аз ҷониби тадқиқотчӣ қайд карда мешавад) ва пурсиши хаттиро (ҷавобдиҳанда худаш саволномаро пур мекунад) истифода мебаранд.

**Сӯҳбат** – ин методи ҷамъ овардани маълумотҳои зарурӣ дар асоси коммуникатсияи вербалӣ (шифоҳӣ) аст. Сӯҳбат ин як намуди пурсиш буда, диалоги нисбатан озодро байни тадқиқотчӣ ва озмудашаванда дар мавзӯи муайяни ифода мекунад. Дар ҳолате, ки рафти сӯҳбат ва характери саволҳо ҷиддӣ бошанд, вақте ки пурсанда танҳо савол медиҳаду пурсишшаванда ҷавоб мегардонад – инро мусоҳиба меноманд. Мақсади мусоҳиба – ин ба даст овардани маълумотҳои зарурӣ аз ҷавобҳои мусоҳиб дар асоси саволҳои пешакӣ тайёркардашуда аст.

Шарти асосии бомуваффақият гузаронидани сӯҳбат ва мусоҳиба ташкили фазову муҳити боварибахшу дӯстона мебошад. Аз ин рӯ, барпо намудани алоқаю муносибати солим бо пурсишшаванда аз лаҳзаҳои асосию муҳимтарин ба ҳисоб меравад.

**Анкетагузаронӣ** – методи тадқиқоти иҷтимоӣ-психологӣ буда, бо ёрии анкетаҳо гузаронида мешавад ва мақсади амиқу равшан намудани маълумотҳои тарҷумаиҳолӣ, ақидаҳо, арзишу мақсадҳои иҷтимоӣ ва хислатҳои шахсии пурсидашавандаро дорад.

Бартарии анкета дар он аст, ки имконияти дар як вақт тадқиқ намудани ҳар гуна теъдоди шахсонро медиҳад. Бартарии дигараш он аст, ки коркарди омории маълумотҳоро хеле осон мегардонад. Анкета аз маҷмӯи саволҳое иборат аст, ки ҳар яки онҳо бо масъалаи марказии тадқиқот ба таври мантиқӣ алоқаманданд.

Анкетаҳои кушода ва пӯшидаро фарқ мекунанд. Анкетаҳои кушода шакли озоди ҷавоб ва пӯшида бошад яке аз шаклҳои пешниҳодшудаи ҷавобҳоро («ҳа», «не», «намедонам») ҳал менамоянд.

Барои ҳар як шакли анкета тарзи мувофиқи коркарди маълумотҳо вуҷуд дорад. Агар мақсади анкетагузаронӣ муайян намудани муносибат ба чизе ё баҳо додани чизе бошад, он гоҳ истифодаи анкетаи кушода мувофиқи мақсад аст, зеро ки ба озмудашаванда имконияти ба таври кушоду равшан иброз намудани андешаҳояшро медиҳад. Масалан, барои муайян кардани сабаби на он қадар баланд будани бартариҳои баъзе касбу ҳунарҳо дар назари хонандагон, ба экспериментатор шарту зарур нест, ки онҳоро дар чорчӯбаи ҷавобҳои пӯшидаи стандартии ҷиддӣ гузорад. Масалан, ба саволи «ба ту ин касб маъқул аст?» - дар анкетаи кушода чунин ҷавобҳоро пешниҳод кардан мумкин аст: «ҳа», «не», «фикр накардаам» ва дар анкетаи кушода бошад, саволҳо чунин шаклро гирифта метавонанд: «Ҷолибии (ноҷолибии) ин касбро дар чӣ мебинӣ?»

Ҳар яке аз ин саволҳо камбудӣ ва бартариҳои худро доранд. Масалан, натиҷаҳои саволҳои пӯшида ба осонӣ коркард мешаванд. Дар баробари ин ақидаи озмудашаванда метавонад бо ягон алтернативаи пешниҳодшуда мувофиқат накунад. Ҷавоб ба саволҳои кушода, ки табиати субъективӣ ва ихтиёриро доранд, қариб, ки муқоисанашаванда мебошанд. Ин душвориҳо ба дараҷаи зарурӣ бо пешниҳоди саволҳои нимпӯшида бартараф карда мешаванд, ки дар онҳо номгӯи алтернативҳо бо пешниҳоди алтернативаҳои «дигар» хотима меёбад. Намунаеро ҳамчун мисол меоварем:

Дар муошират бо ҳамсинфон ман:
-такаббурона муносибат мекунам;
-фикри ҳамсинфонро намеписандам;
-фикри онҳоро меписандам;
дар баҳсҳо паст намеоям;
-мекӯшам, ки аз низоъҳо дур бошам;
-ҷавоби дигар нависед_____________

Анкетаро тартиб дода истода, тадқиқотчӣ метавонад саволҳоро ба таври мустақим гузорад ё маълумотро дар бораи ҳодисаи ба ӯ муҳим бо роҳи ғайримустақим ба даст орад. Саволи мустақим одатан дар шакли шахсӣ тартиб дода мешавад ва барои ба даст овардани маълумотҳои бевосита нигаронида мешавад.

Масалан: «Ту бо воситаи оинаи нилгун зуд-зуд филм тамошо мекунӣ?» Тадқиқотчӣ ин маълумотро метавонад бо гузоштани савол дар шакли ғайримустақим ба даст орад: «Филмҳоеро номбар кун, ки ту бо воситаи оинаи нилгун дар ҳафтаи охир тамошо кардӣ?» Саволҳои ғайримустақим дар аксари ҳол дар шакли бетафовут тартиб дода мешавад. Чун қоида, ба онҳо бо майлу рағбат ҷавоб медиҳанд, хусусан, агар сухан дар бораи соҳаи шахсияти инсон ва афзалиятҳои пурсидашаванда рафта истода бошад.

**Методи сотсиометрӣ** дар байни дигар усулҳои пурсиш мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин метод барои муайян кардани дараҷа ва тавсифи муоширати байнишахсӣ дар гурӯҳҳои хурд истифода мешавад. Методи сотсиометрӣ имконият медиҳад, ки динамикаи муносибатҳои дохилии коллектив равшан карда шавад, қаробати муносибатҳои байниҳамдигарӣ аниқ гардад, гурӯҳу зергурӯҳҳо, мавқеъҳои аъзоёни гурӯҳ ва ғ. муқаррар шавад.

Яке аз камбудиҳои методи сотсиометрӣ он аст, ки ба чунин савол ҷавоб дода наметавонад: аз барои чӣ ва чаро А интихоб мекуунад Б-ро; ин метод барои фарқ кардани коллективи шаклгирифта аз гурӯҳи диффузӣ (тасодуфӣ, номуташаккил) имконият намедиҳад. Натиҷаҳои истифодаи методи сотсиометрӣ ба ҷадвал – матритса, ки номи сотсиограммаро дорад, ворид карда мешавад. Яке аз намудҳои анкетагузаронӣ **соҳаҳои мухолиф** ном дорад, ки дар тадқиқотҳои зиёд истифода мешавад. Дар тафовут аз анкетаҳои муқаррарӣ, ки яке аз ду ҷавобро («ҳа», «не») ва ё дар ҳолати ниҳоӣ якчанд ҷавобро («ҳа», «не», «намедонам») нисбати хусусият ва объекти муайян дар бар мегирад, саволномаи соҳаҳои мухолиф имконияти муайян намудани ҳам сифатҳои муайян ва ҳам дараҷаи ифодашавии онҳоро медиҳад. Методи соҳаҳои мухолиф ба анкета боз ҳам табиати ахборотӣ медиҳад ва ба таври амиқ сарфаҳм рафтан ба моҳияти ҳодисаҳои омӯхташаванда мусоидат менамояд. Муҳаққиқ ҳангоми истифодаи ин метод одатан дар даст дорои маҷмӯи сифатҳои муайяни шахс мебошад, ки ифодашавии онҳо аз рӯи шкалаи 4-балла барои ҳар соҳа (0,1,2,3) баҳо дода мешавад. Агар озмудашаванда чунин ҳисобад, ки сифати додашуда ба дараҷаи олӣ хоси тавсифшаванда ва ё аъзои гурӯҳ аст, пас ба ӯ баҳои максималии 3-балларо медиҳад. Муқобилмаънии ин сифат («босаховатӣ-хасисӣ») тибқи дараҷаи пешбинишудаи ифодашавӣ бо балли манфӣ баҳо дода мешавад. Соҳаи дар асоси баҳодиҳӣ ба даст овардашуда коркарди оморӣ карда мешавад ва дар ҳамин асос ба хулоса омадан

мумкин аст, ки то чӣ андоза сифати фарди баҳододашаванда бо тасаввуротҳои эталонии (намунавӣ) дар ин муҳит мавҷудбуда мувофиқат мекунанд.

**Методи тест.** Тест - системаи вазифаҳое мебошад, ки имконияти чен кардани дараҷаи тараққиёти хусусиятҳои муайяни психологии шахсро медиҳад. Се соҳаи асосии истифодаи тест вуҷуд дорад: а) маориф – бо сабаби тағйир ёфтани системаи таълиму тарбия чӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва чӣ миёнаи махсусу олӣ, дигаргун шудани шакл ва мазмуни барномаҳои таълимӣ; б) тайёрии касбӣ ва касбинтихобкунӣ; в) машварати психологӣ. Тестгузаронӣ имконияти муайян намудани дараҷаи актуалии тараққиёти донишу маҳорат, тавсифдиҳандаҳои шахсӣ ва ғайраро дорад.

Рафти тестгузарониро ба се марҳала ҷудо намудан мумкин аст: 1) интихоби тест (бо мақсади тестгузаронӣ дараҷаи саҳеҳӣ ва эътимоднокии тест муайян карда мешавад); 2) гузаронидани он (бо дастурҳои тест муайян мегардад); 3) шарҳи натиҷаҳо (бо системаи таҳлилҳои назариявии предмети тестгузаронӣ муайян карда мешавад).

Вобаста аз саволҳое, ки ташхис ба он равона мешавад, тестҳои ташхиси ақл, тести ноилшавӣ, қобилиятҳои махсус, тестҳои ташхиси шахс, шавқу ҳавасҳо, мақсадгузориҳо, арзишҳо, тестҳои ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ, тестҳои проективӣ (тасвирӣ), креативӣ ва ғайраро фарқ мекунанд.

Масалан, тестҳои ташхиси ақл барои ошкор намудани имкониятҳои ақлии шахс муқаррар карда шудааст. Тестҳои ташхиси ноилшавӣ дараҷаи азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаро аз ҷониби озмудашаванда аниқ менамоянд. Тестҳои креативӣ қобилиятҳои эҷодии шахсро меомӯзанду баҳо медиҳанд. Тестҳои ташхиси шавқу ҳавасҳо дилбастагии шахсро ба ягон намуди фаъолият муайян менамоянд. Тестҳои ташхиси шахс он вақт истифода мешаванд, ки зарурати чен намудани тарафҳои гуногуни фардияти инсон (мақсадгузориҳо, арзишҳо, муносибатҳо, хусусиятҳои эмотсионалӣ, байнишахсӣ ва маромҳои шахс) ба миён ояд. Тесетҳои проективӣ (тасвирӣ) ба тадқиқи яклухту томи шахс равона мешаванд ва шарҳдиҳии психологии натиҷаҳои тасвирро дар бар мегиранд. Тасвирҳои кашидаи шахс ҳамчун воситаи ҳимояи психологии ӯ баромад мекунад ва дар онҳо тасаввуроту таассуротҳои пешбардоштаи шахс инъикос меёбанд.

Дар баробари методҳои дар боло зикршуда боз чунин усулҳои ҷамъоварии маълумотро дар тадқиқотҳои иҷтимоӣ-психологӣ истифода мебаранд: худбаҳодиҳӣ, рейтинг, муқоисаи ҷуфтӣ.

**Худбаҳодиҳӣ** – баҳо додани шас ба имконияту хусусиятҳои худаш ва мавқеи ишғолкардаааш дар байни дигар одамон мебошад. Худбаҳодиҳӣ асоси шахсро ташкил медиҳад ва танзимгари рафтор ба ҳисоб меравад. Аз худбаҳодиҳӣ муносибати байниҳамдигарии шахс бо атрофиён, танқидӣ, серталабӣ ва муносибаташ ба муваффақияту нобариҳо вобаста аст. Худбаҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолияти одам таъсир расонда, ба тараққиёти минбаъдаи шахсияти ӯ мусоидат мекунад. Худбаҳодиҳӣ бо дараҷаи иддаои шахс, ки душвориҳои мақсадгузории ӯро ифода менамояд, зич алоқаманд аст. Ин ҳама имоният медиҳад, ки шахс дараҷаи боварии қатъӣ доштанашро ба худ муайян мекунад.

**Рейтинг (мулоҳизаронӣ)** – методи ченкунии психологӣ буда, дар асоси мулоҳизарониҳои доварони салоҳиятдор сурат мегирад. Рейтинг барои тартиб додани шкалаҳои баҳодиҳӣ ба тарафҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ, шӯҳратмандии одамони алоҳида, касбу ҳунарҳои оиндадор ва ғайра ёрӣ мерасонад. Тавассути ин метод маълумотҳои зарурӣ дар бораи шахс аз одамони наздики ӯ ба даст оварда мешавад. Бартарии ин метод дар муқоиса бо мушоҳидаи мустақим дар он аст, ки вақти камро талаб мекунад.

Камбудии асосии методи рейтинг аз он иборат аст, ки хулосаҳо бештар дар асоси андешаю мулоҳизаҳои субъективии шахсони салоҳиятдор бароварда мешавад. Одатан, чунин омилҳо ба баҳодиҳии доварони салоҳиятдор халал мерасонанд:

-ноаниқ ва норавшан будани мазмуни сифатҳое, ки бояд баҳо дода шаванд;

-табиати ниҳонӣ доштани баъзе хислатҳои шахс (маромҳо, талаботҳо, мақсадгузориҳо);

-имкониятҳои маҳдуди мушоҳида намудани сифатҳои шахс.

Доварон ба чунин хатоҳо ҳангоми баҳодиҳӣ роҳ медиҳанд:

-хатои олиҳимматӣ. Ин хато дар он ифода меёбад, ки шахсони салоҳиятдор майли баҳои баланд додаиро ба шахсони наздику шинос зоҳир мекунанд ва бештар аз хусуси хусусиятҳои мусбаташ гап мезананд;

-хатои мантиқӣ – дар он ифода меёбад, ки доварон баҳодиҳии монанд ба хислатҳое мекунанд, ки онҳо дар назараш байни худ алоқамананд;

-хатои мухолиф – дар майли баҳо додан ба дигар одамон дар асоси сифатҳои шахсии худ ифода меёбад;

хатои наздик будан – наздик будани ду хислати баҳододашаванда дар фазо ва вақт ба дараҷаи баланди интеркоррелятсия мебарад.

**Муқоисаи ҷуфтӣ** – асоси муқоисаро дар ин метод тавсифи одам аз рӯи як аломати муҳим (қобилияти ташкилотчигӣ; муносибат ба кор; ҳисси масъулият; меҳнатдӯстӣ; қобилияти корӣ ва ғ.) ташкил медиҳад. Як шахс бо ҳар як аъзои гурӯҳ (синф) аз рӯи аломати муҳиму зарур муқоиса карда мешавад. Ин муқоиса ифодаи математикиро мегирад: дар шахсоне, ки дараҷаи якхелаи зуҳуроти сифат мушоҳида мегардад, 1 балл дода мешавад. Агар яке аз шахсони муқоисашаванда ин сифатро ба дараҷаи баландтар зоҳир намояд, он гоҳ 2 баллро мегирад. Дар баробари ин, касе, ки дараҷаи пасттари сифатро зоҳир менамояд, ӯ соҳиби 0 балл мешавад. Натиҷаҳои методи муқоисаи ҷуфтӣ дар шкалаи баҳодиҳии муқоисавии бо балл ифодаёфта ҷой дода мешавад.

**Эксперимент (озмоиш)** – методе, ки дахолати фаъоли тадқиқотчиро ба фаъолияти озмудашаванда бо мақсади фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои омӯзиши ҳодиса ва протсессҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар бар мегирад. Эксперимент метавонад лабораторӣ бошад, вақте ки он дар шароитҳои махсуси ташкилкардашуда гузарад ва амалиёти озмудашавандагон бошад бо дастурҳо муайян карда шавад. Инчунин эксперименти табиӣ мавҷуд аст ва тавассути он ҳодисаҳои психикӣ дар шароитҳои табиӣ омӯхта мешаванд. Боз эксперименти қайдкунандаро фарқ мекунанд ва туфайли он танҳо ҳодисаҳои зарури иҷтимоию психологӣ омӯхта мешаванд. Эксперименти ташаккулдиҳанда бошад, дар ҷараёнаш сифатҳои муайяни озмудашаванда ва гурӯҳҳои онҳо инкишоф меёбанд.

## МЕТОДҲОИ КОРКАРДИ МАЪЛУМОТҲО

Методҳои ҷамъоварии маълумотҳо ҳодисаҳои психологиро ошкор менамоянд, ки ин барои кориояндаи тадқиқотчӣ дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда ва санҷиши дурустии фарзияҳои пешниҳодгардида асосу замина мегузорад. Бояд гуфт, ки ҳодиса худ аз худ ҳоло маънои ҳалли масъалаҳои тадқиқоти психологиро надоранд, зеро онҳо бояд таҳлил карда шаванд, дуруст шарҳу эзоҳ дода шуда, ҷамъбаст гарданд, яъне коркарди ҳамаҷонибаи маълумотҳои бадастовардашуда зарур аст. Чунин методҳои коркарди маълумотҳо вуҷуд доранд:

-методҳои коркарди назариявӣ ва мантиқии маълумотҳо (таҳлил, таркиб);

-методи контент-таҳлил – бо воситаи он тавсифдиҳандаҳои махсуси матнҳо ва дигар барандаҳои маълумотҳо (сабтҳои тасвирӣ, барномаҳои оинаи нилгун ва радио, мусоҳиба, ҷавобҳо ба саволҳои алоҳида ва ғ.) ошкор ва баҳо дода мешаванд. Контент-таҳлил барои ба даст овардани маълумотҳое зарур аст, ки онҳо ба баъзе меъёрҳои сифат (чун воқеият, эътимоднокӣ, валиднокӣ) ҷовоб гӯянд;

-методҳои оморӣ (баҳисобгирӣ) – ин методҳои омории амалии математикӣ буда, асосан барои коркарди натиҷаҳои экспериментали истифода мешаванд. Мақсади асосии ин методҳо баландбардории хулосаҳои асосноккардашуда дар тадқиқотҳо аз ҳисоби истифодаи мантиқи эҳтимолӣ ва моделҳои эҳтимолӣ мебошад. Дар шароити ҳозира равияҳои зерини истифодаи методҳои оморӣ ҷудо карда мешаванд: омории тасвирӣ, ки гурӯҳбандӣ, тасвири графикӣ, тасвири миқдории маълумотҳоро дар бар мегирад; назарияи ҳисоббарории оморӣ; назарияи банақшагирии озмоишҳо, ки барои ошкор кардану санҷидани алоқаҳои сабабии байни тағйирёбандаҳо хизмат мекунад.

Методи танзимдиҳӣ – муайян кардани унсурҳои объекти тадқиқот аст, ки бояд омӯхта шаванд ва аниқ намудани маҷмӯи роҳу воситаҳои интихоби онҳоро дар бар мегирад.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1.Маълумотҳои бадастовардашуда бояд ба кадом талаботҳо ҷавобгӯ бошанд?

2.Методҳои асосии ҷамъоварии маълумотҳоро тавсиф диҳед?

3.Методҳои асосии коркарди маълумотҳоро тавсиф диҳед?

## 3.АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАРАҚҚИЁТИ ПСИХОЛОГИЯИ ИҶТИМОӢ

Таваҷҷӯҳ ба протсессҳои муносибати байниҳамдигарии одамон дар ҷамъиятҳои гуногуни инсонӣ ҳанӯз дар давраҳои пештараи дури тараққиёти ҷамъиятӣ пайдо шудааст. Мушоҳидаи рафти муносибатҳои байни шахсҳо, ки дар осори мутафаккирони бисёр асрҳо таҷассум гардидаанд, ҳамон асосе ба шумор мераванд, ки минбаъд дар заминаи онҳо психологияи иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар «Республика»-и Афлотун, «Сиёсат» ва «Этика»-и Арасту, дар осори мутафаккирони ғарбу шарқ - Монтескё, Гоббс, Локк, Гелветсий,

Руно, Абу-алӣ ибни Сино, Хисрав, Саъдӣ, Ҷомӣ, Дониш ва дигарон мушоҳидаҳои бешумори рафтору кирдор, расму русум, анъанаҳои одамон дар ҷамъият ва таъсирбахшии онҳо ба якдигар оварда шудаанд. Масалан, Арасту яке аз аввалинҳо шуда дар таърихи афкори фалсафӣ ба заминаю омилҳои иҷтимоию психологии дигаргуниҳои сиёсӣ, хусусан ба «рӯҳияи исёнгароиа»-и одамони аз сохтори мавҷуда норозиву шӯришбардоранда таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. «Аввалан, - навиштааст Арасту, -бояд рӯҳияи одамони ошӯбгарро донист, дуввум – мақсадеро, ки онҳо барои он кӯшиш доранд ва ниҳоят саввум - аз чӣ асосан ноҷӯриҳои сиёсиву муноқишаҳои дохилӣ сар мезананд».[3] Арасту ба ин қонеъ нашуда, кӯшиши ошкор намудани решаҳои иҷтимоии рӯҳияҳои мувофиқи сиёсиро низ мекунад. Ӯ оид ба нобаробариҳои иҷтимоӣ андеша ронда мегӯяд: «Умуман дар ҳама ҷо сабаби ошӯбу исён - ин мавҷуд набудани баробарист ва ин ҳамоно ба одамоне, ки дар вазъияти нобаробаранд, мувофиқат намекунад. Бинобар ин, барои ба даст овардани баробарӣ ошӯбҳо бармехезанд».[3]

Муносибати иҷтимоӣ-психологӣ намудан ба шарҳи ҳаёти сиёсии ҷамъият инкишофи худро дар назариёти М.Монтескё, П.Голбах, К.Гелветсий, Д.Дидро, Ж.Ж.Руссо, А.Радишев, А.Дониш ва ғайраҳо пайдо мекунад. Андешаҳои онҳо барои фаҳмида гирифтани қонуниятҳои тараққиёти иҷтимоии фард дар ҷамъият ва инчунин дар ба вуҷуд омадани равияҳои илмии иҷтимоӣ – психологӣ имконият доданд.

Як қатор андешаҳои пурқиматро дар бораи ҳодисаҳои иҷтимоӣ-психологӣ (рӯҳияи иҷтимоӣ, афкори ҷамъиятӣ, рӯҳияи замон, урфу одат, расму русум, анъана ва ғ.) дар осори демократҳои инқилобӣ В.Т.Белинский, А.И.Герсен, Н.Г.Чернишевский, Н.А.Добролюбов, Н.К.Михайловский, П.Л.Лаврова ва дигарон пайдо намудан мумкин аст.

Саҳми эҳсосшавандаро дар тараққиёти афкори иҷтимоӣ-психологӣ Н.К.Михайловский гузоштааст. Ӯ ба масъалаҳои психологияи иҷтимоӣ ва хусусан ба мавқеъ ва нақши омили психологӣ дар ҷараёни таърих таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Н.К.Михайловский нақши психологияи иҷтимоиро дар омӯзиши маҳз ҳаракатҳои оммавии иҷтимоӣ таъкид намудааст.

Такони бевоситаро дар мустақилшавии психологияи иҷтимоӣ ҳамчун илм назариёти гурӯҳи сотсиологҳои охири асри XIX додаанд.

Ба қатори асосгузорони психологияи иҷтимоӣ ҳуқуқшинос ва сотсиологи франсавӣ Габриэл Тард (1843-1904), сотсиологи франсавӣ Густав Лебон (1841-1931) ва психологи америкоӣ Вилям Макдаугаллро (1871-1938) дохил намудан мумкин аст. Онҳо кӯшиш намуданд, ки

ҳодисаҳои иҷтимоиро аз мавқеи психология баҳо диҳанд ва барои ин принсипҳои муайяни шарҳдиҳиро муайян намуданд. Масалан, Тард принсипи тақлид, Лебон-сирояти психикӣ ва Макдаугалл – инстинктро пешниҳод намудаанд.

Аз солҳои 20-уми асри гузашта сар карда, психологияи иҷтимоӣ (ба ҷои истилоҳи «психологияи ҷамъиятӣ», ки аз ҷониби А.Лабриоллаи итолиёвӣ пешниҳод шудаю Г.В.Плеханов амалӣ гардонидааст) ба як ҷараёни асосӣ дар тараққиёти илмҳои псиологии ШМА, Англия, Олмон, Франсия ва Япония табдил ёфт. Ба омӯзиши «омили инсонӣ» даҳҳо донишкадаҳои махсус ва лабораторияҳо машғул буданд. Масалан В.Меде ва Ф.Олпорт тадқиқ намуданд, ки то чӣ андоза гурӯҳи ибтидоӣ ба аъзоёни худ ҳангоми иҷрои вазифаҳои муайян таъсири мусбӣ ё манфӣ мебахшанд. Маълум шуд, ки натиҷан умумии фаъолияти гурӯҳ мустақиман аз «паҳлӯ ба паҳлӯ» ва ё «якҷоя» амал намудани аъзоёни гурӯҳ вобаста аст. Муайян карда шуд, ки ҳатто ҳузури мушоҳидон аз зумраи шахсони барои гурӯҳ обрӯманд буда чунин муҳити гурӯҳиро ба вуҷуд меоварданд, ки он ба баландшавии самаранокии кори гурӯҳ ва аъзоёни алоҳида бурда мерасонад.

Боз чунин тадқиқотҳои ҷолиби илмӣ буданд, ки онҳо ба масъалаи то чӣ андоза муносибатҳои байнишахеӣ ба баландшавии самаранокии меҳнат, муносибат ба меҳнат ва интизоми меҳнатӣ таъсир мерасонанд, таъсир мерасоананд, бахшида шудаанд.

Э.Мейо дар рафти тадқиқотҳои худ ба хулосае омад, ки онҳо барои фаъолияти муллифони оянда дар таҳқиқи нақши «омили инсонӣ» дар истеҳсолот заминаи асосии илмӣ шуданд.

Ошкор карда шуд, ки роли муҳимро дар баландшавии самаранокии меҳнат омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ мебозанд. Яъне, самаранокии кори ҳар як коргар мустақиман аз муносибатҳои байнишахсӣ, аз системаи арзишҳо, меъёр ва мақсадгузориҳои аъзоёни гурӯҳ ё коллектив зич вобаста аст. Боз равшан гардид, ки самаранокии меҳнат на танҳо аз музддиҳӣ ва шароити кор, балки аз табиати муносибатҳои ғайрнрасмии дар гурӯҳ баамаломада низ вобаста аст.

К.Левин нисбат ба З.Фрейд дида, сарчашма ва қувваи ҳаракатдиҳандаи тараққиёти муносибатҳои байниҳамдигарии одамонро дар ҳаёти иҷтимоии онҳо мебинад. Ӯ дар назарияи «майдон»-и худ таъкид мекунад, ки талаботҳо равияи шахсро муайян намуда, сарчашмаи фаъолии шахс ба шумор меравнд. К.Левин инчунин ба омӯзиши масъалаҳои

самарабахшии таъсири байниҳамдигарии гурӯҳӣ, сарварӣ, коммуникатсияҳо, паҳншавии таъсир ва соҳибшавии обрӯю эътибор аҳамият додааст.

Солҳои 20-уми асри XX омӯзиши умуман «инсон», ки берун аз фазову вақт вуҷуд дошт, қаноат намекард. Диққати муҳаққиқонро шахси конкрет, зинда ва табиати иҷтимоӣ дошта ҷалб карда буд. Дар ин солҳо як қатор равияҳои илмӣ пайдо шуданд: «Рефлексологияи коллективӣ» (В.М.Бехтерев), «сотсиологияи биологӣ» (Ю.Васильев), «психологияи оммавӣ» (.М.А.Рейснер), «Психологияи коллективӣ» (Л.Н.Войтоловский).

Рефлексология нақши муҳимро дар ин давра дар илми рафтори одамон бозид. Рефлексология – ин равияи табиию илмӣ дар психология буду асосгузораш В.М.Бехтерев аст. Моҳияти ин равия дар он ифода меёбад, ки ягон протсесси шуурона ва бешууронаи фикр нест, ки дар берун, яъне дар рафтори одамон зоҳир нашавад. Рефлексология хусусиятҳои берунии амалҳои инсонро меомӯзад, яъне қиёфабозӣ, имову ишора, овозу нутқро дар муносибат бо таъсиротҳои ҷисмонӣ, биологӣ ва махсусан иҷтимоӣ, ки боиси рафтору кирдори ӯ мегарданд.

Рефлексология зимни чунин муносибати илмӣ механизмҳои ташаккули равияи шахс, хусусиятҳои таъсири байниҳамдигарии шахсро бо муҳити иҷтимоӣ, қонуниятҳои ташаккули меъёрҳои индивидуалӣ ва гурӯҳии рафторро комилан кушода натавонист ва фақат ба ошкор намудани алоқаҳои соддатарини мавҷудоти зинда бо ҳаёт маҳдуд шуд. Дар натиҷа чунин шуд, ки биология сотсиологияро ва физиология психологияро фаро гирифт.

Яке аз масъалаҳои муҳими психологияи иҷтимоӣ-масъалаи муносибати байниҳамдигарии шахс бо коллективҳои ташкилкардашуда буд. Бунёд ва ташаккули коллективи кӯдакон дар солҳои 20-30-юми асри гузашта вазифаи асосии ҷараёни тарбия дониста шуда буд.

Психологҳо шахсро на ҳамчун объекти таъсири гурӯҳ ё коллектив, балки фарди фаъоле мешуморанд, ки ба характери ҷоришавии муносибат ва протсессҳои дохилигурӯҳӣ таъсири амиқ мерасонад.

Дар солҳои 20-30-юм ду равия дар инкишофи психологияи иҷтимоии бачагӣ ва наврасӣ ба вуҷуд омаданд: биогенетикӣ ва сотсиогенетикӣ.

Тарафдорони равияи биогенетикӣ (Е.А.Аркин, И.А.Арямов, П.П.Блонский) андешаҳои худ ба худ рӯйдиҳандагии тараққиёти психикии шахс ва новобастагии тараққиётро аз тарбия ба асос мегирифтанд. Тарбия, ба ақидаи онҳо, омили берунӣ буда, қобилияти боздоштан ё тезонидани

рафти зоҳиршавии хусусиятҳои табиӣ ва ирсии психикиро дораду халос. Ҷонибдорони равияи сотсиогенетикӣ (А.С.Залужный, А.Б.Залкинд, С.С.Моложавый) таъкид менамуданд, ки муҳити бевоситаи шахс ба таври автоматӣ сохти сифатҳои шахсӣ ва тамоми механизмҳои мутобиқшавандаи рафторро муайян мекунанд. Дар баробари ин ба ҳамаи омилҳои муҳими тараққиёти ҷамъиятӣ ва ташаккули шахси алоҳида аҳамияти ҷиддӣ намедоданд. Муҳит ҳамчун омили нонлоҷи тараққиёти шахс эълон шуда буд ва шуурро бошад ҳангоми омӯзиш ба эътибор намегирифтанд.

На биогенетикҳо ва на сотсиогенетикҳо қувваҳои ҳаракатдиҳандаи тараққиёти шахсро дар шароитҳои ҳаёти иҷтимоии ӯ муайян карда натавонистанд ва роли коллективро низ дар ташаккули фард ҳамчун шахс ошкор нанамуданд.

Ташаккули психологияи иҷтимоӣ солҳои 30-юм дар асоси муносибати диалектикӣ – материалистӣ сурат гирифт. Акнун шахсияти кӯдак дар коллектив на танҳо ба сифати объекти тарбия, балки ҳамчун субъекти муносибатҳои байнишахсӣ дида баромада мешуд.

Асосҳои муҳимтарини педагогии ташакули коллективи кӯдакон аз ҷониби Н.К. Крупская, А.С. Макаренко ва В.А. Сухомлинский муайян карда шудаанд.

Осори А.С.Макаренко имконият дод, ки як қатор тадқиқотҳои психологӣ доир ба шахс ва ташаккули он дар коллектив (Л.И.Божович, Т.Е.Конникова, Я.Л.Коломинский, А.Н.Лукошин, К.К.Платонов ва диг.) карда шаванд. Масалан, А.С.Макаренко консепсияи шахсро дар коллектив пешниҳод намуда, дар он масъалаи муносибати байниҳамдигарии шахс ва коллектив, тараққиёти шахс дар коллектив ва ташаккули соҳаи маромҳои шахс дида баромада шуданд. Ӯ зидди чунин андешаи дар он вақт вуҷуд дошта буд, ки мувофиқи он коллектив – ин «ҷамъи фардҳост, ки ба ин ё он ангеза якхела эътибор медиҳанд. Барои ҳар як шахс маълум аст, ки ин ҷо аниқ сухан дар бораи коллективи қурбоққаҳо, маймунҳо, моллюскаҳо, полипҳо, вале на коллективи одамон меравад».[15]

А.С.Макаренко мавқеи шахсро дар коллектив ва дар системаи муносибатҳои одамон омӯхту ба чунин хулоса омад: «Коллектив ин маҷмӯи шахсиятҳои мақсаддор, муташаккил буда, соҳиби органҳои коллективанд. Дар он ҷое, ки ташкилоти шахсони ваколатдор ва масъалаи муносибати рафиқ ба рафиқ ҳаст – ин на масъалаи дӯстӣ, на масъалаи муҳаббат, на масъалаи ҳамсоягӣ, балки масъалаи вобастагии масъулиятнок аст».[16]

То солҳои 70-уми асри гузашта тадқиқотҳои алоҳида доир ба масъалаҳои психологияи иҷтимоӣ гузаронида шуда буданд (Г.М.Андреева, А.А.Бодалев, Е.С.Кузмин, Б.Д.Паригин, А.С.Чернишев, Е.В.Шорохова, М.Г.Ярошевский ва диг.), вале ин ҳама барои ташаккули мустақилияти он ҳамчун илм кифоят намекарданд.

Б.Д.Паригин бо асари калони илмиаш «Асосҳои назарияи иҷтимоӣ-псиологӣ» саҳми босазоро дар ташаккули психологияи иҷтимоӣ гузоштааст. Дар ин асари илмӣ масъалаҳои зерин дида баромада шудаанд: асосҳои методологии назарияи иҷтимоӣ-психологӣ; асосҳои феноменологии назарияи иҷтимоӣ-психологӣ;. масъалаи шахс; масъалаи муошират ва ғ.

Психология иҷтимоӣ дар шароити ҳозира ба фазли тадқиқотҳои илмии олимон мавқеи худашро дар байни дигар соҳаҳои илми психология пайдо кард ва сохтораш низ муайян карда шуд, ки ба он доираи зерини масъалаҳо дохил мешаванд.

**Ҳодисаҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар гурӯҳҳои калон** (дар макромуҳит). Ба ин ҷо масъалаҳои коммуникатсияи оммавӣ (радио, оинаи нилгун, матбуот ва ғ.), механизмҳо ва самаранокии таъсири воситаҳои ахбори омма ба ҷамоаҳои гуногуни одамон, қонуниятҳои паҳншавии мӯдҳо, расму русум, боварикунонӣ, рӯҳияи ҷамъиятӣ, овозаҳо ва ғ. дохил мешаванд.

**Ҳодисаҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар гурӯҳҳои хурд** (дар микромуҳит). Ин масъалаҳои мувофиқати психологӣ дар гурӯҳҳои баста, муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳҳои хурд, муаммоҳои муҳити гурӯҳӣ, муҳити психологӣ дар гурӯҳ, мавқеи сарвар дар гурӯҳ, намудҳои гурӯҳ, таносуби гурӯҳҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ҳудудҳои миқдории гурӯҳҳои хурд, дараҷа ва сабабҳои муттафиқии гурӯҳҳо, арзишҳои гурӯҳӣ ва ғ.

Зуҳуроти иҷтимоӣ-психологии шахсияти инсон (психологияи иҷтимоии шахс). Шахс дар психология аз нуқтаи назари мухталиф дида баромада мешавад. Масалан, аз мавқеи муайян намудани хусусиятҳои индивидуалӣ-психологӣ, аз мавқеи ҳамон талаботҳое, ки ба он фаъолияти иҷтимоӣ-меҳнатӣ (қобилият) пешниҳод мекунад, дар асоси баэътиборгирии хусусиятҳои синнусолии шахс ва ғ. Ҳамаи ин ҷанбаи умумипсихологии омӯзиши шахс аст. Аммо инсон объекти омӯзиши иҷтимоӣ-психологӣ низ мебошад, ки дар рафти тадқиқи он чунин масъалаҳо ҳалли худро меёбанд: то чӣ андоза шахсияти ӯ ба интизориҳои иҷтимоии гурӯҳҳои хурду калон мувофиқат мекунад, то чӣ андоза ӯ

таъсири ин гурӯҳҳоро қабул мекунад; арзишҳои гурӯҳҳоро чӣ гуна аз худ менамояд; механизм ва динамикаи худбаҳодиҳии шахс ва ғ. Хуллас, шахс объекти психологияи иҷтимоӣ мегардад, вақте ки дар системаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо муҳити иҷтимоӣ (бо гурӯҳҳои дар дараҷаи гуногуни тараққиёт буда) мубориза мебарад ва вақте ки хислат ва хусусиятҳои шахс муайян карда мешаванду онҳо бевосита тасвир ё худ инъикоси ҳамин муносибатҳои байниҳамдигарӣ мебошанд. Шахсро дар ин ҷо дар системаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо гурӯҳҳои гуногун – муташаккил ва номуташакил, референтӣ (эталонӣ), хурд ва калон, реалӣ, шартӣ ва ғ. дида мебароянд. Аз ин рӯ, ба масъалаҳои психологияи иҷтимоии шахс муаммоҳое дохил мешаванд, ки бо омӯзиши равияи шахс, устуворӣ ва комформӣ, коллективизму индивидуализм, мақсадгузориҳои шахс, ояндаҳои шахс, дараҷаи иддао ва ғ. алоқамананд.

Ин се доираи масъалаҳои зикршуда бо ҳам зид набуда, балки онҳо дар ягонагӣ мебошанд ва аз якдигар вобастаанд.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1.Сабабҳои пайдоиши психологияи иҷтимоӣ кадомҳоянд?

2.Олимони асри XIX дар муайян кардани ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва психологӣ чӣ гуна андешаҳо доштанд ва кадом принсипҳоро пешниҳод намудаанд?

3.Моҳияти назарияи «Майдон»-и К.Левинро кушода диҳед?

4.Моҳияти назарияи рефлексологияи В.М.Бехтеревро кушода диҳед?

5.Моҳияти равияҳои биогенетикӣ ва сотсиогенетикӣ дар чӣ зоҳир мешавад?

6.Масъалаи асосии психологияи иҷтимоӣ дар шароити ҳозира кадомҳоянд?

## 4.МУҲИТИ ИҶТИМОӢ. ШАХС ВА ГУРӮҲ. ТАВСИФИ УМУМИИ ГУРӮҲҲОИ ИҶТИМОӢ

Ҳодисаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ҳангоми боҳамтаъсиррасонии муҳити иҷтимоӣ, шахс ва гурӯҳ зоҳир мешаванд. Бинобар ин, ҳангоми омӯзиши онҳо пеш аз ҳама оиди муҳити иҷтимоӣ, оиди шахс ва гурӯҳ, ҳамчун субъектҳои ин ҳодисаҳо ва дар бораи шароитҳои умумии баҳамтаъсиррасонии онҳо тасаввуроти пурраи саҳеҳ бояд пайдо намуд.

Мафҳуми «муҳити иҷтимоӣ» дар адабиётҳои илмӣ чунин шарҳ дода мешавад: «муҳити иҷтимоӣ-ин ҳамаи он чизест, ки инсонро дар ҳолати иҷтимоиаш иҳота намуда, ҳамчун объекти инъикоси психикӣ хизмат

мекунад. Инсон таъсирро дар тӯли тамоми ҳаёти худ (оила, мактаб, техникум, мактаби олӣ, коллективи коргарӣ, дӯстон, рафиқон ва ғ.) ҳис менамояд. Ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ муҳити иҷтимоии шахсро ташкил медиҳанд. Шахс ва гурӯҳҳо маҳз дар чунин вазъиятҳои мушаххаси муҳити иҷтимоӣ амал мекунанд».[11]

Муҳити иҷтимоии мушаххас аз ҷиҳати психологӣ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои байни шахс ва гурӯҳ баромад мекунад. Муносибати муҳити иҷтимоӣ ва шахс лаҳзаҳои хеле муҳими субъективиро доранд. Муҳити иҷтимоӣ нисбати шахс дида табиати тасодуфиро соҳиб аст. Ин ҷиҳати тасодуфӣ хусусан дар ҷанбаи психологии он хеле назаррас аст, зеро характер ва хусусиятҳои шахсҳо нақши худро дар муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо мегузоранд. Вале ин тасодуф низ танҳо то ҳудудҳои муайян идома меёбад. Одатан, он ба сохти ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва муносибатҳои дар он рӯйдода вобаста аст.

Намудҳои муҳити иҷтимоиро дар сохтори форматсияҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста аз мавқеи ишғолкардаи гурӯҳҳо фарқ мекунанд: муҳити коргарӣ, муҳити деҳқонӣ, муҳити зиёӣ, муҳити нишонаҳои фосиқию қаллобидошта (муҳити ҷинояткорӣ). Инчунин муҳити шаҳр ва деҳотро фарқ мекунанд. Боз муҳитҳои иҷтимоиеро ҷудо мекунанд, ки ба онҳо меҳнати ҷисмонию фикрӣ, намудҳои гуногуни фаъолият хос мебошанд – истеҳсолӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ, илмӣ, педагогӣ ва ғ.

Бо масъалаи муҳити иҷтимоӣ масъалаи тарзи ҳаётгузаронии шахс ва гурӯҳҳои хурд зич алоқаманд аст. Муҳити иҷтимоӣ аз маҷмӯи муносибатҳои мураккабе иборат аст ва шахс бештар дар дараҷаҳои мухталифи фаъолӣ дар онҳо иштирок менамояд. Маҷмӯи муносибатҳои амалие, ки шахс дар муҳити иҷтимоӣ зоҳир менамояд, тарзи ҳаёт ва зистани ӯро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, форматсияи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ-муҳити иҷтимоӣ-тарзи ҳаёту зист – шахс - чунин аст нақша ва рафти воридшавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба муносибатҳои одамон ва раванди иҷтимоигардии шахс дар ҷамъият.

Шахс объекти омӯзиши бисёр илмҳо аст: этика, фалсафа, ҳуқуқ, эстетика ва инчунин як қатор илмҳои дигар. Шахсро ҳар яке аз ин илмҳо аз мавқеи махсуси худаш меомӯзад. Омӯзиши шахс барои психологияи иҷтимоӣ ва фалсафа пеш аз ҳама бо тадқиқи рафтору амалҳои одамон дар ҷамъият, бо мақсаду маромҳои интихобкардаи онҳо алоқаманд аст.

Дар психологияи иҷтимоӣ мафҳумҳои «фард», «фардият ва шахс» [illegible] мавқеъ ҷудо ва шарҳи худро ёфтаанд.

Фард – «инсон ҳамчун мавҷудияти ягонаи табиӣ, маҳсули тараққиёти филогенетикӣ ва этногенетикӣ, ягонагии хусусиятҳои модарзодӣ ва [illegible]овардашуда, барандаи хислатҳои махсуси фардӣ (нишонаҳои [illegible], майлҳо ва ғ.) аст; намояндаи алоҳидаю ҷудогонаи ҷамъияти инсонӣ, ки аз доираи маҳдудиятҳои табиии (биологӣ) худ мебарояд; мавҷудияти иҷтимоӣ, ки олоту аломатҳоро истифода мебарад ва тавассути инҳо рафтор ва протсессҳои психикии худашро аз худ менамояд. Ҳар ду маънои истилоҳи «фард» бо ҳам алоқамананд ва инсонро аз ҷиҳати алоҳидагию ҷудогонагии ӯ маънидод мекунанд. · Тавсифдиҳандаҳои нисбатан умумии фард: «пуррагии ташкилоти психофизиологӣ, устувории фаъоли боҳамтаъсиррасонӣ ба олами иҳотакарда».[19]

Фардият – «инсон, ки аз тарафи «фарқиятҳои аз дигар одамон доштаи муҳити иҷтимоӣ»-аш тавсиф дода мешавад; гуногунии психика ва шахсияти фард, такрорнашавандагии ӯ. Фардият дар хусусиятҳои мизоҷ, характер, дар махсусияти шавқу ҳавасҳо, сифатҳои протсессҳои персептивӣ ва ақл, талабот ва қобилиятҳои фард зоҳир мешавад».[19]

Шахс – ин мафҳумест, ки таърифҳои зиёди гуногунро дорад. Аксарияти онҳо одамро ҳамчун «маҷмӯи сифатҳои иҷтимоӣ дар намудҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ташаккулёбанда», ҳамчун «маҳсули тараққиёти ҷамъиятӣ, субъекти меҳнат, муошират ва маърифат» баҳо медиҳанд. Таърифи зерин пурмӯҳтавотар аст: «шахс – ин одамест ҳамчун субъекти фаъоли фаъолият, оламро созанда, гузашта аз ин барандаи шуур ва худшиносӣ».[25]

Шахсро одатан дар психология аз рӯи ду сохташ тавсиф медиҳанд: психологӣ ва иҷтимоӣ. Ба унсурҳои сохти психологӣ хусусиятҳои психологӣ, ки одатан онро «хислатҳои шахс» меноманд, дохил мешаванд. Сохти иҷтимоии шахсро таҷрибаҳои азхудкардаи иҷтимоии ӯ (дониш, маҳорат, малака, одат ва ғ.) ташкил медиҳанд.

Сохти психологии шахсро дар адабиёти илмӣ-психологӣ аз мавқеъҳои гуногун дида мебароянд ва онҳо дар маҷмӯъ моҳияти иҷтимоии шахсро кушода медиҳанд. Масалан, С. Л. Рубинштейн чунин сохтро пешниҳод намудааст:

а) равия – дар талабот, шавқу ҳавас, идеал, эътиқод, маромҳои бартаридошта, рафтор ва ҷаҳонбинӣ зоҳир мешавад;

б) дониш, маҳорат – дар рафти ҳаёт ва фаъолияти маърифатӣ ба даст оварда мешавад.

в) фардият – дар мизоҷ, характер ва қобилиятҳо зоҳир мегарданд.

Психолог К.К.Платонов сохти шахсро дар чунин унсурҳо дидааст:

а) равия;

б) таҷрибаи иҷтимоӣ (дониш, маҳорат, малака);

в) шаклҳои инъикос (қобилиятҳои фардӣ);

г) зерсохти табиати биологӣ дошта (хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсӣ).

Аз назари психолог К.К.Ковалев сохти психологии шахс чунин аст:

а) равия;

б) характер (тарзи рафтор, сифатҳои иродавӣ);

в) имкониятҳо (системаи қобилиятҳо);

г) системаи машқҳо, ки худидоракунӣ ва назоратро таъмин менамоянд.

Масъалаи муносибати хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар одам ва шахс хеле мураккаб аст. Хусусиятҳои биологӣ нақши худро дар ташаккули шахсияти инсон мегузоранд. Бояд гуфт, ки ҳамаи хусусиятҳои модарзодии шахс аз овони кӯдакӣ инкишоф меёбанд ва тадриҷан дар дараҷаҳои гуногун иҷтимоӣ мегарданд. Ҳамаи хусусиятҳои биологӣ ба дараҷаи каму беш иҷтимоӣ мегарданд ва хусусиятҳои иҷтимоӣ бошад дар навбати худ аз хусусиятҳои биологӣ комилан ҷудо буда наметавонад.

Сифатҳои муҳими иҷтимоии шахс инҳоянд: коллективизм, талқиншавандагӣ, конформӣ.

Коллективизм – ин ҳисси ҳамраъйии шахс бо коллектив ва тавассути коллектив бо ҷамъият аст. Ин сифат бо ягонагии мақсадҳои шахс, гурӯҳ ва ҷамъият муайян карда мешавад. Коллективизм дар шароитҳои фаъолияти меҳнатӣ ҳам зоҳир мешавад ва ҳам ташаккул меёбад.

Талқин – ин ҳодисаи иҷтимоӣ-психологӣ буда, танҳо дар рафти муоширати одамон зоҳир мешавад. Моҳияташ дар он аст, ки ҳар як инсон бо дигар одамон муошират карда истода, андеша, тасаввурот ва ё водоркунандаҳои амали онҳоро беихтиёр қабул менамояд ва гӯё аз они худи ӯ шуда мемонад. Талқин дар аксари ҳол бо ёрии калима, вале баъзан тавассути қиёфабозӣ ва имову ишора низ сурат мегирад.

Талқиншавандагӣ ҳамчун сифати шахс бо идроки ғайританқидӣ ва фаҳмидагирии нокифояи мазмуни муошират алоқаманд аст.

Ин хусусият ба тақлидкорӣ наздик аст. Фарқияташон дар он аст, ки шахс на ба калима, балки ба амалҳои шахсии дигар тақлид мекунад. Аммо ҳангоми талқин бошад, талқинкунанда фаъолу талқиншаванда пассив аст. Дар рафти тақлид намудан тақлидшаванда метавонад бехабар монад ва дар ин ҳолат шахси тақлидкунанда одатан фаъол аст. Талқиншавандагӣ ва тақлидкорӣ бо тафаккур чандон алоқамандӣ надорад, чӣ қадаре ки онҳо бо ҳиссиёту эмотсияҳо ва аз ҷумла ҳисси боварӣ доранд. Ин ду хусусият дар як сифати дигари шахс, ки конформӣ ном дорад, инъикоси худро пайдо мекунад.

**Конформӣ** – тандиҳӣ ё худ тобеъшавии одам ба фишори додаи воқеӣ ва ё хаёлии гурӯҳ аст, ки дар тағйирёбии рафтор ва мақсадгузориҳои ӯ зоҳир мешавад. Конформии берунӣ (оммавӣ) ва дохилиро (шахсӣ) фарқ мекунанд. Якумаш, тобеияти намоишкоронаро ба фикри гурӯҳ бо мақсади ба даст овардани таҳсину писандидан ва аз мазаммат дур шудан ифода мекунад. Дуюмаш, дар асоси муборизаи ботинӣ муайян намудани объективияти нуқтаи назари аъзоёни гурӯҳ ва ботинан қабул кардани мавқеи онҳо мебошад. Ҳар ду намуди конформизм қатъи назар аз тафовутҳояшон воситаи хуби бартараф намудани ихтилофу низоъҳо ба шумор мераванд. Нонконформизм яке аз зуҳуротҳои дигари конформизм аст.

**Нонконформизм** – новобастагии шахс аз гурӯҳ, эътирози ӯ муқобили итоаткунӣ, кӯшиши бо ҳар роҳе набошад бар хилофи аксарият баромад кардан, дар ҳама ҳолатҳо нуқтаи назари аксро таъкид намудан аст. Шахс қисмати бештари фаъолияти ҳаёташро дар гурӯҳ амалӣ мегардонад.

«Гурӯҳи иҷтимоӣ – ба маънои васеъаш маҷмӯи калони умумиятҳои одамон аст, ки дар асоси нишонаю аломатҳои иҷтимоии бо ҳаёти ҷамъият алоқаманд, дар заминаи системаи муносибатҳои ҷамъиятии дар ҷамъият мавҷудбуда (иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, маданӣ, динӣ ва ғ.) ба вуҷуд меоянд.

Ба ҳамин тариқ, гурӯҳ умумияти одамон аст, ки дорои ҳайати маҳдуд буда, дар асоси аломатҳои муайян (характери фаъолияти иҷрошаванда, мансубияти иҷтимоӣ ва ё синфӣ, сохтор, композитсия, дараҷаи тараққиёт ва ғ.) ташаккул меёбад. Таснифоти бештар маъмули гурӯҳҳо аз рӯи миқдори аъзоёни гурӯҳ инҳоянд: калон, хурд, микрорасмӣ ва ғайрирасмӣ; аз рӯи алоқаи байниҳамдигарии бевосита: реалӣ ва шартӣ; аз рӯи дараҷаи тараққиёт: дараҷаи пасти тараққиёт (ассотсиатсия, корпоратсия, гурӯҳи диффузӣ) ва дараҷаи баланди тараққиёт (коллективҳо, гурӯҳи гомфотерӣ); аз рӯи аҳамиятнокӣ, гурӯҳҳои референтӣ, гурӯҳҳои аъзогӣ ва ғ.

Гурӯҳи калон – умумияти расмию муташаккили одамони миқдоран зиёд буда, ки ба ин ё он фаъолияти ҷамъиятӣ (масалан, коллективи мактаб ё мактаби олӣ, корхона, муассиса) ҷалб шудаанд. Дар гурӯҳи калон меъёрҳои рафтор, арзишҳои ҷамъиятӣ, маданӣ, анъанаҳо ва афкори ҷамъиятӣ кор карда мешаванд. Агар дар гурӯҳҳои реалии калон бо ягон сабабе фаъолияти идоракунанда амал накунад, он гоҳ ин гурӯҳ ба умумияти одамони ба таври стихиявӣ амалкунанда – издиҳом табдил мёбад. Гурӯҳи калонро ташкил медиҳанд: синфҳо, миллат, ташкилотҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, дин ва ғ.

Гурӯҳи хурд – шумораи начандон зиёди одамони (3-7-15 нафар) бо ҳам робита дошта, ки аз рӯи мақсад ва вазифаҳои умумиашон муттаҳид гаштаанд. Чунин намудҳои гурӯҳҳои хурдро фарқ мекунанд (Ниг. ба нақша!).



**Гурӯҳи номиналӣ** – маҷмӯи одамоне, ки аз рӯи ягон аломат ҷудо карда шудаанд ва барои мақсадҳои таҳлил мувофиқ аст. Масалан, гурӯҳҳо аз рӯи синну сол, тарзи фикрронӣ, ҷои истиқомат ва ғ. Гурӯҳи ноимналиро инчунин шартӣ ва ё статистикӣ низ меноманд. Дар ин гурӯҳ алоқаю робитаҳои ҳатмӣ ва бевосита вуҷуд надоранд.

**Гурӯҳи ибтидоӣ** – як навъи гурӯҳи хурд (оила, гурӯҳи ҳамсолон, дӯстон) буда, рафти сотсиализатсияи ибтидоиро таъмин мекунад. Гурӯҳи ибтидоӣ чун гурӯҳи хурд дар асоси робитаҳои бевоситаи шахсӣ, ки тобиши баланди эмотсионалиро доранд, ташаккул меёбад. Гурӯҳи ибтидоӣ ҳамеша ғайрирасмист.

**Гурӯҳи референтӣ** – умумияти реалӣ ва ё шартии одамон аст, ки фард меъёр, андеша ва арзишҳои онро ҳамчун эталон (намуна) қабул мекунад ва дар рафтору худбаҳодиҳии худ ба онҳо такя менамояд. Гурӯҳи референтӣ ду вазифаи асосиро ба ӯҳда дорад: меъёрӣ ва муқоисавӣ.

**Гурӯҳи расмӣ** – гурӯҳи иҷтимоӣ буда, дорои асоси ҳуқуқӣ аст ва қисми муайяни ташкилоти ҷамъиятӣ ба шумор рафта, мақсади ноил шуданро ба ягон натиҷаи муайян (маҳсулот, хизматрасонӣ ва ғ.) дорад. Вазифаи гурӯҳи расмӣ-таъмини боинтизомӣ, банақшагирӣ, идоракунии фаъолияти аъзоёни он аст.

**Гурӯҳи ғайрирасмӣ** – умумияти реалии одамон аст, ки асоси ҳуқуқиро надорад ва зимни шавқу ҳавас, дӯстию рафиқӣ ва таваҷҷӯҳи умумӣ ташаккул меёбад.

**Гурӯҳи шартӣ** – умумияти одамон, ки аз рӯи аломати муайян (характери фаъолият, ҷинс, синну сол, савияи маълумот, миллат ва ғ.) муттаҳид шудаанд. Аъзоёни ин гурӯҳ метавонанд бо ҳам муносибат надошта бошанд ва дар бораи якдигар чизеро надонанд. Масалан, тими яккачини футболбозони ҷавон, ки ҳар сол аз ҷониби рӯзноманигорон тартиб дода мешавад ва ғ.

**Гурӯҳи реалӣ** – умумияти одамони миқдоран маҳдуд, ки дар асоси муносибат ва мақсадҳои реалии онҳо ташкил ёфтааст. Гурӯҳи реалӣ (синф, бригадаи коргарон, оила, қисми ҳарбӣ ва ғ.) муддати кӯтоҳ ва ё дароз вуҷуд дошта метавонад.

**Гурӯҳи диффузӣ** – умумияти одамони пароканда буда, дар он муттаҳидӣ ва фаъолияти якҷоя мушоҳида намешавад. Масалан, навбат дар мағоза, мусофирони дохили нақлиёти ҷамъиятӣ ва ғ.

Гурӯҳи гомфотерӣ – намуди махсуси гурӯҳ, ки бо зуҳуроти дараҷаи баланди муносибатҳои байнишахсӣ, бо самаранок иҷро намудани кори

фармуда тавсиф дода мешавад. Чунин гурӯҳи одамон муддати дароз бо нияти иҷрои мақсадҳои ҷамъиятӣ аз ҷамъият дур мемонанд. Масалан, кайҳоннавардон, экспедитсияи қутбшиносон, экспедитсияи геологӣ ва ғ.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1.Мафҳуми «муҳити иҷтимоӣ»-ро таъриф диҳед?

2.Таърифи мафҳумҳои фард, фардият ва шахсро диҳед?

3.Моҳияти мафҳуми «равия»-ро кушода диҳед?

4.Барои шарҳ додани сохти психологии шахс мисолҳо оваред?

5.Нақши хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоиро дар тараққиёти психикии шахс фаҳмонед?

6.Сифатҳои муҳимтарини иҷтимоии шахс кадомҳоянд?

7.Таърифи мафҳуми гурӯҳро диҳед?

8.Таснифоти гурӯҳҳоро оварда, тавсифи мухтасари онҳоро диҳед?

## 5.ТАВСИФИ ПСИХОЛОГИИ ГУРӮҲҲОИ КАЛОН

Тадқиқи иҷтимоӣ-психологии гурӯҳҳои калон душвориҳои ба худ хосро соҳиб аст ва ин пеш аз ҳама ба гурӯҳҳои нисбатан муташаккилу устувор таaллуқ дорад. Фаровонии методҳои тадқиқе, ки барои омӯзиши гурӯҳҳои хурд мушоҳида шуд, мутаассифона, инро дар ҳаққи симои психологии синф, миллат ва дигар гурӯҳҳои ба ин монанд дида наметавонем. Моро ин вазъият метавонад ба чунин ақидае оварад, ки умуман, соҳаи гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ ба таҳлили амиқи илмӣ дода намешаванд. Ба болои ин ягон таҷрибаи анъанавии чунин тадқиқот вуҷуд надорад ва ин ҳолат боз ҳам ин ақидаро тақвият мебахшад.

Психологияи иҷтимоӣ бе ин соҳаи муҳим, яъне бе психологияи гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ ҳуқуқи даъвои илм карданро надорад. Зеро маҳз туфайли гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ меъёрҳои мушаххаси иҷтимоӣ, арзишҳо, мақсадгузориҳо ва талаботҳо дар ҷамъият ба вуҷуд оварда мешавад. Ҳамаи ин унсурҳои психологияи ҷамъиятӣ дар асоси таҷрибаи таърихии гурӯҳҳои калон ташаккул меёбанд. Таҳлили психологии гурӯҳҳои калон имконият медиҳад, ки боз ҳам амиқтар ба мазмун ва сохти фардияти инсон сарфаҳм равем. Бояд гуфт, ки барои дониста гирифтани ҷанбаҳои муҳими психологияи ҷамъиятӣ протсесс ва ҳаракатҳои оммавии иҷтимоӣ низ нақши бузургро доранд. Табиати дигаргунсозиҳои ҷамъиятӣ, иштироки бевоситаи одамон дар ҳаракатҳои инқилобӣ, ҷараёнҳои мураккаби ташаккули шуури ҷамъиятӣ – ин ҳама омилҳои муҳиме мебошанд, ки сохти психологии гурӯҳҳои калонро низ тавсиф дода

метавонанд. Барои ҳамаҷониба дида баромадани гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ бояд ба чунин саволҳо ҷавобҳои мушаххас дод: аввалан, ба гурӯҳҳои калон кадом гурӯҳҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд; дуюм, сохти психологияи гурӯҳҳои калон, унсурҳои таркибӣ, табиат ва равобити онҳо чӣ гунаанд; сеюм, таносуби байни психикаи фардҳои алоҳида ва унсурҳои психологияи гурӯҳӣ чӣ гуна аст; чаҳорум, кадом методҳоро барои омӯзиши ин ҳодисаҳо истифода бурдан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки ин масъалаҳои зикршударо пеш аз ҳама илми сотсиология меомӯзад ва психологияи иҷтимоӣ бошад, дар навбати худ ба тадқиқи онҳо низ диққати ҷиддӣ медиҳад. Чӣ тавре ки муҳаққиқон ишора мекунанд, психологияи иҷтимоӣ бояд ба донишҳои сотсиологӣ такя намуда, ҳалли ин масъалаҳоро ба роҳ монад.

Пас, зери гурӯҳи калони иҷтимоӣ чиро мефаҳмем? Одатан, аз рӯи меъёри миқдорӣ гурӯҳҳо тавсиф дода мешаванд. Мувофиқи ин меъёр гурӯҳҳои калон ба ду намуд ҷудо карда мешавад: умумияти тасодуфан пайдо шуда ва кӯтоҳмуддат вуҷуддоштаи одамон, ки ба он издиҳом, шунавандагон, тамошобинон, аудитория ва ғ. дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм чунин умумияти одамоне дохил мегарданд, ки дар рафти тараққиёти таърихи ташаккул ёфтаанд, дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи муайянро ишғол намудаанд ва аз ин рӯ, дарозмуддат ва ба таври устувор вуҷуд доранд. Ба он синфҳо, гурӯҳҳои гуногуни этникӣ (масалан, миллат), гурӯҳҳои касбӣ, гурӯҳҳое, ки аз рӯи синну сол ва ҷинсият шакл гирифтаанд, ба монанди ҷавонон, занон, пиронсолон ва ғ. дохил мешаванд.

Ҳамаи гурӯҳҳои калони номбаршуда баъзе аломатҳои умумиро соҳибанд ва бо ин аз гурӯҳҳои хурд фарқ мекунанд. Гурӯҳҳои калон дорои танзимаҳои махсусе мебошад, ки тавассути онҳо рафтори одамон ба низому тартиб дароварда мешавад ва онҳоро гурӯҳҳои хурд надоранд. Онҳо – урфу одат, расму оин ва анъанаҳо. Мавҷудияти ин танзимаҳо бо мавҷудияти таҷрибаи махсуси ҷамъиятӣ алоқаманд аст, ки барандааш ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ягонагии хусусиятҳои мавқеи ҳаётии ин гурӯҳҳо бо танзимаҳои махсуси рафтор тарзи ҳаёти гурӯҳро тавсиф медиҳад. Тарзи ҳаёти гурӯҳ, шавқу ҳавасҳо, манфиатҳо, арзишҳо, талаботҳо, шаклҳои гуногуни муошират намуданро дар бар мегирад. Забон тавсифдиҳандаи дигари психологии гурӯҳҳои калон ҳисобида мешавад.

Бояд қайд кард, ки ҳамаи гурӯҳҳои калон дар баробари умумият доштанашон боз аз якдигар низ фарқ мекунанд. Ҳеҷ вақт дар як қатор синф, миллат, ин ё он касбу кор ва ҷавононро гузоштан мумкин нест.

Моҳияти ҳар як намуди гурӯҳҳои калон дар рафти таърих гуногун аст, чӣ навъе ки бисёр хусусиятҳои онҳо гуногунанд. Бинобар ин тамоми тавсифдиҳандаҳои гурӯҳҳои калон бояд бо мазмун ва мундариҷаи махсус пур карда шаванд.

Сохти психологияи гурӯҳҳои калонро якчанд унсурҳо ташкил медиҳанд. Ин - хусусиятҳои гуногуни психикӣ, протсессҳои психикӣ ва ҳолатҳои психикӣ. Дар адабиёти психологӣ дар атрофи муайян кардани унсурҳои сохти гурӯҳҳои калон андешаҳои гуногун ҷой доранд. Як гурӯҳи психологон (Г.Г.Дилигенский, А.И.Горячева, Ю.В.Бромлей ва диг.) ду қисмати таркибиро ҷудо намудаанд: 1) тарзи ҳаёти психикӣ, ки ба он характери миллӣ, урфу одат, расму оин, анъана, завқҳо ва ғ. дохил мешаванд; 2) соҳаи эмотсионалӣ, ки он талаботҳо, шавқу ҳавасҳо, ҳолатҳои рӯҳӣ, ҳиссиёт ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳар як унсури зикршуда бояд мавзӯи таҳлили махсуси иҷтимоӣ дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ-психологӣ гардад.

Синфҳои иҷтимоӣ дар байни гурӯҳҳои калон мавқеи хосро соҳибанд. Психологияи иҷтимоӣ ҳангоми тадқиқи психологияи синфҳо ба принсипҳои илмии сотсиология такя менамояд. Дар дастури бисёрҷилдаи «Психологияи иҷтимоӣ» (зери таҳрири Г.Линдсей ва Э.Аронсон) қайд карда мешавад, ки худи мафҳуми «синф»-ро америкоиҳо ва аврупоиҳо гуногун мефаҳманд. Масалан америкоиҳо мафҳуми «синфи коргар», «буржуазия» ва ғайраро истифода намебаранд. Онҳо истилоҳи «синфи миёна», «синфи паст» ва ғайраро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Синфҳо дар ҳар гуна сохти ҷамъият, ба ғайр аз ҷамъияти общинаи ибтидоӣ вуҷуд доранд. Онҳо аз рӯи мавқеи ишғолкардаашон дар системаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз рӯи муносибаташон ба воситаҳои истеҳсолот, аз рӯи нақши бозидаашон дар ташкили ҷамъиятии кор ва аз рӯи андозаи ба даст овардани музди меҳнат аз якдигар фарқ мекунанд.

Аломатҳои иҷтимоӣ-психологии синфҳо инҳоянд:

-мавқеи иҷтимоие, ки ин ё он синф дар сохти муайяни ҷамъиятӣ дорад;

-усул, сифат ва тарзи ҳаёту зиндагии синфҳо;

-анъанаҳо, мақсадгузориҳо, стереотипҳо (одатҳои шахшуда), доираи муошират ва ғ.;

-одоби иҷтимоӣ, забони махсуси доираи одамон.

Сохти синфии ҷамъият ҳодисаи дигаргуншаванда буда, он пеш аз ҳама аз сохти давлат, иқтисодиёт ва ҷамъият вобаста аст.

Яке аз унсурҳои муҳими сохти синф талаботҳон он ба ҳисоб меравад. Масъалаи талаботҳои инсон дар психологияи умумӣ кор карда шудааст. Маълум аст, ки мавқеи синфии фарди ҷомеа сохти талаботҳои ӯро муқаррар менамояд. Дар баробари ин омилҳои боз ҳам мураккабтар, ба монанди вазъияти воқеии ҳаёти табақаҳои гуногуни ҳамон як синфро ба эътибор гирифтан зарур аст. Ҳамин тавр, шароитҳои умумии меҳнат ва маишати синфи коргар билкулл сохти талаботҳои ӯ ва мавқеи табақаҳои алоҳидаро муайян мекунанд.

Унсури муҳими дигари соҳаи эмотсионалии психологияи синф манфиатҳои синфҳо мебошад. Табиати манфиатҳои синфҳоро бештар сотсиология тадқиқ намудааст. Бар замми ин як қатор масъалаҳои он таҳлили иҷтимоӣ-психологиро талаб менамоянд. Аз назари психологӣ бояд равшан намуд, ки манфиатҳои синфӣ чӣ нисбате ба манфиатҳои умумиинсонӣ доранд ва чӣ тавр ба рафтори ҳар як фарди алоҳида таъсир мерасонанд. Манфиатҳо, ҳамчун манфиатҳои ҳамаи гурӯҳ ташаккул меёбанд, вале ҳар як аъзои синф на танҳо бо як гурӯҳ, балки бо зергурӯҳҳои дигар низ робита дорад ва дар муносибатҳои сатҳан гуногун иштирок менамоянд. Зимни чунин муносибатҳои байнишахсию корӣ бурриши манфиатҳо ба амал меояд ва дар ниҳоят манфиатҳои муҳиму устувори аъзоёни синфҳо амиқу равшан мегарданд.

Манфиати синфҳоро ҳизбҳо ифода менамоянд. Сабаби муттаҳид шудани одамон дар ҳизбҳо бо психологияи майлу рағбат доштани одамон ба ҳокимият алоқаманд аст. Беҳуда нест, ки зери ҳизб чунин гурӯҳи сиёсиеро мефаҳманд, ки тавассути интихобот номзадҳои худро ба аъзогии ҳокимият пешбарӣ менамояд.

Бисёрҳизбӣ асоси ҷамъияти демократӣ аст. Монополизм дар сиёсат ва иқтисодиёт барои тараққиёти ҷамъият марговар аст. Бисёрҳизбӣ дар баробари ин ҳаёти ҷамъиятиро мураккаб мегардонад ва бе мавҷудияти маданияти муайян он ба бесарусомонӣ, сарчашмаҳои хавфу хатар табдил меёбад.

«Ҳиссиёти иҷтимоӣ» унсури дигари психологияи синф дониста шудааст. Тавассути «ҳиссиёти иҷтимоӣ» ҳолатҳои эмотсионалии синфҳо ва аъзоёни онҳо тавсиф дода мешавад. Ҳангоми рух додани ошубҳо инқилобҳо, гирдиҳамоиҳо, эътирозҳо ва ғ. ҳолатҳои рӯҳии иҷтимоӣ барҷъло равшан мегарданд.

Симои психикии синф дар характери иҷтимоӣ ифода меёбад. Аз таҷрибаи дигар илмҳо – таърих, фалсафа, маданиятшиносӣ бисёр маводеро

ба даст оварда метавонем, ки зуҳуроти хислатҳои гуногуни характери иҷтимоиро дар бар мегиранд, ки ба ин ё он синф тааллуқ доранд. Характери иҷтимоӣ - ин як навъ риштаи пайвасткунандаи психика бо сохти иҷтимоии ҷамъият аст.

Тарзи ҳаёти психикии синфҳо инчунин дар урфу одатҳо, расму оинҳо ва анъанаҳо ифодаи худро гирифтааст. Ҳамаи ин танзимаҳое ба шумор меравад, ки туфайлашон рафтор ва фаъолияти аъзоёни гурӯҳи иҷтимоӣ ба назму тартиб дароварда мешавад. Урфу одатҳо ва расму оинҳо зери таъсири шароитҳои муайяни ҳаётӣ ташаккул меёбанд ва сипас устувору мустаҳкам гардида, ба танзимаҳои рафтор табдил мегарданд. Таҳлили урфу одат ва расму оинҳо - ин худ масъалаи иҷтимоӣ-психологӣ аст. Зуҳуроти ин танзимаҳо дар синфҳои гуногун дар давраҳои гуногун як хел ба амал намеоянд. Муқаррар шудааст, ки урфу одатҳо ва расму оинҳо беҳад устувор аз ҷониби деҳқонон нигоҳ дошта мешаванд. Шаҳрҳои калон, баръакс, бо мавҷудияти гуногуни системаи муошират ба омехташавии урфу одатҳо ва расму оинҳо мусоидат менамоянд.

Анъана – воситаи нигоҳдошт, гузаронидан ва азнавҳосилкунии таҷрибаи чӣ мусбат ва чӣ манфӣ аст. Одатан, дар адабиёти психологӣ онро «ширеши иҷтимоӣ» меноманд. Дар ҳар як ҷамъият як қатор анъанаҳое вуҷуд доранд, ки ба мустаҳакам намудани бардавомии он равона шудаанд. Онҳоро аз рӯи асосҳои гуногун тасниф менамоянд. Анъанаҳои миллӣ ва дигар анъанаҳоро ҷудо мекунанд.

Анъанаҳо барои солимию устувории ҷамъият заминаю шароит фароҳам меоваранд.

Акнун хусусиятҳои психологии гурӯҳҳои этникиро дида мебароем. Гурӯҳҳои этникӣ дар рафти таърих аҳамияти калонро соҳиб гашта, ҳамчун гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ ҳисобида шудаанд. Нисбат ба психологияи синф дида, хусусиятҳои психологии гурӯҳҳои этникӣ ва пеш аз ҳама миллат хубтар тадқиқ шудааст. Аз ин рӯ як шохаи нави илм – этнопсихология ба вуҷуд омад, ки зимни ду илм – психологияи иҷтимоӣ ва этнография ташаккул ёфт. Баъзе муаллифон этнопсихологияро ҳамчун қисмати асосии психологияи иҷтимоӣ эътироф менамоянд.

Миллат ҳамчун яке аз намудҳои гурӯҳҳои этникӣ дар давраи ташаккулёбии капитализм ба вуҷуд омадааст. Ба ҷуз миллат дигар намудҳои зерини онро фарқ мекунанд: халқият, гурӯҳҳои миллӣ ва ғ. Мутаассифона, бисёр вақт ҳангоми тадқиқот масъалаҳои психологии «характери этникӣ» бо характери миллӣ омехта карда мешаванд, ҳарчанд

онҳо аз якдигар тафовутҳои иҷтимоӣ - психологии зиёдреро соҳибанд. Ҳамин ҳолатро ҳангоми дида бароматани мафҳумҳои «психологияи миллӣ», «ҳиссиёти миллӣ» ва «худшиносии миллӣ» низ мушоҳида кардан мумкин аст. Анъанаи омӯзиши психологяи гурӯҳҳои этникӣ аз В.Вундт оғоз меёбад, ки ӯ ба масъалаи «психологияи халқҳо» эътибор додааст. Вундт В. «халқ»-ро ҳамчун гурӯҳи этникӣ тавсиф медиҳад. Ба андешаи ӯ методи тадқиқи психологияи гурӯҳҳои этникиро омӯзиши худи расму оинҳо, урфу одатҳо, асотирҳо, ривоятҳо, забон ва ғ. ташкил медиҳанд, зеро ин унсурҳо тавсифдиҳандаҳои сохти ин гурӯҳҳо дониста шудааст.

Мансубияти миллии (этникӣ) фарди иҷтимоӣ омили бениҳоят муҳим барои психологияи иҷтимоӣ ба шумор меравад, зеро он тавсифдиҳандаҳои муайяни ҳамон муҳити хурдеро дар бар мегирад, ки шахс дар он шароитҳо ташаккул меёбад. Махсусияти этникӣ ба дараҷаи муайян дар таҷрибаи таърихии ҳар як халқ ифода ёфта, азхудкунии ин таҷриба бошад мазмуни муҳими рафти сотсиализатсияи шахс ба ҳисоб меравад. Шахс туфайли муҳитҳои наздик, пеш аз ҳама оилаю мактаб махсусиятҳои маданияти миллӣ, расму оин ва анъанаҳоро аз худ мекунад. Воситаи фаҳмидани мансубияти этникӣ, пеш аз ҳама миллӣ, аз шароитҳои иҷтимоӣ-таърихии мавҷудияти ин гурӯҳи этникӣ вобаста аст. Як қатор тавсифдиҳандаҳоеро ҷудо кардан мумкин аст, ки ба ин гурӯҳи этникӣ хос мебошанд. Яке аз онҳо симои психикии миллат ба шумор меравад. Дар адабиёти этнопсихологӣ кӯшиши ба тартиб даровардани сохти симои психикии миллӣ карда шудааст. Ҳамин тавр, дар психологияи этникӣ ду ҷанбаро дар ҳалли ин масъала фарқ мекунанд: ҷанбаи нисбатан устувор – сохтори психикӣ (характер ва миҷози миллӣ, расму русум ва анъанаҳо; соҳаи эмотсионалӣ, ки ба он ҳиссиёти миллӣ ва ё этникӣ дохил мешавад. Дар муайян намудани моҳияти характери миллӣ баҳсу мунозираҳои зиёде вуҷуд дорад. Характери миллӣ бояд хислатҳои хоси на одамони алоҳида, балки гурӯҳҳоеро ифода намояд, ки дар шароитҳои муайяни таърихӣ зоҳир мешаванд.

Соҳаи асосии зуҳуроти характери миллӣ шаклҳои гуногуни фаъолият аст. Аз ин рӯ, тадқиқи характери миллӣ туфайли омӯзиши маҳсули фаъолияти ин ё он миллат имконпазир аст: дар баробари таҳқиқи расму оин ва анъанаҳо таҳлили санъати халқӣ ва забон нақши муҳим мебозад. Бояд гуфт, ки гузариши хислатҳои характери миллӣ дар рафти сотсиализатсия, пеш аз ҳама тавассути забон сурат мегирад.

Дар гурӯҳҳои этникӣ мизоҷ ва қобилиятро низ аз унсурҳои таркибии сохтори психикӣ мешуморанд, ҳарчанд дар адабиёти илмӣ дар атрофи ин масъала андешаҳои пурихтилоф вуҷуд дорад. Ҳамин нуқта мусаллам шудааст, ки ҳангоми баҳо додани мизоҷи миллӣ дараҷаи зуҳуроти ин ё он типи мизоҷи бартаридошта бояд ба асос гирифта шавад ва набояд ба таври сунъӣ ба гурӯҳи муайяни этникӣ мизоҷи муайянро «часпонем». Масъалаи қобилиятҳои миллӣ ҳам омӯзиши ҷиддиро мехоҳад, зеро дар шароитҳои ҳукмронии идеологияи иртиҷоӣ баҳодиҳии барғалат ба амал меояд ва ин ба паст кардани қадру манзалати гурӯҳҳои этникӣ бурда метавонад.

Дар адабиёти илмӣ тестҳои зиёде номбар мешаванд, ки тавассуташон ташхиси қобилиятҳоро ба роҳ мондан мумкин аст. Вале на ҳама вақт ҳар гуна тест метавонад хусусиятҳои маданиятҳои гуногунро ба ҳисоб гирад. Ин ҳолат ба пастшавии натиҷаҳои санҷиши тестӣ мебарад. Дар аксари ҳол ин аз мутобиқ накунонидани тест ба шароитҳои махсуси ин маданият рӯй медиҳад. Ҳамаи ин метавонад ба зуҳуроти судҷӯии миллӣ ё худ сӯиистифода асос гузорад.

Ҳамин тавр, психологияи этникӣ ва натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидан он имконият медиҳанд, ки дар шароити ҳозира механизмҳои иҷтимоӣ-психологии ташаккули худшиносии миллиро муайян намоем. Психологияи иҷтимоӣ дар ҳалли ин масъала саҳмгир шуда метавонад.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1.Аҳамияти омӯзиши гурӯҳҳои калон дар чӣ зоҳир мешавад?

2.Намудҳои гурӯҳҳои калон кадомҳоянд?

3.Моҳияти тарзи ҳаёти гурӯҳро чӣ ташкил медиҳад?

4.Сохти психологияи гурӯҳҳои калонро муайян кунед?

5.Синфро ҳамчун гурӯҳи калони иҷтимоӣ тавсиф диҳед ва аломатҳои психологии онро номбар кунед?

6.Унсурҳои психологии сохти синфро фаҳмонед?

7.Миллатро ҳамчун яке аз намудҳои гурӯҳи этникӣ тавсиф диҳед?

## 6.ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИЯИ КОЛЛЕКТИВ ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ИҶТИМОӢ. ТАВСИФИ РАФТОРҲОИ АЗ ДОИРАИ КОЛЛЕКТИВ БЕРУН

Дар адабиёти сотсиологӣ, психологӣ ва педагогӣ аксар вақт коллектив гуфта ҳаргуна гурӯҳи муттаҳиду муташаккилро меноманд: гурӯҳи томактабиён дар боғчаи бачагон, аҳли синф дар мактаб, гурӯҳи донишҷӯён, гурӯҳи ҳуқуқвайронкунандгон дар калонаи ислоҳотию

меҳнатӣ, бригадаи истеҳсолӣ, ҳайати нав ташаккулёфтаи қисми ҳарбӣ ва ғ. Албатта, чунин истифодаи муқаррарии истилоҳи «коллектив» ба дараҷаи муайян қобили қабул аст. Баъзеи ин гурӯҳҳои номбаршуда метавонанд коллектив бошанд, агар ба талаботҳон муайян ҷавоб дода тавонанд. Баъзеи дигарашонро умуман, ба қатори коллективҳо ворид намудан мумкин нест.

Солҳои охир як тамоили равшани илмие пайдо шуд, ки туфайли он на ҳаргуна умумияти одамони якҷоя амалкунанда ё коркунанда, балки гурӯҳи олиташкил ва бо муттаҳидию муттафиқӣ фарқкунанда, дорои дараҷаи баланди фаъолияти якҷоя буда ва равияи коллективона доштаро коллектив меноманд.

Ҳамин тариқ, мувофиқи гӯфтаи психологони машҳури рус А.В.Петровский ва В.В.Шпалинский «...коллектив – ин гурӯҳи муташаккил буда, аъзоён дар он аз рӯи арзиш, мақсад ва вазифаҳои умумии фаъолият, ки барои гурӯҳ куллан ва барои ҳар як каси он алоҳида-алоҳида муҳиманд, муттаҳид гаштаанд ва дар он муносибатҳои байнишахсӣ бо мазмуни аз назари ҷамъиятӣ пурқиммат ва аз назари шахсӣ муҳими фаъолияти якҷоя тавсиф дода мешаванд».[20]

Коллективро намояндагони илмҳои гуногун – фалсафа, сотсиология, психология, педагогика, иқтисодиёт, ҳуқуқ ва ғ. меомӯзанд. Предмети тадқиқи психологҳо масъалаҳои психологии муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва таъсири байниҳамии аъзоёни коллектив: муттаҳидии коллектив, мувофиқати психологии аъзоёни он, муҳити психологӣ, идроки коллектив аз ҷониби аъзоёни он, ҳолати рӯҳӣ ва худэҳтиромкунии шахс дар коллектив, дурнамои он дар алоқамандӣ бо дурнамои худи коллектив ва ғ. мебошанд. Хусусиятҳои психологии фаъолияти намудҳои гуногуни коллективҳо (таълимӣ, истеҳсолӣ, ҳарбӣ, варзишӣ ва ғ.) аз характери фаъолият ва мавқее, ки коллектив дар байни дигар коллективҳо дорад, вобаста аст.

Коллектив ҳамчун намуди махсуси гурӯҳи иҷтимоӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки намудҳои дигар онҳоро надоранд. Ин фарқиятҳо чӣ дар адабиёти педагогӣ ва чӣ психологӣ ба таври возеҳ шарҳ дода шудаанд. Пеш аз ҳама чунин хусусиятҳо қайд карда шудааст: муташаккилӣ, ёрии байниҳамдигаӣ, танқиди хайрхоҳона, ҳамҳиссию ҳамдардӣ, зуҳуроти устуворӣ дар ноилшавӣ ба мақсадҳо, мувофиқати психологӣ ва ғ.

Яке аз тарафҳои муҳими масъалаи коллектив муносибатҳои байнишахсӣ ба шумор мераванд, ки аз рӯи сохташон табиати

гуногундараҷаро соҳибанд. Дараҷаи якумро муносибатҳои байнишахсие ташкил медиҳанд, ки тавассуташон аломатҳои пайдоиши коллективро аз гурӯҳи диффузӣ (пароканда) муайян кардан мумкин аст. Асоси ин дараҷаро амалиёти гурӯҳӣ – ҷозибадории эмотсионалӣ ё нафратоварии аъзоёни гурӯҳ, мувофиқати гурӯҳӣ ё амалҳои хуб ташаккулёфта, талқиншавандагии зиёд ё кам ва ғ. ташкил медиҳад.

Дараҷаи дуюмро маҷмӯи муносибатҳои байнишахсие тавсиф медиҳанд, ки зимни фаъолияти коллективона арзиш, мақсад ва идеалҳои аз назари ҷамъиятӣ пурқиммат ва аз назари шахсӣ муҳими аъзоёни гурӯҳи иҷтимоӣ бояд зоҳир шаванд.

Алоқамандии диалектикии ҳодисаҳои иҷтимоӣ-психологии дар ҳар ду дараҷа зикршуда як навъ сохти мураккаби муносибатҳои байнишахсиро дар коллектив ташкил медиҳанд, ки дар психология номи сохти стратометриро гирифтааст.

Нақши асосиро дар самаранокии фаъолияти коллектив мувофиқати гурӯҳӣ ва мувофиқати байнишахсӣ мебозанд.

Мувофиқати гурӯҳӣ нишондиҳандаи иҷтимоӣ-психологии муттаҳидии гурӯҳ буда, муошироти беихтилоф ва амалҳои бо ҳам мувофиқи аъзоёни онро дар шароити фаъолияти якҷоя инъикос менамояд. Мувофиқати гурӯҳӣ дар шароитҳои фаъолияти коллектив дараҷаҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад. Масалан, дараҷаи пасти мувофиқати гурӯҳиро мувофиқати психофизиологии мизоҷҳо ва характерҳои аъзоёни коллектив ташкил медиҳанд. Дараҷаи нисбатан баланди мувофиқати гурӯҳӣ бо мувофиқати ролу вазифаҳои иҷрошавандаи аъзоёни гурӯҳ тавсиф дода мешавад. Аъзоёни гурӯҳ тасаввурот пайдо мекунанд, ки бо кӣ ва бо чӣ гуна пайдарпаӣ мақсадҳои барои ҳама умумӣ бояд иҷро карда шаванд.

Дараҷаи олии мувофиқати гурӯҳӣ танҳо ба коллективи ташаккулёфта хос аст, ки асоси онро ягонагии комили мақсаду арзишҳои гурӯҳӣ ташкил медиҳад.

Мувофиқати байнишахсӣ мафҳумест, ки қабули байниҳамдигарии шарикони муошират ва фаъолияти якҷояро ифода мекунад. Ин фаъолият дар асоси монандии мақсадгузориҳои иҷтимоӣ, шавқу ҳавас, маром, талабот, характер ва дигар тавсифдиҳандаҳои фардию психологии барои муносибатҳои байнишахсӣ муҳим иҷро мешавад.

Мувофиқати психологӣ, чун қоида, зимни пайдоиши ҳусни таваҷҷӯҳи байниҳамдигарӣ, эҳтиром ва боварӣ ба оқибатҳои хуби алоқаҳои оянда ба амал меояд.

Таъсири ҷамъият ба муҳити психологӣ ниҳоят калон аст. Шароити моддӣ, маданӣ ва иҷтимоие, ки дар онҳо шаҳрвандон зиндагию фаъолият мекунанд, ба зуҳуротҳои гуногуни муҳити психологӣ боис мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо эмотсияҳои манфӣ ва озурдагиро дар одамон ба амал меоварад.

Мувофиқати психологӣ намудҳои худро дорад. Мувофиқати иҷтимоӣ-психологӣ - ҳодисаи нисбатан мураккаб буда, дар худ фарқиятҳои муайяни шахсиро фаро гирифтааст, ки аъзоёни гурӯҳро барои иҷрои ролҳои гуногуни иҷтимоӣ омода месозанд.

Инчунин мувофиқати иҷтимоӣ-идеологиро фарқ мекунанд. Ин навъи мувофиқат дар асоси умумияти арзишҳои идеологӣ, монандии мақсадгузориҳои иҷтимоӣ, зимни ташаббускорӣ ва равияи аъзоёни гурӯҳи иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

Масъалаи сарварӣ яке аз муаммоҳои ҳаёти коллектив ба шумор меравад.

«Сарвар – аъзои гурӯҳ буда, ҳуқуқи қабул намудани қарорҳои масъулиятнокро дар вазъиятҳои ба ӯ муҳим дорад, яъне шахсияти нисбатан обрӯманд аст, ки нақши воқеии марказиро дар ташкили фаъолияти якҷоя ва идоракунии муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар гурӯҳ мебозад».[19] Сарварӣ дар натиҷаи муошират ва таъсири байниҳамдигарии аъзоёни коллектив сурат мегирад. Сарварӣ ба рафти ташаккули гурӯҳ ва шахсияти аъзоёни он таъсири амиқ мебахшад.

Сарварӣ бо мафҳуми дигар – роҳбарӣ алоқаманд аст. Агар сарварӣ аз рӯи табиати худ бо идоракунии муносибатҳои байнишахсӣ алоқаманд бошаду табиати ғайрирасмиро гирад, он гоҳ роҳбарӣ барандаи вазифа ва воситаҳои батанзимдарории муносибатҳои расмии иҷтимоӣ аст. Аз ин рӯ, ба қавли психолог А.В.Петровскнй «сарварӣ ҳамчун протсесси худташкилкунии дохилии иҷтимоӣ-психологӣ, ҳамчун худидоракунии муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва фаъолияти аъзоёни гурӯҳ аз ҳисоби ташаббуси индивидуалии иштирокчиён муайян карда мешавад».[20]

Дар психологияи иҷтимоии ҳозира ду равияи омӯзиши масъалаи сарварӣ вуҷуд дорад. Якумашро «назарияи хислатҳои сарвар» меноманд ва мувофиқи он шахс ҳамчун сарвар ба дунё меояд. Баъзе хусусиятҳои модарзодии ӯ (қувва ва ҳаракаткунии протсессҳои асабӣ, қобилият ба

ҳамҳиссӣ, қобилияти равшан ифода ёфтаи эвристикӣ ва ақлӣ), чӣ навъе ки намояндагони ин назария тасдиқ мекунанд, имконияти мавқеи ҳукмрон буданро дар ҳар гуна вазъият ва ё ба худ гирифтани роли сарвариро дода метавонанд.

Дуюмаш, назарияи «сарварӣ ҳамчун функсияи гурӯҳ» буда, дар шароити ҳозира бениҳоят нуфуз пайдо кардааст. Ҳамон як шахс дар гурӯҳҳои гуногун мавқеъҳои гуногунро соҳиб шуда метавонад ва инчунин нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ ва байнишахсиро мебозанд.

Психологи машҳури рус Б.Д.Паригин меҳисобад, ки «модели сарварӣ бояд зимни се асос сохта шавад: а) мазмун; б) усул; в) характери фаъолияти сарвар. Дар ин сурат се дараҷаи зерини сарварӣ ба вуҷуд меояд:

1) Аз рӯи мазмуни фаъолият: а) сарвар – илҳомбахш, ки барномаи рафтору амал карданро пешниҳод мекунад; б) сарвар – иҷрокунанда, ки ташкилотчии иҷрои барномаи додашуда аст; в) сарваре, ки якбора ҳам илҳомбахш ва ҳам иҷрокунанда аст.

2) Аз рӯи усули роҳбарӣ: а) авторитарӣ; б) демократӣ; в) унсури ҳар ду усулро истифодабаранда.

3).Аз рӯи характери фаъолият: а) универсалӣ, яъне мунтазам сифатҳои сарварро зоҳир менамояд; б) вазъиятӣ, яъне сифатҳои сарварро танҳо дар вазъияти муайян ва махсус зоҳир мекунад.

Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки тахминан ҳашт типи сарварҳоро муайян намоем:[18]

-сарвар – илҳомбахш (барномасоз) – авторитарӣ – универсалӣ;
-сарвар – барномасоз – авторитарӣ – вазъиятӣ;
-сарвар – барномасоз – демократӣ – универсалӣ;
-сарвар – барномасоз – демократӣ – вазъиятӣ;
-сарвар – ташкилотчӣ (иҷрокунанда) – авторитарӣ – универсалӣ;
-сарвар – ташкилотчӣ – авторитарӣ – вазъиятӣ;
-сарвар – ташкилотчӣ – демократӣ - универсалӣ;
-сарвар – ташкилотчӣ – демократӣ – вазъиятӣ.

Бояд гуфт, ки бо ҷудо намудани сарварҳо усули роҳбарӣ ба коллективҳо низ амиқ мегардад. Дар психологияи иҷтимоӣ асосан ду усули роҳбарӣ ба коллективҳоро фарқ мекунанд: авторитарӣ ва демократӣ.

Сарвари типи авторитарӣ одатан мустақилона амал мекунад ва андешаи атрофиёнро сарфи назар менамояд («ман ҳамеша ҳақ ҳастам»). Фармондиҳӣ, дастурдиҳӣ, танбеҳ, раҳматнома эълон кардан шаклҳои асосии алоқа намудан бо аъзоёни коллектив аст. Сарвари авторитарӣ

муносибатҳои байнишахсии дар коллектив шаклгирифтаро ба инобат намегирад, дар симои «ситораҳо» ва «писандидаҳо»-и гурӯҳ рақиби худро меҷӯяд. Ӯ ташаббуси боамаломадаро буғӣ мекунад, зеро ба ақидааш «ба ҷуз ӯ ҳеҷ касе инро намебинад ва наметавонад». Ҳамаи ин ба сустшавии ҳисси масъулиятшиносии аъзоёни коллектив сабаб мешавад. Чунин сарвар камбудии аъзоёнро дар ҳузури дигарон танқиду тамасхур мекунад, вале роҳиислоҳи онро намефаҳмад. Кор дар ғоибии чунин сарвар суст мегардад ва ё қатъ меёбад.

Сардари демократӣ нисбати сардари авторитарӣ дида, бо роҳи маслиҳату машварат бо аъзоёни коллектив масъалаҳои ҳалталабро дида мебарояд. Аъзоёни коллектив ӯро ҳамчун «яке аз худашон» меҳисобанд. Ӯ супоришҳоро бо дарназардоштӣ қобилиятҳои фардии аъзоён тақсим мекунад ва «ситораҳо»-и коллективро барои боннтизом мустаҳакамнамоии муттаҳидӣ васеъ истифода мебарад. Сардари демократӣ моҳияти фаъолияти худро на танҳо дар назорат кардан, балки дар таълиму тарбияи аъзоёнаш мебинад. Дар чунин муҳити солими кор ташаббускорӣ ривоҷу равнақ ёфта, ба фаъолияти эҷодии коллектив шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад. Шаклҳои асосии муносибати сардари демократӣ инҳоянд: хоҳишу илтимос, маслиҳату машварат, ахборотдиҳӣ, такя намудан ба донишу маҳоратҳои тобеони худ, талаффузи боварибахш ва ғ. Фаъолияти коллектив дар ғоибии чунин сардар қатъ намеёбад, баръакс, дараҷаи он чун пештара боқӣ мемонад.

Тавсифи иҷтимоӣ – психологиии фаъолияти сардарҳои авторитарӣ ва демократӣ ба таври умумӣ баъзе хусусиятҳои усулҳои роҳбариро кушода дод. Дар вазъиятҳои мушаххаси фаъолият баъзан истифодаи ирода, яъне як андоза рӯ овардан ба усули авторитарӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Дар адабиёти илмӣ-психологӣ дар баробари коллектив инчунин мафҳуми издиҳомро истифода мебаранд. Издиҳом дар илми иҷтимоӣ-психологӣ ҳамчун ҷамъшавии нисбатан кӯтоҳмуддати ботинан номуташаккили одамон тавсиф дода мешавад, ки аз умумияти равшани мақсадҳо маҳруманд, вале байни худашон аз рӯи монандии ҳолати эмотсионалӣ ва объекти умумии диққат робитадор мебошанд. Издиҳом дар асоси овозаҳо ва сирояти эмотсионалӣ ташаккул меёбад. Ҳамин тавр, тадқиқи масъалаи рафтори одамони аз доираи коллектив берун ба миён омад.

Чор намуди асосии издиҳомро ҷудо менамоянд:

-издиҳоми оказионалӣ (тасодуфӣ), ки бо зуҳуроти кунҷковӣ ба ҳодисаи ногаҳон рӯйдода алоқаманд аст (садамоти нақлиётӣ ва ғ.);

-издиҳоми конвенсионалӣ, ки бо зуҳуроти шавқу ҳавас ба ин ё он тамошоҳои пешакӣ эълон кардашудаи оммавӣ (мусобиқаҳои варзишӣ, консертҳо ва ғ.) алоқаманд аст;

-издиҳоми экспрессивӣ, ки ба таври якҷоя ифода намудани муносибати умумиро ба ин ё он ҳодиса (шодию сурур, рӯҳбаландӣ, эътироз, нафрат ва ғ.) мефаҳманд;

-издиҳоми экстатикӣ, ки одамон дар асоси сироятшавии байниҳамдигарӣ гирифтори ҳолати ҷунун (дар маросимҳои оммавии динӣ, консертҳо ва ғ.) мешаванд;

-издиҳоми амалкунанда, ки дар навбати худ боз чунин зернамудҳоро дорад: издиҳоми агрессивӣ (зананда); издиҳоми воҳимаангез; издиҳоми молпарастон; издиҳоми шӯришгарона;

-издиҳоми худ ба худ рӯйдиҳанда дар натиҷаи ягон ҳодиса ташаккул меёбад. Ин ҳодиса диққати одамони ҷамъшударо ба худ мекашад ва шавқу ҳавасро ба он бедор менамояд. Шахси ба издиҳом наздикшуда аз дигарон маълумоти муайяни таъсирбахшро дар бораи объекти шавқу ҳавас мегирад ва тадриҷан тобеи он шуда, чун дигарон ҳиссиёти нав пайдо мекунад, яъне таъсири байниҳамдигарии одамони ҷамъшуда ба амал меояд. Инро реаксияи даврагӣ меноманд, ки зинаи аввали ташаккули издиҳомро ифода мекунад.

Дар зинаи дуюм ҳиссиётҳои пеш пайдошуда пурҷӯшу хурӯш мегарданд ва ҳолати эътибор додан ба ин маълумоти аз иштирокчиён додашуда пайдо мешавад. Ҳаяҷони ботинии пайдошудаи одамон аз ҳодиса онҳоро барои бо ҳам гуфтугӯ кардан водор месозад. Ҳаяҷон дар асоси даврзании андешаронихо боз ҳам шиддат мегирад ва одамон бошанд боз ҳам бо ҳам умумият пайдо мекунанд ва ба фаъолияти якҷоя намудан тайёр мешаванд.

Протсесси даврзанӣ зинаи сеюми ташаккули издиҳоми амалкунандаро ташкил медиҳад. Дар ин зина объекти нави умумии диққат пайдо шуда, импулс, ҳиссиёт ва хаёли ҳама ба он нигаронида мешавад. Аввалан, агар объекти умумии шавқу ҳавасро ҳодисаи боҳаяҷоноваранда ташкил диҳаду атрофи худ одамонро ҷамъ намояд, он гоҳ дар ин зина объекти нав образ ба ҳисоб меравад, ки дар ҷараёни даврзанӣ ҳангоми гуфтугӯи иштирокчиёни издиҳом ба вуҷуд меояд. Ин образ маҳсули

эҷодиёти гурӯҳӣ буда, аз ҷониби ҳама эътироф мегардад ва ба сифати объекти рафтори якҷоя баромад мекунад.

Зинаи охирини ташаккули издиҳоми амалкунандаро фаъолгардонии одамон тавассути водоркуниҳои иловагӣ дар бар мегирад. Ин ҷо нақши талқин баланд аст ва онро одатан саркар ба ӯҳда мегираду одамонро ба рафторҳои гуногун, аз ҷумла агрессивӣ водор месозад.

Олимон механизмҳои ташаккули издиҳомро тадқиқ намуда ба хулоса омаданд, ки дар рафтори он дар баробари таъсири идеологӣ, инчунин таъсири ягон ҳодисаю ахбори муайян мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, дар амалҳои издиҳом як навъ якҷояшавии таъсири идеологӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ ба амал меояду он ба рафторҳои гурӯҳи одамон бевосита ворид мегардад, ҳиссиёт, ирода ва рӯҳияи якхелаю якҷоя тобиши идеологӣ пайдо мекунанд.

Яке аз намудҳои рафтори одамон воҳима ба шумор меравад. Воҳима ҳамчун ҳолати эмотсионалӣ тавсиф дода шуда, зимни норасоии ахбор дар бораи ягон вазъияти хатарноку нофаҳмо ё дар асоси саршории эҳсоси одамон, ки дар рафторҳои импулсивиашон зоҳир мегардад, ба амал меояд.

Омилҳое, ки воҳимаро ба вуҷуд меоваранд, гуногунанд ва асосан ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: физиологӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ. Психологҳо ба гурӯҳи якум хасташавӣ ва депрессияи ҷисмонӣ, гуруснагӣ ва мастшавӣ, бехобии дарозмуддат ва шикасти рӯҳиро дохил менамоянд. Ин сабабҳо қобилияти одамонро дар баҳодиҳии вазъияти ногаҳон баамаломада суст мегардонанд.

Ба гурӯҳи дуюми онҳо чунин ҳодисаҳои психологиро, аз қабили ҳайрат, нобоварии калон, тарси ногаҳонӣ, ҳисси танҳоӣ, эҳсоси беқувватию нотавониро дар назди хатари ногузир дохил намуданд. Гурӯҳи сеюми омилҳоро ҳодисаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ташкил медиҳанд ва онҳо: набудани ҳамфикрии гурӯҳӣ, аздастдиҳии боварӣ ба роҳбарият, норасоии ахбор ва ғ. Ин омилҳо дар якҷоягӣ ва ё дар алоҳидагӣ шиддати баланди эмотсионалӣ ва кори изтиробовари хаёлро ба вуҷуд меоваранд. Ин ҳодисаҳо ба протсессҳои талқин, тақлид ва сирояти психикӣ имконият медиҳанд. Одамон дар натиҷа гирифтори воҳима мегарданд, ба рафторҳои якдигар бешуурона тақлид намуда, кӯшиши халос шуданро аз хатари воқеӣ ва ё хаёлӣ мекунанд.

Талқин ин протсесси таъсиррасонӣ ва соҳаи психикии одам аст, ки он ба пастшавии фаъолияти шуурона ва муносибати танқидӣ ба ҳодиса бо набудани таҳлил ва баҳодиҳии мантиқӣ алоқаманд аст. Ба ибораи дигар

медиҳад, балки фардҳое, ки намояндаи гурӯҳҳои муайяни ҷамъиятӣ (синфҳо, касбу кор, гурӯҳҳои сиёсӣ, чун ҳизбҳои сиёсӣ) мебошанд, низ иштирокчии бевоситаанд. Чунин муносибатҳо на дар асоси ягон ҳусни таваҷҷӯҳ ё нафрат ба якдигар, балки зимни мавқеи ишғолкардаи ҳар як фард дар ҷамъият сурат мегиранд. Ин муносибатҳо моҳиятан объективӣ буда, муносибати байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва байнифардҳоеро ифода мекунанд, ки намояндагони ҳамин гурӯҳҳои иҷтимоиянд.

Муносибатҳои байнишахсӣ бояд дар алоқамандӣ бо муносибатҳои ҷамъиятӣ дида баромада шаванд. Дар гурӯҳҳо ва коллективҳо муносибат ва муносибати байниҳамдигарӣ вуҷуд доранд ва онҳоро бо усули психологӣ омӯхтан мумкин аст. Методҳои омӯзиши муносибатҳои байнишахсӣ дар қисмати «практикуми иҷтимоӣ-психологӣ» оварда мешавад.

Муносибат – ин мавқеи ишғолкардаи шахс нисбат ба ҳама чизе, ки ӯро иҳота кардаанд ва ба худаш мебошад. Одам ҳамеша ба ашё, ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, одамон дар муносибат аст. Баъзе чизҳо ба ӯ маъқул мешавад ва қисмати дигарашон не, баъзеашон ӯро ба ташвиш меоваранд ё нисбаташон ҳисси бепарвоӣ зоҳир мекунанд. Ҳиссиёт, манфиатҳо, диққату эътибор – ана он протсессҳои психикӣ, ки муносибати одамро, мавқеи ӯро ифода мекунанд. Ҳамин тавр, дар гурӯҳҳо ва коллективҳо на муносибат, балки муносибати байниҳамдигарӣ зоҳир мешавад.

Муносибати байниҳамдигарӣ – ин мавқеи ишғол кардаи байниҳамии як шахс нисбати шахси дигар ё мавқеи ишғолкардаи шахс нисбати умумияти одамон мебошад.

Муносибатҳои байнишахсӣ аз зуҳуротҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба ҳисоб рафта, тобиши эмотсионалиро дорад. Аз ин рӯ муносибатҳои байнишахсиро ҳамчун омили «муҳит»-и психологии гурӯҳ ҳисобидан мумкин аст. Ҳамин тавр, муносибатҳои байнишахсӣ дар асоси маромҳои зерини психологӣ ба амал меоянд: ҳусни таваҷҷӯҳ, умумияти ақидаҳо, шавқу ҳавасҳо, пурракунии шахсияти якдигар, душманӣ, нафрат ва ғ.

Муносибатҳои байнишахсӣ ҳуҷҷатнигориро намепарваранд, зеро онҳоро тавассути фармон ва дастурдиҳиҳо ташкил кардан мумкин нест. Шарти муҳими ба вуҷуд овардани муносибатҳои байнишахсӣ идроки якдигар ба шумор меравад. Идроккунӣ дар асоси маълумотҳои аввалини бадастовардашуда ба амал меояд:

-намуди берунӣ;

-тарзи худнигоҳдорӣ;

-нутқ;

-рафтор.

Умуман, инсон барои одами дигар ҳамчун сарчашмаи ахбору маълумот баромад намуда, дар madди аввал метавонад хусусияти дилрабоӣ ва ё дилнокаширо муайян кунад.

Таҷрибаи ҳаётии одам таъсири муайянро дар аниқии идроккунӣ ва амиқфаҳмии одами дигар мегузорад. Масалан, онҳое, ки аз рӯи характери фаъолияташон бо одамон дар муносибати бештари байниҳамдигарӣ мебошанд, баъзан беихтиёрона ба рафтори шахсони ношинос тавсифу баҳои дуруст медиҳанд. Ин қонуният бисёр хуб дар фаъолияти омӯзгорон, психологҳо, сотсиологҳо, духтурон ва муфаттишон татбиқ мегардад.

Психологҳои иҷтимоӣ ҳангоми тадқиқи масъалаи идроки якдигарии одамон чунин барғалат дарккуниҳоро муайян намуданд:

-таассуроти аввалаи мусбати бардошташуда дар бораи одам ҳангоми баҳодиҳӣ ба хусусиятҳои алоҳидаи ӯ таъсири муайян мебахшанд. Агар таассуроти умумӣ дар бораи одам мусбат бошад, он гоҳ сифатҳои мусбати шахс аз будаш зиёд баҳо дода шуда, сифатҳои манфиаш пардапӯш карда мешаванд. Баръакс, агар таассуроти умумӣ дар бораи одам манфӣ бошад, он гоҳ ҳатто рафтору кирдорҳои ҷавонмардонаи ӯ ба назар намерасанд;

-мушоҳидаҳо нишон доданд, ки ҳангоми баҳодиҳӣ ба шахси ношинос таъсири муайянро маълумотҳои аввалин дар бораи ӯ мебахшанд. Ба баҳодиҳии шахси шинос бошад, маълумотҳои охирин дар бораи ӯ таъсир мерасонанд;

-зуҳуроти хайрхоҳии аз ҳад зиёд олиҳимматона ҳангоми дарк кардану баҳо додани шахси дигар. Дар аксари ҳол дар шахсоне мушоҳида мешавад, ки бештар дастгирии эмотсионалиро аз тарафи одамони дигар ҳис кардаанд.

Ҳар як инсон дар коллектив, дар ҷараёни муносибатҳои байнишахсӣ, ҳангоми иҷрои ягон намуди фаъолият роли муайяни иҷтимоиро иҷро мекунад. Ба қавли психолог С.Л.Рубинштейн «шахсро аз он роли реалие, ки ӯ дар ҳаёт мебозад, ҷудо кардан ҳеҷ мумкин нест».[22]

Рол – ин мафҳуми иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ буда, намуди ҷамъиятан зарури фаъолияти иҷтимоӣ ва воситаҳои рафтори шахсро ифода мекунад.

Инчунин дар адабиёти илмӣ мафҳуми «рафтори ролӣ»-ро низ қайд мекунанд ва он ягонагии роли иҷтимоиро бо фардияти иҷрокунандаи амал

ифода менамояд. Барои он ки ба рафтори шахс таъсир расонда шавад, бояд хусусиятҳои рол, шахс ва муносибати байниҳамии ин хусусиятҳоро тадқиқ намуд.

Дар ҳар як ҷамъият «моделҳои идеалӣ»-и рафтори одамон вуҷуд доранд: зан ё шавҳар, фурӯшанда ва харидор, хурд ва калон ва ғ. Онҳо дар асоси қонуну қоидаҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда мешаванд. Азхудкунии ин қонуну қоидаҳо аз ҷониби кӯдакон тавассути бозиҳои ролӣ сурат мегирад ва бо ин «ӯ ин ё он функсияи иҷтимоиро ба худ қабул менамояд».[14]

Ҳар як фард мавқеи муайяни иҷтимоиро бояд дошта бошад. Мафҳуми мавқеъ ба саволи «Ӯ кист?» ва рол ба саволи «Ӯ чӣ кор мекунад?» ҷавоб медиҳад.

Ҳар як шахс дар гурӯҳ ба мавқеи шахси дигар эътибор дода, барои худ роли мувофиқро интихоб менамояд. Агар инсон мавқеи худ ва дигаронро монанди иштирокчиёни дигар дуруст муайян намояд, пас ӯ чӣ навъе, ки вазъияти иҷтимоӣ талаб мекунад, ҳамон тавр рафтор намуда истодааст. Агар чунин мувофиқат ба амал наояд, он гоҳ ихтилофу низоъҳо ба вуҷуд меоянд.

Инсон дар вазъиятҳои гуногун ролҳои низ гуногунро иҷро мекунад. Дар рафторҳои ролии шахс ду унсурро фарқ кардан зарур аст: 1) роли иҷтимоӣ, ки ба тағйирёбандагии рафтор ҷавобгӯ аст ва 2) Ман, ки хусусиятҳои психологии шахсро ифода мекунад.

Шахс дар ҷараёни фаъолият на танҳо зоҳир мегардад, балки дар рафти он ташаккул низ меёбад. Ҳар як роли иҷтимоӣ ба дараҷаи муайян ба «Ман»-и шахс таъсир мебахшад.

Тавсифдиҳандаи асосии «Ман»-и инсон «худэҳтиромкунӣ» ба шумор меравад ва ба қавли психолог КОН И.С. «ин (худэҳтиромкунӣ) худбаҳодиҳии умумии фард ё дараҷаи қабул ва ё қабул накардани худро ҳамчун кулл мефаҳмонад».[8] Худэҳтиромкунӣ мувофиқи формулаи зерин ташаккул дода мешавад:

$$\text{Худэҳтиромкунӣ} = \frac{\text{Муваффақият}}{\text{Дараҷаи иддао}}$$

Ҳар қадаре, ки дараҷаи иддао баландтар бошад, ҳамин қадар муваффақиятҳо низ бояд баланд шаванд, то ки шахс худро эҳтиром карда тавонад.

Психологияи иҷтимоии ҳозира ба ин формула илова намуд: ҳам муваффақият ва ҳам иддаои инсон тавассути муқоиса намудани худ бо дигар одамон муайян карда мешавад. Аз ин ҷо як қатор хулосаҳои муҳими амалӣ баровардан мумкин аст.

Шахс барои муайян кардани дараҷаи бомуваффақиятии корҳояш чӣ навъ иҷро намудани ролҳоро аз ҷониби дигарон дида мебарояд. Барои ба даст овардани эҳтироми аҳли коллектив ва эҳтиромкунии худ кӯшиши тасдиқ кардани онро мекунад, ки ӯ ин ролро на бадтар аз дигарон иҷро карда метавонад.

Агар шахс маҷбуран ролеро бозад, ки он бо хусусияти «Ман»-и ӯ мувофиқат намекунад, он гоҳ байни рол ва «Ман» ихтилофҳо ба амал меоянд. Роҳбари коллектив, ки шахси масъулу расмӣ аст, бояд бо мувофиқгардонии рол ва «Ман»-и аъзояш ин зиддиятро бартараф намояд, зеро самаранокии фаъолияти ӯ аз ин хеле вобастагӣ дорад.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1.Мазмун ва моҳияти муносибатҳои ҷамъиятиро фаҳмонед?

2. Мафҳуми «муносибатҳои байнишахсӣ»-ро тавсифи психологӣ диҳед?

3.Ҳангоми идроки якдигарӣ кадом намудҳои барғалат дарккуниҳо мушоҳида мешавад?

4.Мафҳуми «рол»-ро таъриф диҳед?

5.Мафҳуми «мавқеи иҷтимоӣ»-ро кушода диҳед?

6.Формулаи худэҳтиромкуниро фаҳмонед?

## 8.МУОШИРАТ ВА СОХТИ ОН

Масъалаи муносибатҳои инсонӣ объекти омӯзиши соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷамъиятӣ гаштааст. Пеш аз ҳама таваҷҷӯҳи сотсиологҳо, идеологҳо ва психологҳоро ба худ кашидааст. Сотсиологҳо аслан муносибатҳои ҷамъиятиро (истеҳсолӣ, сиёсӣ, идеологӣ, ҳуқуқӣ ва ғ.) тадқиқ менамоянд. Педагогҳо муносибатро ҳамчун воситаи ташаккул додани шахсияти инсон дида мебароянд. Психологҳо бошанд тарафи субъективии муносибатро ҳамчун робитаи интихобии шахс бо шароитҳои ҳаёт, меҳнат ва пеш аз ҳама бо одамон меомӯзанд.

Барои он ки муаммоҳои муносибатҳои байнишахсӣ ҳарҷиҳата ҳалли худро ёбанд, бояд ҷанбаҳои психологии муошират ҳамаҷониба таҳлил гарданд. Зеро ҳам муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам байнишахсӣ маҳз дар

муошират ошкору амалӣ мегарданд. Умуман ҷамъияти инсониро бе муошират тасаввур кардан ғайри имкон аст.

«Муошират - ин протсесси мураккаби муқаррар намудан ва инкишоф додани алоқаю робитаи байни одамон буда, дар фаъолияти якҷоя зимни талаботҳои онҳо ба амал меоянд ва мубодилаи ахбор, коркарди тарзи ягонаи тасиррасонии байниҳамдигариро фаҳмидани одамони дигар дар бар мегирад».[19]

Ба ибораи дигар, муошират робитаи байни одамон буда, дар рафти он алоқаи солими психикӣ ба амал меояд, ки дар мубодилаи ахбор, таъсири байниҳамдигарӣ, ҳамҳисӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ зоҳир мешавад.

Муошират шарти муҳими ташаккули ҳам шахс ва ҳам гурӯҳ аст. Инсон дар рафти муошират худро муайян карда, хусусиятҳои фардию психологияшро ошкор месозад. Дар ҷараёни муошират одамон, ки ба таври воқеӣ ба ягон синф мутааллиқанд, монандӣ, мувофиқати манфиату тасаввуротҳои онҳо аниқ мешавад ва ҷаҳонбинияшон ташаккул меёбад.

Солҳои охир дар адабиёти психологӣ дар баробари мафҳуми «муошират», инчуни «коммуникатсия»-ро ба таври васеъ истифода мебаранд. Коммуникатсия нисбат ба муошират дида мафҳуми ҳаҷман васеътар аст ва он алоқа, робита, таъсири мутақобилаи ду система мебошад, ки дар рафти он аз якеаш ба дигараш сигнал (ахбор) дода мешавад. Масалан, ду ҳисобмошинҳои электрониро мегирем, ки бо ҳам бо сим пайваст шудаанд. Ҳар яке аз рӯи барномаи ҷойдодашуда амал мекунад. Агар онҳо мубодилаи ахбор намоянд, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки байни онҳо коммуникатсия вуҷуд дорад. Рақси занбӯрон ба занбӯрони дигар аз самти хӯрок ва масофаи ғизоашон сигнал медиҳад. Ин чиз коммуникатсия аст. Ҳавопаймоён самолётро идора мекунанд, пас коммуникатсия байни «инсон – мошина» ба амал меояд. Ҳавопаймо дар асоси асбобҳои самолёт низоми кор, дурустии нуқтаҳои мошина ва шароити парвозро фаҳмида мегирад. Ин имконияти идоракардани самолётро медиҳад.

Дар ҳамаи мисолҳои овардашуда робитаи одамҳо ва таъсири як шахс ба дигараш мушоҳида намешавад. Пас, дар ин ҷо хусусиятҳои муошират ҷой надоранд. Роли муоширатро ҳамчун омили махсуси ташаккули психика таъкид намуда, Б.Ф. Ломов менависад, ки вақте ки тарзи зиндагии фарди мушаххасро меомӯзем, мо бо он маҳдуд шуда наметавонем, ки ӯ чӣ тавр ин корро мекунад, мо инчунин бояд онро тадқиқ намоем, ки ӯ бо кӣ ва чӣ тавр муашират менамояд.

Психолог А.Н. Леонтев қайд менамояд, ки ҳангоми таҳлил намудани масъалаҳои ҳалталаби муошират бояд ягонагии муошират ва фаъолиятро ба асос гирифт. Муошират дар рафти фаъолият намудани шахс сурат мегирад. Пас, танҳо одами фаъол муошират мекунад. Маҳз муошират умумияти одамонро, ки фаъолияти якҷояро иҷро менамоянд, ташаккул медиҳад. Муошират фаъолияти инсонро на танҳо ташкил медиҳад, балки мазмунан ғанӣ мегардонад ва туфайли он алоқаю муносибатҳои нав ба нав байни одамон пайдо мешаванд.

Барои ба моҳияти муошират сарфаҳм рафтан, бояд сохти онро донист. Дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун доир ба муайян кардани сохти муошират вуҷуд дорад. Мутахассиси варзидаи ин соҳаи илм Г.М. Андреева функсияҳои муоширатро ба асос гирифта, сохти онро муайян кардааст. Ин сохтро дар нақшаи зерин дида метавонем.[2]




(Тарафи коммуникативӣ) (Тарафи интерактивӣ) (Тарафи персептивӣ)

Моҳияти тарафи коммуникативиро мубодилаи ахбор байни муошираткунандагон ташкил медиҳад. Тарафи интерктивиро ташкили ҳамкорӣ байни одамони муошираткунанда дар бар мегирад. Яъне, дар рафти муошират на танҳо мубодилаи донишҳо, идеяҳо, балки мубодилаи амалҳо низ ба вуҷуд меоянд. Тарафи персептивӣ маънои идроки байниҳамдигарии муошираткунандагон ва ё худ ҳамдигарфаҳмиро дорад.

Акнун ба таври мухтасар ҳар яке аз ин тарафҳоро (функсияҳоро) дида мебароем.

Чӣ тавре ки дар боло қайд шуд, тарафи коммуникативии муоширатро мубодилаи ахбор дар бар мегирад. Мазмуни ахборро маҷмӯи тасаввурот, идея, шавқу ҳавас, рӯҳия, ҳиссиёт ва мақсадгузориҳои муоширатхунандагон ташкил медиҳад, ки дар рафти он мубодилаи онҳо байни иштирокчиёни он ба амал меояд. Бояд донист, ки ахбор дар ҷараёни муошират на танҳо ба мусоҳиб гузаронида мешавад, балки он аниқ

мегардаду такмил меёбад. Ба муошират бояд аз рӯи чунин тавсифдиҳандаҳо баҳо диҳем.

Аввалан мо бояд муоширатро на ҳамчун равоннамоии оддии ахбор аз як система ба дигараш фаҳмем. Ин аз «ҳаракати ахбор»-и оддии ду механизм комилан фарқ мекунад, зеро мо дар ин ҷо бо муносибатҳои ду фард, ки ҳар яке аз онҳо субъекти фаъол мебошанд, сарукор дорем. Пас, тарафи коммуникативии муошират мубодилаи фаъоли ахборро ифода мекунад. Муҳаққиқи чехославакӣ Я. Янушек қайд мекунад, ки дар мубодилаи ахбор роли муҳимро барои ҳар як иштирокчӣ аҳамияти ахбор мебозад. Ба қавли психолог А.Н. Леонтев «ахбор ин аҳамиятро барои он ба даст меоварад, ки одамон ҳамту бо аломатҳо «мубодила» накарда, кӯшиш ҳосил намудани маънои умумиро мекунанд».[14] Ин мақсадро он вақт ба даст овардан мункин аст, ки агар ахбор ҳам қабул гардаду ҳам фаҳмида шавад, яъне мусоҳибон маънои онро дониста гиранд. Ин раванд аз рӯи чунин сохт бояд ташкил карда шавад: фаъолият – мубодила – донистагирӣ. Бояд зикр кард, ки мусоҳибон дар рафти мубодилаи ахбор бо воситаи системаи аломатҳо ба рафтори якдигар таъсир мерасонанд ва вобаста ба ҳамин ҳолати руҳии иштирокчиён низ ба дигаргунӣ дучор мешавад. Пас, таъсири коммуникативӣ як навъ таъсири психологӣ ба ҳисоб меравад, зеро ақидаи ҳар як иштирокчии муошират таъсир бахшидан ва тағйир додани рафтори иштирокчии дигар аст. Аз ин рӯ, ахбор табиати водоркунанда ва муқарраркунандаро пайдо мекунад. Яъне, ахбор муҳосибро ба фаъолияти фикрӣ ё амалӣ водор нашуда, ӯро фаъол мегардонад, ки натиҷаи он муқаррар намудани мазмун ва моҳияти мубодилаи ахбор аст.

Асосан ду намуди коммуникатсияро фарқ мекунанд: шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ. Агар коммуникатсияи шифоҳӣ тавассути нутқ сурат гирад, он гоҳ коммуникатсияи ғайришифоҳӣ туфайли системаи аломатҳои ғайринутқӣ (кинетика, паралингвистика, проксемика, муошırати визуалӣ) амалӣ мегардад.

Муошират ҳамчун ҳамкорӣ тарафи интерактивии онро ифода мекунад. Дар байни муошират ва ҳамкорӣ алоқаи зич вуҷуд дорад. Дар ҷараёни муошират на танҳо мубодилаи ахбор, балки ташкили «мубодилаи амалҳо» низ зарур аст. Мубодилаи амалҳо фаъолияти якҷояро талаб мекунад. Амалҳои якҷояи иштирокчиёни муошират аз умумияти фаъолияти онҳо дарак медиҳад ва ин ба зуҳуроту ташаккули ҳамкорӣ мусоидат менамояд. Ҳамкорӣ ду намудро дорад: кооператсия ва рақобат.

Кооператсия ё худ ҳамкории кооперативӣ маънои ба ҳам овардани қувваҳои алоҳидаи иштирокчиёни муоширатро дорад. Кооператсия унсури муҳими фаъолияти якҷоя аст. А.Н. Леонтев ду ҷиҳати асосии фаъолияти якҷояро ҷудо намудааст: а) тақсим намудани протсесси ягонаи фаъолият дар байни иштирокчиён; б) тағйир додани фаъолияти ҳар як кас, яъне натиҷаи фаъолияти ҳар як кас ба қонеъгардонии талаботи ӯ намебарад ва агар ба забони психологӣ гӯем, «маданият» ва «маром»-и фаъолият бо ҳам мувофиқат намекунанд. Пас, натиҷаи фаъолияти ҳар як иштирокчӣ бо натиҷаи ниҳоии фаъолияти якҷоя чӣ тавр пайваст мешавад? Воситаи пайвастшавии онҳо муносибате ба шумор меравад, ки дар рафти фаъолияти якҷоя инкишоф меёбад. Нишондиҳандаи муҳими зиччияти ҳамкории кооперативиро воридшавии ҳамаи иштирокчиён ба ин протсесс ва саҳми гузоштаи онҳо ифода мекунад.

Рақобат ҳамчун намуди дуюми ҳамкорӣ зимни низоъҳо ба амал меояд. Дар асоси омӯзиши низоъҳо шаклҳои гуногуни муносибат ба он (бартараф намудани низоъ, пешгирии низоъ, паст кардани шиддати он ва ғ.) ҳангоми муоширати корӣ муайян мешавад. Низоъ – амали муқобилмаънои ҳар ду тараф буда, ба муқобили якдигар равона шудааст, то ки ҳар яке ба мақсадҳои худ ноил гардад. Низоъ чунин аломатҳоро дорад, ки зимни онҳо мавҷудияти он муайян карда мешавад: а) вазъияте, ки ҳамчун ихтилофнок аз тарафи иштирокчиёни он идрок мешавад; б) тақсимнашавандагии объекти низоъ; в) хоҳиши давом додани ихтилоф бо мақсади ноил шудан ба он. Низоъ сохти муайяни худро дорад ва тавассути он формулаи пайдошавии низоъ маълум мегардад, ки он чунин аст:

***Пайдошавии вазъияти баҳснок→яке аз тарафҳо вазъиятро ихтилофнок дарк мекунанд→пайдоиши вазъияти ихтилофнок→ пайдоиши баҳона→бавуҷудоии низоъ.*** Низоъро дар зинаи аввали он (пайдоиши вазъияти баҳснок) пешгирӣ кардан мумкин аст. Пас, чӣ тавр низоъро идора кардан мумкин аст? Маълум аст, ки иштирокчиёни ҷараёни муошират ҳангоми бавуҷудоии низоъ ба ҳолати муайяни бошиддати рӯҳӣ ё худ стресс гирифтор мешаванд. Аз ин рӯ, зарурати идоранамоии стресс ба миён меояд. Барои ин роҳҳои гуногунро истифода мебаранд, аз он ҷумла: машқдиҳии иҷтимоӣ – психологӣ, инкишоф додани малакаю маҳорати маданияти муошират намудан, ташаккули малакаи паст ё рафъ намудани шиддати ҳаяҷон, бозиҳои коммуникативӣ, релаксатсия ва ғ.

Муошират ҳамчун ҳамдигарфаҳмӣ тарафи персептивии он ба шумор меравад. Ҳамдигарфаҳмиро аз назари психологӣ ба ду маъно шарҳ додан

мумкин аст: ба маънои фаҳмидани мақсад, маром ва талаботҳои мусоҳиб ва ё ба маънои қабули ин мақсад, маром ва талаботҳои ӯ. Дар ҳар ду ҳолат протсесси ҳамдигарфаҳмӣ ва ё худ дарки дурусти тарафайн ба амал меояд.

Бояд қайд намуд, ки инсон ҳамчун шахс ба рафти муошират ҳамроҳ шуда, дар баробари ин аз ҷониби шарики муошираташ низ ҳамчун шахс идрок карда мешавад. Мо, гӯё дар асоси тарафҳои зоҳирии рафтор он одами дигарро идрок мекунем ва моҳияти маълумотҳои зоҳирии онро ошкор менамоем. Таассуротҳое, ки аз ин маълумотҳо бардошта мешаванд, нақши бузургу муҳимро ба рафти батанзимдарории муошират мегузоранд. Аввалан, аз он ҷиҳат, ки бо дониста гирифтани шахси дигар, худи фардияти идроккунанда низ ташаккул меёбад. Дуюмин, барои он ки аз дараҷаи аниқи дуруст идрок кардани шахси дигар ташкили минбаъдаи муносибатҳои байнишахсии мувофиқ сахт вобаста аст. Тасаввурот пайдо кардан дар бораи шахси дигар ба дараҷае бо худшиносии худи идроккунанда алоқаманд аст. Зеро ҳар қадаре, ки тасаввуроти шахс дар бораи худаш бою васеъ бошад, ҳамон қадар имконияти тасаввурот пайдо намудан дар бораи шахсияти одами дигар зиёдтар мегардад ё худ ҳар чӣ бештар одами дигар пурра ошкору дониста шавад ва ӯ ҳамон қадар пурратар дар бораи худаш тасаввурот пайдо мекунад.

Идроки байниҳамдигарӣ дар асоси муқоиса намудани худ бо дигарон ба амал меояд ва бо ду ҷиҳат тавсиф дода мешавад: идентификатсия (ҳаммонандкунӣ) ва рефлексия.

Истилоҳи «идентификатсия» маънои монанд намудани худро ба дигарон дорад. Инсон бо роҳи монанд кардану шабеҳ додани худ ба шахси дигар он шахсро дониста мегирад. Ӯ барои ин худро ба ҷои он шахс мегузорад ва бо ҳамин тадриҷан олами ботинии ӯро фаҳмида мегирад. Дар адабиёти психологӣ боз мафҳуми «эмпатия»-ро истифода мебаранд, ки маънои ҳамҳиссиро дорад ва ба идентификатсия наздик аст. Фарқияташ дар он аст, ки эмпатия тобиши эмотсионалиро дорад, зеро шахс дар асоси ҳамдардию ҳамҳиссӣ зоҳир намудан шахси дигарро дарк мекунад.

Ҳар ду ҳолати дар боло гуфташуда аз ҳалли як масъалаи дигар вобаста аст: чӣ тавр шарики муоширатам маро дарк мекунад? Яъне, ман дар оинаи шахси дигар чӣ навъ инъикос шудам, он инъикос пурра аст ё не, ӯ маро дуруст фаҳмида аст ё не - ҳамаи инро дар маъхазҳои илмӣ рефлексия меноманд.

Механизми дигари идроки байниҳамдигариро ***аттраксия*** ташкил медиҳад. Аттраксия як шакли маърифаткунии одами дигар буда, дар асоси

ҳиссиётҳои мусбати пеш ташаккулёфта нисбати ӯ ба амал меояд, яъне ҳамдигарфаҳмӣ зимни зоҳиршавии дилбастагӣ ва муносибати дӯстӣ низ ҳосил мешавад. Шахс ҳар қадре, ки ба мавқеи шахси дигар муносибати мусбати эмотсионалӣ дошта бошад, ҳамон қадар ба дуруст фаҳмидани мавқеи ӯ имконият пайдо мекунад.

**Атрибутсияи каузалӣ** – механизми дигари ҳамдигарфаҳмӣ буда, дар асоси он рафтор, ҳиссиёти одами дигар шарҳу эзоҳ ва баҳо дода мешавад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як шахс роҳу усулҳои ба худ хоси баҳодиҳиро ба рафтори одамон дорад ва онҳо:

а) шахсоне ҳастанд, ки дар ҳар гуна вазъият майл ба пайдо намудани айбдор ва ё гунаҳкор дар сар задани ҳодисаи рӯйдода доранд ва кӯшиши нисбат додани сабаби ҳодисаро ба ӯ мекунанд;

б) одамоне низ вомехӯранд, ки ҳамеша маҳз вазъиятро дар ҳама ҳолатҳо гунаҳкор мешуморанд ва ба равшан кардани сабаби асосӣ ҳеҷ майле надоранд;

в) боз одамони дигар мешаванд, ки сабаби рӯй додани ин ё он ҳодисаро танҳо дар худи ашёҳо мебинанд: гулдон афтид, чунки нодуруст ҷойгир шуда буд ё ӯ ҷароҳат бардошт аз садамаи техникӣ ва ба ин худаш айбдор аст, ки зери мошин мондааст.

Ҳамин тариқ, функсияҳои муошират имконият медиҳанд, ки мазмун ва моҳияти асосии муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дар гурӯҳҳои иҷтимоию коллективҳо равшан шаванд ва дар ҳамин замина механизмҳои ҳамдигарфаҳмии онҳо муайян гарданд.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1. Мазмун ва моҳияти муоширатро кушода диҳед?
2. Зери мафҳуми «коммуникатсия» чиро мефаҳмед?
3. Моҳияти ягонагии муошират ва фаъолият дар чӣ ҷоҳир мешавад?
4. Сохти муоширатро муайян кунед?
5. Функсияҳои муоширатро тавсиф диҳед?

## 9.ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ – ПСИХОЛОГИИ ВОСИТАҲОИ КОММУНИКАТСИЯИ ОММАВӢ

Бомуваффақият иҷрошавии мақсадҳои сиёсати имрӯза бо ташаббуси фаъолияти омма зич алоқаманд аст. Бинобар ин «омили инсонӣ» - масъалаи муҳими илмҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Мақоми хосаро дар ин ҷода психологияи иҷтимоӣ ишғол мекунад.

Тадқиқотҳои психологияи иҷтимоӣ мақсади онро доранд, ки бо тавсияҳои амалиашон оммаро фаъол гардонанд. Як мушоҳидаи аҷиберо одамон дар адабиёти илмӣ меоваранд ва он чунин аст: аз кӯдакон хоҳиш карда мешавад, ки дар варақ расми оилаашонро кашанд. Онҳо расми чанд нафарро аз аҳли оила кашиданд, ки онҳо дар назди оинаи нилгун чун дар атрофи сандалии хонагӣ нишастаанд. Шояд ин мушоҳида чандон аҳамияти калоне надошта бошад ҳам, вале аз он далолат мекунад, ки ба ҳаёти имрӯзаи мо воситаҳои ахбори омма бисёр ҳам чуқур ворид гардидаанд. Пас, саволе ба миён меояд, ки мафҳуми «коммуникатсияи оммавӣ» чиро ифода мекунад? Мақоми он дар ҳаёти имрӯзаи ҷамъияти навбунёд дар чӣ зоҳир мешавад, моҳияташ чист ва чӣ гуна ба рафти муошврати мо таъсир мерасонад? Ин масъалаҳо солҳои охир объекти диққати бисёр муҳаққиқон (А.Н. Алексеева, В.В. Бойко, Ю. Вооглайда, М.С. Мансурова, И.Г. Петрова, В.А. Скиби, Ю.А. Шерковина ва ғ.) гаштааст.

Коммуникатсияи оммавӣ одатан ба маънои «муошврати оммавӣ» истифода мешавад. Яъне, муоширатро дар назар дорад, ки дар рафти он шумораи зиёди одамон иштирок менамоянд. Бояд гуфт, ки на ҳар муошврати оммавӣ коммуникатсияи оммавӣ аст. Агар муошврати оммавӣ бо ёрии воситаҳои техникӣ, пеш аз ҳама, бо воситаи матбуот, радио ва оинаи нилгун сурат гирад, он гоҳ ин маънои коммуникатсияи оммавиро медиҳад. Ҳамаи инро воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ меноманд. Ин ҳуқуқро ба таври расмӣ соли 1946 ҳангоми ворид кардани он ба Низомномаи Ташкилоти Давлатҳои муттаҳида оид ба масъалаҳои маорифу маданият гирифт. Яке аз вазифаҳои коммуникатсияи оммавӣ он аст, ки саривақт, ба таври оҷилӣ ба омма расонидани ахборот аст.

Ахбороти иҷтимоӣ ба сифати риштаи пайвасткунандаи муҳити иҷтимоӣ бо шахс хизмат мекунад. Протсессҳои ахборотӣ қисми зарурии таркибии тамоми ҳаёти одамон ба шумор меравaнд. Одамон бо ёрии протсессҳои ахборотӣ таҷрибаи ҷамъиятӣ – таърихиро аз худ мекунанд ва ба қавли психологи машҳури рус А.Н. Леонтев «ин протсессҳо механизмҳои ирсияти иҷтимоӣ мебошанд».[13]

Функсияҳои иҷтимоии коммуникатсияи оммавӣ чунин тасниф карда шудаанд:

- паҳн кардани донишҳо доир ба воқеияти мавҷуда;
- танзими иҷтимоӣ ва идоракунӣ;
- паҳн намудани маданият;
- машғулшавӣ.

Туфайли коммуникатсияи оммавӣ на танҳо ахбор дода мешавад, балки вазифаҳои муошırати инсонӣ, алоқаю муносибатҳои иҷтимоӣ, таъсири байниҳамдигарии гурӯҳҳои иҷтимоиро низ адо карда метавонанд.

Маълум аст, ки воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ дар шароити ҳозираи умумиҷаҳонӣ то чӣ андоза инкишоф ёфтааст. Он тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, аз он ҷумла соҳаи муошırати инсониро низ фаро гирифта аст. Истифодаи радио, оинаи нилгун, матбуоти даврӣ ва истеҳсолу нашри онҳо мудом афзуда истодааст.

Коммуникатсияи оммавӣ чун намуди муайяни муошırати инсонӣ дорои хусусиятҳои махсусест, ки бечунучаро ба худи рафти муошırат таъсири амиқ мебахшанд. Умуман, ҳаргуна ахбор бо воситаи системаи аломатҳои махсус гузаронида мешавад. Шартан онро бо коммуникатсияи шифоҳӣ (нутқ ба сифати системаи аломатҳо истифода мешавад) ва ғайришифоҳӣ (ба сифати системаи аломатҳо шаклҳои ғайринутқӣ истифода мешавад) ҷудо мекунанд.

Дар психологияи иҷтимоӣ таҷрибаҳои зиёде гузаронида шуданд ва мақсади онҳо муайян кардани шароит ва усулҳои фаъолонидани таъсиррасонии нутқӣ буд. Маҷмӯи чораҳои муайянеро, ки ба амалигардии он имконият медиҳанд, «коммуникатсияи боваркунонанда» номида шуд. Психологияи иҷтимоӣ «матритсаи (ҷадвали) коммуникатсияи боваркунонанда»-ро пешниҳод намуд, ки он муошırати нутқиро бо зинаҳояш муайян мекунад. Ин андешаҳоро психологи америкоӣ Г.Лассуэлл ба инобат гирифта, модели оддиеро сохт, ки он ба омӯзиши таъсири эътимодбахши воситаҳои ахбори омма (бахусус, газета) бахшида шудааст. Модели рафти коммуникатсия мувофиқи Г. Лассуэлл аз 5 унсур иборат аст:

1. Кӣ (Хабар медиҳад) – Коммуникатор
2. Чӣ (Расонида мешавад) – Ахбор
3. Чӣ тавр (Амалӣ мегардад) – Роҳу воситаҳо
4. Ба кӣ (Хабар равона шудааст) – Аудитория
5. Бо кадом натиҷа? – Самаранокӣ

Доир ба ҳар як унсури он тадқиқотҳои махсусе вуҷуд дорад. Масалан, мавқеъҳоеро, ки коммуникатор дар ҷараёни фаъолияташ соҳиб мешавад, ба се ҷудо намудаанд:

а) мавқеи кушоду равшан, яъне коммуникатор ба таври кушода ҷонибдори ин ё он нуқтаи назар буданашро эълон мекунад ва далелҳои зиёдеро барои тасдиқи ин андеша меоварад;

б) мавқеи канораҷӯёна, яъне коммуникатор мавқеи мобайниро ишғол мекунад, нуқтаи назари гуногунро муқоиса намуда, шояд ин ё онашро тарафдорӣ намуда, вале онро ба таври ошкоро эълон намекунад;

в) мавқеи пӯшида (махфӣ), яъне коммуникатор нуқтаи назари хешро махфӣ нигоҳ медорад ва баҳри ин роҳҳои гуногунро истифода мебарад.

Воситаҳои техникӣ дар ҷараёни коммуникатсияи оммавӣ роли муҳимро мебозанд, зеро маҳз туфайли онҳо ахборот гузаронида мешавад. Ин унсур ба рафти муошрати коммуникатор бо омма ва омма бо коммуникатор тобишу таъсироти хоса мебахшад. Маҳз истифодабарии воситаҳои техникӣ дар гузаронидани ахбор муошрати инсониро ба оммавӣ табдил медиҳад, зеро дар ҷараёни муошират якбора оммаи васеи одамон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иттиҳодияҳо имконияти иштирок кардан пайдо мекунанд. Муошрати гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ (синфҳо, миллатҳо, гурӯҳҳои касбӣ ва синнусолӣ (ҷавонон, занон, кӯҳансолон) моҳияти коммуникатсияи оммавиро ташкил медиҳанд. Коммуникатсияи оммавӣ бо ҳамин ҷиҳаташ аз муошрати байнишахсӣ фарқ мекунад, ки равияи иҷтимоиро соҳиб аст.

Хусусияти дигари муҳими коммуникатсияи оммавӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар рафти истифодаи воситаҳои техникӣ алоқаи бевоситаи дутарафаи коммуникатор бо аудитория ба амал намеояд. Пас, алоқаи бевоситаи дутарафа дар муошрати инсонӣ чӣ моҳиятро дорост? Ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки байни муошраткунандагон дарки тарафайн, яъне ҳамдигарфаҳмӣ ба амал меояд. Коммуникатор рафтору фаъолияти мусоҳибашро мушоҳида мекунад, муқоисаи андешаи худу ӯро менамояд, ба далеловарию муҳокимаронии ӯ баҳо дода, мавқеи худашро аниқ менамояд ва ғ. Мутаассифона, ҳарчанд воситаҳои техникии ҳозиразамон инкишофёфта бошанд ҳам, комуникатор як бор ҳам дида ва шунидани садҳо ва ё шояд миллионҳо бинандагон ва хонандагону шунавандагонро надорад. Барои ӯ ягона роҳ аст ва он фикран аудиторияи худро тасаввур кардан мебошаду халос.

Фаъолияти коммуникатор табиати коллективиро пайдо мекунад. Яъне, ӯ ба таври воқеӣ бо гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ муошират мекунад ва аз номи гурӯҳе, ки намояндаи он аст, баромад менамояд. Ин хусусияти дигари коммуникатсияи оммавӣ аст.

Риоя намудани меъёрҳои муошрате, ки ҷамъият қабул кардааст, аз хусусиятҳои коммуникатсиявӣ оммавӣ низ ба ҳисоб меравад. Оммавият, шумораи калони аудитория аз коммуникатор талаб менамояд, ки он

меъёрҳоро ҷиддан риоя намоянд. Масалан, меъёрҳои забонӣ, ки туфайли он дарки дурусти маводи додашуда ба амал меояд.

Агар мо ҳамаи хусусиятҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст кунем, он гоҳ мебинем, ки коммуникатсияи оммавӣ аз муоширати байнишахсӣ тафовутҳо доштааст.

Акнун ба таҳлили масъалаи боз ҳам муҳими дигари коммуникатсияи оммавӣ – механизмҳои психологии идроки ахбор мегузарем. Матбуот, радио ва оинаи нилгун ҳамчун воситаҳои техникии коммуникатсияи оммавӣ дар идроки ахбор нақши амиқ мегузоранд. Ин ҷо он чиз муҳим ба қайд аст, ки ин ё он воситаи техникӣ ба кадом узви ҳиссӣ мансубият дорад. Умуман, воситаҳои техникӣ табиати сенсориро (ҳиссӣ) соҳибанд. Масалан, ба матбуот идроки биноии ахбор, ба радио фақат идроки шунавоии ахбор ва ба оинаи нилгун бошад ҳам идроки биноӣ ва ҳам шунавоӣ хос мебошад. Вобаста ба ҳамин, ҳар яке аз ин воситаҳои техникӣ ба худ хос хусусиятҳоро пайдо мекунанд. Масалан, ҷиҳатҳои мусбати газета дар он зоҳир мешавад, ки туфайли он хонанда бо маводҳои зиёд шинос мешавад, интихоби мустақилонаи ахбори ба ӯ маъқулу муҳим ба амал меояд. Ӯ метавонад борҳо ба маводи пеш дарккардааш баргардад, то ки боз амиқтар онро фаҳмида гирад. Газетаро одатан ҳар лаҳза ва дар ҷои мувофиқ фосиланоку муттасил хондан мумкин аст. Газетаҳо, журналҳо шарҳи ахборирадиову оинаи нилгунро боз ҳам пурратар эзоҳ медиҳанд ва ин афзалияти ӯро нисбати дигар воситаҳо мефаҳмонад.

Агар радиоро ҳамин тавр таҳлил кунем, он гоҳ мебинем, ки он нисбат ба матбуоти даврӣ дида воситаи нисбатан оддӣ аст, зеро гӯш кардани ахбори радио ҷаҳду кӯшиши интеллектуалии зиёдро талаб намекунад ва дараҷаи саводнокие, ки барои таҳлили газета зарур аст, ин ҷо шарт нест. Маҳдудияти радио ҳамчун воситаи коммуникатсияи оммавӣ дар он аст, ки аудитория имконияти дидани коммуникаторро надорад. Аз ин рӯ, образи ӯрохудаш меофарад ва дар сурати номувофиқ омадааш маъюсу озурдахотир мегардад. Афзалияти радио дар ин аст, ки ҳодисаро рост аз ҷои вуқӯъёбиаш хабар медиҳад. Чунин саривақт ахборотдиҳӣ як навъ ҳолати иштироки бевоситаро ба вуҷуд меоварад. Яъне, чунин таассуроте пайдо мешавад, ки гӯё онҳо худашон низ иштирокчии бевоситаи ин ҳодисаанд. Инҳолат дараҷаи боавариро ба ахбор баланд мекунад.

Боз як маҳдудияти дигари радио он аст, ки шунаванда интихоб карда наметавонад. Имконияти бозгашт ба ахбор бо мақсади хубтар идрок намудани он нест.

Оинаи нилгун образҳои биноӣ ва нутқи садогиро муттаҳид мекунад ва ба шакли муошурати байнишахсӣ наздиктар аст. Ба қавли журналист В. Сашак оинаи нилгун «рентгени характер» аст ва туфайли он хислатҳои ниҳонии характери иштирокчиёни ҷараёни муошират ошкор мегардад. Агар аз ҷиҳати саривақтии ахборотдиҳӣ баҳо диҳем, он гоҳ оинаи нилгун нисбати матбуот баландтар асту нисбати радио пасттар. Вале аз намоишҳои телевизионӣ эҳсоси иштирокчии бевоситаи ҳодиса будан пештар ҳосил мешавад ва ин қувваи таъсирбахшии ахборро баланд мекунад.

Оинаи нилгун чун радио ба аудитория имконият намедиҳад, ки ихтиёран интихоби ахборро намоянд ва ба таҳлили ахбори пеш дарккардааш боз баргардад.

Хусусиятҳои шахсияти коммункатор ва аудитория яке аз масъалаҳои муҳими коммуникатсияи оммавӣ ба шумор мераванд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки агар образи муошираткунанда ба таври мусбӣ аз ҷониби аудитория қабул карда шавад, он гоҳ ин ба рафта дарки ахбор таъсир мерасонад. Баръакс, агар муошираткунанда таваҷҷӯҳи аудиторияро ба худ пайдо накарда бошад, он гоҳ ба ҷараёни ахбори додааш таъсири манфӣ мебахшад.

Пас, маълум мешавад, ки хусусиятҳои муошират дар шароити коммуникатсияи оммавӣ ба шахсияти муошираткунанда як қатор талаботҳоро пешниҳод мекунанд. Азбаски муошираткунанда аудиторияи худро намебинад ва тасдиқу инкори хабар ба амал намеояд, аз ин рӯ баёноти ӯ ба як қатор мушкилоти психологӣ дучор мешаванд. Яке аз онҳо ваҳми микрофон аст ва маҳз ҳамин боис мешавад, ки аксар рафиқон баромад карданро дар радиову телевизион рад мекунанд. Дар сурати розӣ шуданашон мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар назди микрофон шахсияташон ба дигаргуниҳо дучор мегарданд. Яъне, рафторашон пурҳаяҷон ва бенизом шуда, овозашон тағйир меёбад, муттасилии баён дар фаъолияти нутқӣ гум мешавад. Сабаби ҳамаи ин фишори психологиест, ки ба шуури муошираткунанда дода мешавад. Аз тарси он ки хато накунад, муттамарказияти фаъолияти шуур гум мешавад, мустақилият маҳдуд мегардад ва дар ниҳоят мазмуни сӯҳбат ба як баромади хушку бе таъсир табдил меёбад.

Тадқиқотҳои солҳои охир тасдиқ менамоянд, ки аудитория пеш аз ҳама ба овози муошираткунанда диққат медиҳад. Мувофиқи тадқиқотҳои муҳаққиқони америкой ҳангоми баҳо додан ба овозҳои мардонаи

коркунони радио ва оинаи нилгун афзалиятро аввал ба овози баритон (62% пурсидашудагон), сипас ба овози тенор (31% пурсидашудагон) ва баъдан ба овози бас (7% пурсидашудагон) доданд. Ба овозҳои занона бештар овози тембри миёна доштаро афзал донистаанд. Психологҳои америкоӣ таҳлили муқоисавии идроки баромадҳои пешазинтихоботии номзадҳоро ба президентӣ (Дж. Кеннеди ва Р. Никсон) гузарониданд, ки он бо воситаи радио ва оинаи нилгун дода шуда буд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки Р.Никсон нисбат ба ҳарифаш бештар таассурот ва таваҷҷӯҳи шунавандагону бинандагонро ба худ бедор кардааст ва дар ин овози форами ӯ низ роли муҳимро бозид. Аз назари психологӣ, бохти Кеннедиро бо овози ниҳоят баланд ва талаффузи «бостонӣ - гарвардӣ»-и ӯ алоқаманд мекунанд. Вале дар назди экрани телевизион афзолиятро Дж. Кеннеди мегирифт, зеро ки ӯ бо имову ишора ва ҳаракатҳои ифоданокаш нуқсонҳои овозии худро мепӯшонид.

Агар мо як навъ модели иҷтимоӣ – психологии образи коммуникаторро созем, он гоҳ зимни он ду омили асосиро ҷудо кардан мумкин аст.

1. Муносибати коммуникатор ба ахбороти додааш чӣ гуна аст?. Оё ӯ салоҳияти баён намудани ин ахборро дорад ва то чӣ андоза ҳақиқатнигор аст?. Ин омил талаб мекунад, ки коммуникатор бояд соҳиби дониш, таҷриба ва маҳорати ба таври дастрас баён кардани ахбор ва ғайра бошад. Инро омили босалоҳиятии коммуникатор меноманд.

2. Омили дуюмро муносибати коммуникатор ба аудитория ташкил медиҳад. Коммуникатор бояд эҳтироми самимиро ба аудиторояи ҳамчун ба мусоҳибаш зоҳир намояд. Аудитория бисёр нозук муносибати коммуникаторро ҳис мекунад. Ӯ дар он сурат таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки агар комммуникатор ба ӯ баробар ва якхела муошират кунад ва хоҳишу мубодилаи фикру андеша кардан дошта бошад.

Пас, сохти психологии шахсияти коммуникатор ба рафти идроки ахбор ҳангоми коммуникатсияи оммавӣ таъсири пурзӯре мерасонад.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1. Мафҳуми «коммуникатсияи оммавӣ» - ро шарҳ диҳед?
2. Функсияҳои коммуникатсияи оммавӣ кадомҳоянд?
3. Механизмҳои психологии идроки ахборро фаҳмонед?
4. Хусусиятҳои шахсияти коммуникатор ва аудиторияро тавсиф диҳед?

# 10.ОИЛА ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ИҶТИМОӢ. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР ОИЛА

Тараққиёти шахсияти инсон оғози худро аз оила мегирад. Оила дар оянда низ ҳамчун муҳити асосию муҳими ташаккули сифатҳои ҳамидаи шахсияти инсон боқӣ мемонад.

Аз мавқеи илми сотсиология, «оила – системаи иҷтимоӣ буда, соҳиби хусусиятҳои институти иҷтимоӣ дар гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ аст. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ, бо маҷмӯи меъёр, амал ва намунаҳои иҷтимоии рафтор тавсиф дода шуда, муносибатҳои байниҳамдигарии зану шавҳар, волидайн, кӯдакон ва хешу таборонро ба тартиб медарорад. Оила зимни ақди никоҳ ба амал меояд, гурӯҳи хурд буда, аъзоёни он аз рӯи умумияти маишӣ, масъулияти байниҳами ахлоқӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ бо ҳам алоқамандананд»[10].

Сотсиологҳо оиларо ҳамчун ташкилоти муҳими иҷтимоӣ меомӯзанд, ки он вазифаи ба ҷамъият ҳаётан муҳимро иҷро менамояд. Психологияи иҷтимоӣ оиларо ҳамчун гурӯҳи хурд тадқиқ мекунад, ки устувории он ба муносибатҳои аъзоёни он, ба мувофиқати психологии онҳо вобаста аст. Илми ҳуқуқшиносӣ меъёрҳои ҳуқуқии муносибат ва вазифаҳои аъзоёни оиларо меомӯзад. Иқтисодчиён оиларо ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои гуногуни хоҷагии халқ низ тадқиқ мекунанд. Олимони тиб низ ба омӯзиши оила мароқ зоҳир кардаанд ва онҳо ҷиҳатҳои физиологии муносибатҳои байни зану шавҳарро тадқиқ менамоянд. Ба оила педагогика низ диққати калон медиҳад, зеро имрӯз комилан равшан аст, ки дар тарбияи насли наврас вай чун мактаб роли калон мебозад. Меъморон ҳам ба оила аҳамият медиҳанд, зеро онҳо ҳангоми лоиҳакашии биноҳои истиқоматӣ аъзоёни оила, ҳайат ва психологияи миллиро ба ҳисоб мегиранд. Демография низ дар омӯхтани оила саҳми худро дорад, зеро он оиларо ҳамчун яке аз ҷузъҳои муттамарказ гардонидани аҳолӣ тадқиқ менамояд. Дар афзоиши аҳолӣ, ки барои ҷамъият хеле зарур аст, оила роли асосӣ мебозад. Демографҳо манфиати давлатро ба асос гирифта мекӯшанд, ки ба никоҳ ва талоқ ба назари нав нигаранд ва барои мустаҳкам шудани оила ва танзими таваллуд тавсияҳои асоснок диҳанд.

Оила як қатор функсияҳои худро дорад ва муҳимтарини онҳо таъмини хушбахтии шахсии одамон, тавлид ва тарбияи насли ба дунёомада, ба амал овардани ёрии байниҳамдигарӣ ва масъулияти дуҷонибаи ахлоқӣ байни аъзоёни ин гурӯҳи иҷтимоӣ мебошанд. Ин вазифаи зикршуда шаклҳои гуногуни муносибат ва таъсири

байниҳамдигариро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти оилавӣ талаб мекунад: хоҷагӣ – маишӣ, ахлоқӣ – тарбия, ҳиссиётҳои ниҳонӣ, тақсимоти оилавии вазифаҳо ва ғайра.

Ин фаъолияти дохилиоилавии якҷоя ба зуҳуроти гуногуни муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни оила (калонсолон ва кӯдакон) сабаб мешавад.

Агар ин фаъолияти якҷоя зоҳир нагардад ва ё ба дараҷаи каму беш суст шуда бошад, он гоҳ муносибатҳои оилавӣ комилан вайрон мешаванд ва ин дар навбати худ ҳатман ба ташаккули шахсияти кӯдакон таъсир мерасонад.

Инсон дар давоми фаъолияти ҳаёти худ ба оила ва моҳияти он баҳодиҳии гуногун мекунад. Оила барои кӯдакон – ин волидайн, бародару хоҳар, бобою модаркалон ва дигар хешу таборон мебошанд, ки дар тарбияи ӯ иштирок менамоянд. Барои ҷавононе, ки зан мегиранд ё шавҳар мекунанд, оила – ин пеш аз ҳама, ӯ ва занаш ва сипас кӯдакони онҳо мебошад. Ба оила инчунин хешу таборони зану шавҳар дохил шуда метавонанд. Мафҳуми оила барои ҷавони оиладоршуда бо гузашти вақт маънои нав ба навро пайдо мекунад: якум – дар майдони идроки онҳо ба ҷуз худашон дигарон вуҷуд надоранд; дуюм – бо мурури вақт талаботи доштани фарзанд пайдо мешавад, яъне кӯшиши волидайн шуданро мекунанд. Ин талаботи зоҳиршуда аслан табиати иҷтимоиро дорад, зеро ҷамъият акнун дар назди волидайн вазифаҳои муайяни нигоҳубину тарбиядиҳиро мегузорад.

Ҳар як оила сохти муайяни худро дорад. Зери сохти оила маҷмӯи муносибатҳои байни аъзоёни он, системаи муносибатҳои маънавӣ (шавҳар – зан, волидайн – кӯдакон, кӯдакон – волидайн, кӯдакон - кӯдакон) ва инчунин муносибатҳои хешутаборӣ фаҳмида мешавад. Ин унсурҳои сохти оила дар баробари мустақилияти нисбиро доштанашон, ягонагии иҷтимоӣ – психологии онро низ ифода менамоянд. Оилаи комил ҳамон аст, ки дар он ҳамаи шаклҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ зоҳир мешаванд.

Инчунин оилаи нопурраро фарқ мекунанд. Яке аз шаклҳои нисбатан паҳншудаи оилаи нопурра оилаи безаношӯӣ аст, ки дар он кӯдаконро яке аз волидайн (одатан - модар) тарбия мекунад. Оилаҳои бефарзанд низ вуҷуд доранд, ки сабабаш дар худи волидайн аст: ё намехоҳанд, ки фарзанддор бошанд ё безурётии яке аз онҳо.

Оила ҳамчун рукни ибтидоии ҷамъият ба сифати танзимгари муносибатҳои байни одамон баромад мекунад. Меъёрҳои иҷтимоӣ ва

намунаҳои маданин дар ҷамъият вуҷуддошта барои чӣ навъ будану шудани ҳар як аъзои оила мусоидат менамоянд ва вазифаю ӯҳдадориҳои ҳар якеро аниқу равшан мегардонад.

Агар ба таърих нигарем, мебинем, ки ду шакли муносибатҳои байниҳамдигарӣ (шавҳар – зан; волидайн - кӯдакон) оиларо аз мавқеи аъзоёни калонсоли он тавсиф медиҳанд. Аммо тавсифу баҳодиҳии оила аз мавқеи кӯдакон – муносибати онҳо ба худи оила, ба волидайн ва хешу таборон, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо байни худ, қаноатмандии онҳо аз муносибаташон ба оила ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ – солҳои дароз ҳамчун муаммои ҳалталаб ҳисобида мешуд. Кӯдак ҳамчун муайянкунандаи ҷудонашавандаи оила ба ҳисоб мерафт, вале ҳамчун воҳиди мустақили он дониста намешуд. Олами оила, олами калонсолон буд ва ба он таллуқ дошт. Бинобар ин, ба кӯдакӣ ҳамчун ба арзиши махсуси мустақил нигаристан ва кӯдакро пеш аз ҳама ҳамчун субъекти сотсиализатсия дида баромадан – ин ҳама омили муҳими тараққиёти психикии аъзоёни оила мебошад. Муносибат ба кӯдак ба ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи оила ва баҳисобгирии манфиатҳои ӯ маънои онро дорад, ки акнун кӯдак ҳамчун мавҷудияти мустақил баромад карда, хушию саломатии ӯ барои волидайн ҳамчун шарти вуҷудияти онҳо хизмат мекунад. Калонсолон дар ин сурат, дар оила ба алоқаю муносибати гарму самимии эмотсионалӣ кардан бо кӯдакон мегузаранд, хоҳиши талабот ва шавқу ҳавасҳои ӯро ҳангоми ҳалли масъалаҳои оилавӣ ба эътибор мегиранд, ки ин бешубҳа, ба сохти иҷтимоӣ – психологии оила таъсир нарасонида намемонад.

Муҳаббат ва оила аз нуқтаи назари муносибати тарафайни одамон кори соф шахсӣ мебошад, ки дахолати каси дигарро ҳаргиз намепарварад. Дар баробари ин, имрӯз ҷамъияти намбунёди мо нисбат ба фаъолияти оила бепарво буда наметавонад. Ин фикрҳо дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон ва дар Кодекси оила ва никоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ифода ёфтаанд.

Бешубҳа барои мустаҳкам шудани оила ёрии илм зарур аст, чунки асри нави XXI дар назди тамоми инсонияти муттамаддин масъалаи оммавии иҷтимоӣ – психологии талоқро гузошт. Дар тӯли мавҷудияти никоҳи моногамӣ адади талоқ ба дараҷае наафзуда буд, чуноне ки дар замони мо афзудааст. Шумораи талоқ зиёд шуда истодааст. Дар байни олимоне, ки бо масъалаи оила машғуланд, доир ба сабабҳои талоқ фикри ягона вуҷуд надорад. Биёед, ба чунин савол ҷавоб гардонем: «Талоқ -

бадбахтӣ ё халосӣ аз бадбахтӣ аст?». Ба ин савол ҷавоби ягона додан душвор аст. Дар як ҳолат талоқ бадбахтист ва дар ҳолати дигар, он халосӣ аз бадбахтист - ҳамааш ба ҳолати конкретӣ, ба вазъият вобаста аст. Чуноне маълум аст, интихоби ҳамсар на ҳама вақт муносиб меафтад. Баъзан муҳаббати «дуюм» назар ба муҳаббати «якум» пойдор мегардад. Комилан фақмост, ки номувофиқии феълу атвор, носозгории муносибати барои зиндагии оилавӣ муҳими зану шавҳар дар оиладорӣ баъди якчанд соли хонадоршавӣ маълум мешавад. Бинобар ин, бо мурури вақт ҷудошавии як қисми оилаҳо табиист. Албатта, ҷамъият тарафдори он аст, ки оилаҳо то ҳадди имкон камтар вайрон шаванд ва оилаҳои номувофиқ бештар ҳар чӣ барвақттар ҷудо шаванд. Бисёр оилаҳо баъди зиндагии дуру дароз ҷудо мешаванд. зиёда аз се ду қисми ҳамсарони нолоиқ баъди панҷ соли оиладорӣ қатъи никоҳ мекунанд. Азбаски фарзандон баъди соли якуми никоҳ тавлид мешаванд, одамон аксаран бо як ё якчанд фарзанд ҷудо мешаванд. Ин, албатта, ба тарбияи фарзандон таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷа фарзандон, хусусан дар синни томактабӣ, ки асосҳои феълу атвори онҳо ташаккул меёбанд ва тарбияи онҳо хеле душвор аст, аз парасторию тарбияи яке аз волидон маҳрум мешаванд. Талоқ як дараҷа ногузир аст, аммо давомоти миёнаи никоҳ ҳангоми ҷудошавӣ, аз нуқтаи назари манфиати ҷамъият, бояд кӯтоҳ шудан гирад. Ба ибораи дигар, агар талоқ ногузир бошад, он гоҳ онро дуруст ва оқилона аз сар гузарондан лозим аст.

Солҳои охир дар матбуоти даврӣ доир ба масъалаҳои танзими таваллуд мақолаҳои зиёде чоп мешаванд. Бояд гуфт, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани системаи талаботи моддию маънавии аҳолӣ талаботи оилаҳо ба кӯдак кам шуда истодааст. Ин, пеш аз ҳама сабаби иқтисодиро дорад. Дар оилаи ҳозиразамон бошад, фарзанд асосан талаботи психологии падару модарро қонеъ менамоянд. Вобаста ба ҳамин чор гурӯҳи оилаҳо ба вуҷуд меоянд: серфарзанд, камфарзанд, бефарзанд ва миёнафарзанддор. Психологияи иҷтимоӣ ҳаргиз серфарзандиро ҳамчун идеал (намунаи олӣ) қарор доданӣ нест. Серфарзандӣ, ҳатто аз тарафи ҷамъият дастгирӣ бинад ҳам, ба пешрафти зан бешубҳа монеъ мешавад ва имкон намедиҳад, ки дар амал бо мард баробарҳуқуқ бошад. Зан бо мард он вақт баробарҳуқуқ шуда метавонад, ки агар шумораи фарзандон мувофиқу муносиб бошанд. Оилае, ки як фарзанд дорад, ҳам аз ҷиҳати манфиати волидон ва ҳам аз ҷиҳати манфиати ҷамъият оилаи нопурра ҳисоб меёбад. Дар ин хел оилаҳо фарзанд эрка мешавад ва ё боиси худбину худпараст тарбия ёфтани ӯ

мегардад. А.С. Макаренко навишта буд, ки оилаи якфарзанддор ногузир боиси беоромӣ, муҳаббати кӯр-кӯрона ва тарсу воҳима мегардад. Дар ин гуна оила фарзанди дигар нест, ки бо вай муқоиса кардан мумкин бошад. На акаю додар ҳаст, на апаву хоҳар, аз ин рӯ на таҷрибаи парасторию бозӣ, на муҳаббату ёрӣ, на тақлиду эҳтиром аст, хуллас, на таҷрибаи ба ҳам дидани хурсандию ҳаяҷони умумӣ – умуман чизе нест, ҳатто ҳамсоягии муқаррарӣ ҳам».[15]

Тақсимоти вазифаҳои хонагӣ ба системаи муносибатҳои оилавӣ тобиш ва мазмунҳои навро медиҳанд. Оилаҳоро аз рӯи характери тақсимоти хонагӣ ба анъанавӣ (вазифаҳоро аслан занҳо иҷро мекунанд) ва коллективона (вазифаҳоро якҷоя ва ё бо навбат иҷро менамоянд) ҷудо мекунанд. Оила аз рӯи характери гузаронидани вақти холию фароғат кушода (ба муоширати кушоду равшан равия доштан) ва пӯшида (ба фароғати дохилихонагӣ равия дорад) мешавад. Бо гузашти вақт характери иҷрои ролҳои асосии хонагӣ низ дигар мешаванд ва таъсири байниҳамдигарии ролҳо, ролҳои анъанавӣ (мард масъулияти ҷавобгирии оиларо бо дар назди ҷамъият ба зимма мегирад, ҳокимият дар дасти ӯст ва роли зан бо таваллуд, тарбияи фарзандон ва бурдани корҳои хонагӣ маҳдуд мегардад) ба ролҳои ҳозиразамон иваз мешаванд, ки ба онҳо қабули якҷояи қарорҳо, тақсимоти одилонаи вазифаҳо, якҷоя гузаронидани вақти холию фароғат ва ғайра хос мебошанд.

Дигаргуншавӣ ва аҳёнан нестшавии қолабҳои шахшудаи тақсимоти ролҳо дар оилаи ҳозира бо воқеияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ алоқаманд аст ва ин бевосита таъсири худашро ба рафти ознавсозии худшиносии зан мерасонд. Акнун ба зан барои собиткунии худ ҳамчун шахс дар шароити аз оила берун ҳам имконият пайдо шуд. Муносибатҳои байниҳамдигарии дохилиоилавӣ дар он ҳолат муттаносибу мувофиқ мешаванд, ки агар онҳо ба принсипи одамдӯстӣ, инсонпарварона, ба ташаккул ва зуҳуроти муносибат ба дигарон чун ба худ ва ба худ чун ба дигарон, ки эҳтиром, талаб ва хайрхоҳии дутарафаро дар бар мегирад, ҷавобгӯ бошад. Ҳамаи ин муҳити мусоиди иҷтимоӣ – психологии оиларо таъмин менамояд, ки бе он фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои тарбияи ҳамаҷонибаи кӯдакон ғайри имкон аст.

Дар ҷумҳурии мо акнун дар атрофи моҳияти «хадамоти психологӣ ба оила», «хизмати пешгӯии никоҳ», «машваратгоҳҳои психологӣ» ва вазифаҳои асосии он, методологияи омӯзиши истифодаи қонунии роҳу восита ва тарзи ташкили он баҳсу мунозираҳои пурҷӯшухурӯш шуда

истодаанд. Мавриде фаро расидааст, ки шӯъбаҳои ақди никоҳ ва органҳои ҳифзи ҳуқуқ мутахассисон - психологҳоро ҳангоми бунёди оилаҳои нав ва нигоҳдошти онҳо барои солимгардонии муносибатҳои оилавӣ ва инчунин пешгирию бартараф намудани ихтилофҳои оилавӣ ҷалб намоянд.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1. Оиларо ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ тавсиф диҳед?
2. Мавқеъҳои илмӣ - тадқиқотии соҳаҳои гуногуни илм дар мавриди оила чӣ гунаанд?
3. Сохти оиларо муайян намоед?
4. Намудҳои оила кадомҳоянд ва онҳоро тавсиф диҳед?
5. Баҳодиҳии оила аз мавқеи кӯдакон чӣ гуна аст?
6. Талоқро ҳамчун ҳодисаи оммавии иҷтимоӣ – психологӣ фаҳмонед?
7. Танзими таваллудро ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ – психологӣ кушода диҳед?
8. Тақсимоти вазифаю ӯҳдадориҳои оилавӣ чӣ гуна бояд ташкил карда шавад?
9. Назари шумо ба ташкили шаклҳои гуногуни «Хадамоти психологӣ ба оила» чӣ гуна аст?

## 11.«НАВРАСИ ДУШВОР» ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ – ПСИХОЛОГӢ

Дар даҳсолаҳои охир дар адабиёти иҷтимоӣ – психологӣ ва педагогӣ мафҳуми навраси «душвор» пайдо шуд. Асоси рафтори навраси «душвор»-ро, чун қоида, вазъиятҳои ихтилофноку моҷароҷӯёна ташкил медиҳанд: ихтилоф дар оила (волидон – кӯдакон), ихтилоф дар мактаб (муаллим – хонанда), таъсири манфии муҳитҳои хурд (кӯча, рафиқон ва ғ.).

Ин вазъиятҳо ва таъсиррасониҳо ба дигаршавии соҳаи ахлоқию иродавии наврас мебаранд ва натиҷаҳои он дар рафтори манфии наврас зоҳир мешаванду ниҳоят боиси ҳуқуқвайронкуниҳо мегарданд.

Ташаккули мақсадноки шахс дар синну соли наврасӣ, ки хусусиятҳои характерноки он муносибатҳои сифатан нав, худшиносии инкишофёбанда ва калонсолӣ мебошанд, баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ, фардияти психика ва фаъолияти олии асаби кӯдаконро талаб мекунад. Дар ин давра, махсусан, тараққиёти бошиддати ҳамаи функсияҳои ҳаётии организм, сабзиши бадан, тағйирёбии мубодилаи моддаҳо ва дигаршавии соҳаи асабу психика ба амал меоянд. Аз ин рӯ,

намуди пешбарандаи фаъолият бояд ба ин хусусиятҳои навташкили давраи наврасӣ ҷавобгӯ бошад. Яъне, муносибатҳои байниҳамдигарии худи кӯдакон ва кӯдакон бо калонсолон бояд гуногунранг сурат гиранд, ба назорату идоракунӣ дода шаванд ва дорои мақсади умумии ҷамъиятӣ бошанд. А.С. Макаренко навишта буд, ки нуқсондории шуур – ин, албатта нуқсондории техникии шахс набуда, ин – нуқсондории кадом як ҳодисаҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, хулоса, пеш аз ҳама муносибатҳои вайроншудаи байни шахс ва ҷамъият, байни талаботҳои шахс ва талаботҳои ҷамъият аст.

Бояд ба назар гирифт, ки аслан наврасони душвор на кӯдакони сустақл ва системаи асабашон харобгашта, балки наврасони ҷисман ва рӯҳан солим мебошанд, вале рафтору кирдор ва ҳуқуқвайронкуниҳои онҳо бо сабаби норасоию камбудиҳои тарбияи оилавию мактабӣ рӯй медиҳанд.

Дар адабиёти психологию педагогӣ таснифи зиёди наврасон - ҳуқуқвайронкунандаҳо карда шудааст.

П.Г. Белский наврасон - ҳуқуқвайронкунандаҳоро ба чунин гурӯҳҳо тақсим мекунад: а) наврасоне, ки фаъолона кӯшиши қонеъ намудани талаботҳои оддӣ ва пасту разилонаи худро мекунанд; б) зимни сустиродагӣ ва талқиншавандагӣ ба иғвогарию шӯрандозӣ дода шудаанд; в) мулоимӣ; г) аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ақлӣ нуқсондор; д) зери таъсири истерия (ғашкунӣ) ва психостения амал мекунанд.

Муаллифони дигар (А.М.Зюбин, В.И.Куфаев, И.А.Невский) ҳуқуқвайронкунандаҳои ноболиғро аз ҷиҳати иҷтимоӣ – педагогӣ қафомонда тавсиф медиҳанд. Масалан, И.А.Невский чунин ҳуқуқвайронкунандаҳоро фарқ мекунад: а) аз назари педагогӣ қафомонда; б) аз назари иҷтимоӣ қафомонда; в) ахлоқан вайроншуда; г) дараҷаи ниҳоии аз назари иҷтимоӣ қафомонда.

Д.И.Фелдштейн равияи зиддиҷамъиятии шахсияти наврасон - ҳуқуқвайронкунандаҳоро ба ҳисоб гирифта, панҷ гурӯҳро ҷудо намуд.

Гурӯҳи якуми наврасонро маҷмӯи устувори талаботҳои ҷамъиятӣ – манфии аномалӣ, берун аз ахлоқ, соддалавҳона, системаи ақидаҳои равшан ифодаёфтаи зиддиҷамъиятӣ, дигаршавии муносибат ва баҳодиҳиҳо тавсиф медиҳанд. Дар наврасони ин гурӯҳ тасаввуротҳо дар бораи рафоқату ҷасорат вайрон шудаанд ва ҳисси шарму ҳаё коста гардидааст. Онҳо беору номус, дағал, хашмгин, бадқавоқ ва ҷангараанд. Худпарастӣ, ҳисси беparвоӣ, набудани меҳнатдӯстӣ ва майл ва вақтгузаронии худбинона,

тайёрхурӣ ва пулпарастӣ хусусиятҳои хоси ин гурӯҳи наврасон-ҳуқуқвайронкунандагон мебошанд.

Гурӯҳи дуюмро наврасони талаботашон тағйирёфта ташкил медиҳанд ва онҳо ба ҳуқуқвайронкунандаҳои ноболиғ пайравӣ мекунанд, ки дар онҳо аллакай маҷмӯи устувори талаботҳои аз ахлоқ берун, равия ва ақидаҳои равшан ифодаёфтаи зиддиҷамъиятӣ пайдо шудааст. Ба онҳо ноустуворӣ, беихтиёрии зуҳуроти ҳаракат, ивазшавии тези ҳолати рӯҳӣ, фишороварӣ ба заифон ва ғайра хос мебошад. Тасаввуроти онҳо дар бораи рафоқат ва мардонагӣ тамоман бардалат аст. Онҳо наврасони худбин, маккор, фиребгар ва якрав ба шумор рафта, ба одамон бовар надоранд, меҳнатдӯст нестанд ва ғ.

Гурӯҳи сеюми наврасон-ҳуқуқвайронкунандаҳоро ихтилофи байни талабот, муносибат ва ақидаҳои тағйирёфта ва мусбат ташкил медиҳанд. Онҳо амали ношоиста будани ҳуқуқвайронкуниҳоро хуб мефаҳманд. Аммо ҳоло тасаввуротҳои солими ахлоқӣ дар онҳо ба эътиқод табдил наёфтаанд, аз ин рӯ майлҳои хубдинонаи онҳо сабаби зоҳир шудани рафторҳои зиддиҷамъиятӣ мегарданд.

Гурӯҳи чорум наврасоне мебошанд, ки талаботҳояшон суст тағйир ёфтаанд. Онҳо шахсони беирода, ба осонӣ талқиншаванда, беандеша, ноустувор, нобовар ба қувваи худ, майлдошта ба қаҳрамонӣ, бепарво ба корҳои муҳими ҷамъиятӣ мебошанд.

Ба гурӯҳи панҷум наврасоне дохил мешаванд, ки тасодуфан ба роҳи ҳуқуқвайронкунӣ афтодаанд. Онҳо меҳнатдӯст, боинтизом ва бошарму ҳаё буда, тез ба таъсири муҳитҳои хурд дода мешаванд.

А.М.Алемаскин сохти шахсияти ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғро таҳқиқ намуда, қайд мекунанд, ки махсусияти шахсияти онҳоро мавҷудияти як қатор сифатҳои манфӣ ташкил медиҳад. Яке аз ин сифатҳо дурӯғгӯӣ ба ҳисоб меравад, ки ба тамоми ноболиғони озмудашуда хос аст. Ба онҳо боз чунин сифатҳои манфӣ хос мебошанд: дағалӣ, кӯтоҳақлӣ, танбалӣ, агрессия, бемасъулиятӣ ва ғ.

Мушоҳидаҳои психологӣ нишон доданд, ки дар наврасони ҳуқуқвайронкунанда инчунин шавқу ҳавасҳояшон ба дигаргунӣ дучор мешаванд, зеро ба таҳсил, ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ чандон таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд; шавқу ҳавасҳои касбию меҳнатӣ суст ва ё умуман инкишоф наёфтаанд; шавқу ҳавасҳои зебоипарастӣ маҳдуданд ва ё танҳо ба идроки пассивонаи мазмуни филмҳо (таваҷҷӯҳ ба тирпарронӣ, ҷангу

ҷидол ва ғ.) равона шудаанд. Онҳо ба китоб, театр, газета кам мароқ зоҳир менамоянд.

Наврасони душвор нисбатан фаъоланд. Вале ин фаъолӣ табиати манфиро дорад – ин муқобилият нишон додан ба мақсадҳои мураббияҳо ва коллектив аст. Дар ин наврасон системаи маромҳои рафторашон дигар гаштааст, рафтору кирдори онҳо бе ҳеҷ гуна нияту мақсадҳои равшан ифодаёфта содир мешавад ва ё дар асоси шавқу ҳавасҳои носолим ба амал меояд. Шароити зиндагии ин наврасон ба он мусоидат менамояд, ки онҳо риоянакунандаи қонуну қоида ва меъёрҳои рафтор шаванд. Чунин наврасон ҳуқуқвайронкунандаҳои асосӣ ба шумор мераванд.

А.Г.Ковалев сохти талабот ва шавқу ҳавасҳои ҳуқуқвайронкунандаро муайян намуд: «вайрон шудани мувозинат байни намудҳои гуногуни талаботҳо: камбағалии онҳо ва дигарон; роҳҳои зиддиахлоқии қонеъгардонӣ. Аз ҳамаи талаботҳо ва шавқу ҳавасҳои ҳуқуқвайронкунанда намуди моддӣ дар навбати аввал меистад, ки бештар вақт табиати вайроншударо доранд».[7]

Дар наврасони ҳуқуқвайронкунанда бесаводии ҳуқуқӣ (наврасон қонунро танҳо бо системаи мамнӯъҳо алоқаманд менамоянд) мушоҳида мешавад. Онҳо ба қарорҳои қонунгузорӣ муносибати манфӣ зоҳир намуда, хоҳиши иҷро намудани қонунҳоро надоранд. Дар донишҳои ҳуқуқии онҳо нуқсонҳо ҷой доранд, дар шуурашон ихтилофҳои фикрӣ зиёданд ва ин аз ноустувории шуури ахлоқии онҳо дарак медиҳад. Бинобар ин, номураттабии муҳокимаронӣ ва бемантиқии рафтору кирдор дар чунин наврасон ба назар мерасад, ки онҳо ба зуҳуроти дурӯягӣ ва ё мунофиқии ӯ сабаб мешаванд.

Маромҳои ҳуқуқвайронкунии ноболиғон аз рӯи мазмунашон гуногунанд. Аз байнашон, пеш аз ҳама, маромҳои боэътибор ва бонуфузро ҷудо кардан мумкин аст. Наврас хоҳиши ишғол намудани мавқеи сазоворро дар доираи ҳамсолонаш мекунад. Фоизи муайянро маромҳои вазъиятӣ ташкил медиҳанд, ки дар ҳолатҳои пурихтилоф пайдо мешаванд ва наврасон роҳи дурусти баромаданро аз онҳо танҳо дар ҳуқуқвайронкунӣ мебинанд. Мувофиқи тадқиқотҳои ҳуқуқшиносон чор типи ҳуқуқвайронкунӣ вуҷуд дорад.

Ба типи якум наврасоне дохил мешаванд, ки бори аввал ҷиноят содир кардаанд ва онҳоро ҳуқуқвайронкунандаҳои «тасодуфӣ» меноманд. Симои маънавӣ ва рафторҳои пешинаи чунин наврасон тобиши мусбатро доранд ва рафторҳои содиркардаи онҳо зери таъсири ихтилофҳои ногаҳон

баамаломадан ҳаёт рӯй медиҳанд. Вайроншавии камайёни тараққиёти шахсияти чунин наврасро бояд тавассути чорабиниҳои тарбиявӣ ислоҳ намуд ва ин раванд набояд аз оилаю мактаб ҷудогона ба роҳ монда шавад.

Типи дуюми ҳуқуқвайронкунандаҳои ноболиғ наврасоне мебошанд, ки онҳо низ бори аввал (асосан тасодуфӣ рӯй медиҳад) ҷиноят содир кардаанд, вале пеш аз ин қаҷрафториҳо дар онҳо ба амал омада буданд: гурехтан аз хона, тамокукашӣ, истеъмоли машруботи спиртӣ, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва ғ. Оянҷаи ин наврасони «ноустувор» аз атрофиён ва муҳити хурди онҳо вобаста аст. Саривақт пешгирӣ намудани сарчашмаҳои мушаххаси таъсиррасонии манфӣ аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ метавонад рафти ахлоқан вайроншавии наврасонро боздорад.

Ба типи сеюм наврасоне дохил мешаванд, ки ҷиноят содир намудаанд ва он бо сабаби дигаршавии ахлоқу маънавияти онҳо ба амал омадааст. Ин ҷиноятҳо метавонад зери таъсири иштирокчиёни нисбатан ботаҷриба ва ё ҷинояткорони калонсол содир шудаанд. Ба ин наврасон ҷангу ҷидолҳои гурӯҳӣ, дуздиҳои тасодуфӣ, ғорат кардани майзадаҳо ва ғ. хосанд. Назорати хуби мунтазам аз болои рафтори онҳо ва кори тарбиявии давомдор метавонанд самараи нек диҳанд.

Чунин наврасоне, ки ба муассисаҳои ислоҳотӣ меафтанд, одатан тез ба шароити нав мутобиқ мешаванд, ба чорабиниҳои тарбиявӣ хайрхоҳона муносибат мекунанд, вале боз метавонанд ба гурӯҳҳои манфии рафиқони калонсол дохил шаванд. Вазифаи мураббияҳо – ташаккули иродаи ин наврасон, инкишоф додани қобилияти муқобилиятнишондиҳӣ ба таъсиротҳои бад ва ғ. аст.

Ба типи чорум доираи нисбатан хурди ноболиғон тааллуқ доранд, ки дорои равияи устувори зиддиҷамъиятӣ мебошанд. Дар байни онҳо наврасони пеш судшуда ва борҳо ҷиноят содиркарда низ ҳастанд. Ба ин типи наврасон бештар дигаршавии пояю асосҳои ахлоқӣ хос аст. Талабот ва шавқу ҳавасҳои онҳо бо нӯшонӯшӣ, қиморбозӣ, беҳудагардӣ ва оворагардӣ маҳдуд мешаванд. Онҳо шахсони дағал, бераҳм буда, бештар ҳамчун сарварони ғайрирасмии гурӯҳҳои наврасон ба воя мерасанд. Маромҳои ҷинояткории онҳо тасодуфӣ набуда, балки натиҷаи тараққиёти манфии ахлоқ аст. Чунин наврасон ҳарчанд дар лаҳзаҳои аввал муқобилият нишон диҳанд ҳам, вале ба тарбияю ислоҳкунӣ дода мешаванд.

Ҳангоми дида баромадани шахсияти ҳуқуқвайронкунандаҳои ноболиғ бояд ба ҳолати психикии онҳо эътибори ҷиддӣ дод. Мушоҳидаҳои

зиёда дар мактабҳо, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва калоннаҳои ислоҳотию меҳнатӣ тасдиқ мекунанд, ки дар чунин наврасон бисёр вақт вайроншавиҳои асабию рӯҳӣ, нодурустии инкишофи характер ва инчунин шаклҳои начандон амиқи қафомонии ақлӣ дида мешаванд.

Натиҷаҳои тадқиқотҳо нишон додаанд, ки дар наврасони аз назари педагогӣ қафомонда ҳисси маърифатӣ ба хондан нест мегардад; қисмати зиёди онҳо бархилофи меъёру қоидаҳои коллектив хоҳишу талаботҳояшонро иҷро менамуданд; дар онҳо завқи эстетикӣ суст инкишоф ёфтааст; ба қиморбозӣ майл доранд ва оворагардиро аз меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ афзал медонанд.

Ҳамин тариқ, оилаи номатлуб, камбудиҳои тарбия дар мактаб, сустшавии алоқаи наврас бо оила ва мактаб, таъсири манфии кӯча ва дигар сабабҳо ба дигаршавии сохти шахсияти навраси солим мебаранд. Ин роҳи ростест ба сӯи ҳуқуқвайронкунӣ. Аз ин рӯ, зарурати ба вуҷуд овардани чунин шароитҳои махсуси мақсаднок барои чунин наврасон ба миён меояд, ки туфайли онҳо хислатҳои манфии инкишофёбанда бартараф карда шуда, дар баробари он сифатҳои нави ахлоқӣ ташаккул дода шаванд. Агар мураббияҳо ботаҷриба бошанд, он гоҳ муқобилиятнишондиҳии наврасон боз ҳам пурзӯртар мегардад, дар онҳо сангдилию бераҳмӣ, рӯҳафтодагӣ, нобоварӣ ба қувваи худ ва дигарон зоҳир мешаванд. Дар натиҷа, омӯзгорон онҳоро наврасони «душвор» ва ё характерҳои «душвор» меноманд. Наврасон барқасдона муносибат намуда дарсгурезӣ мекунанд, ба волидайну муаллимон дағалӣ менамоянд, бадахлоқӣ карда, аз хона мегурезанд ва ба дуздӣ даст мезананд. Пас, наврас якбора шахси душвор намешавад. Ҳазлу шӯхиҳои бачагона – нишонаҳои аввалини дигаршавии характер аст ва беназорат аз ҷониби волидайну муаллимон метавонад сабаби ташаккули шахсияти номатлуб гардад. Яъне, бисёр вақт калонсолон ба дигаргуншавии характери наврас эътибор намедиҳанд ва гумон ҳам намекунанд, ки ин вайроншавиҳои аввалини рафтор дар ниҳоят метавонанд ӯро ба ҳуқуқвайронкунӣ тела диҳад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бештари наврасони «ба худ рафта» ташвишҳои зиёдеро ҳангоми таълиму тарбия ба вуҷуд меоваранд. Чунин наврасон, пеш аз ҳама ғами худро мехӯранд ва манфиатҳои синф, мактаб, оила, рафиқон ва ғ. барои онҳо бегонаанд. Ин ҳолат ба пайдоиши таассуротҳои аффективӣ (пуризтироб) бурда мерасонад. Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ зери таассуротҳои манфии аффективӣ зуҳуроти чунин ҳиссиётҳоеро мефаҳманд, ки асоси онҳоро имконнопазирии қонеъгардии

ин ё он талаботҳои ҳаётан муҳими наврас ва ё ихтилоф байни онҳо ташкил медиҳад. Наврас барои қонеъ намудани иддаою талаботҳояш ҳамеша ба душворию нобарориҳо дучор меояд ва вобаста ба ҳамин амалҳои номувофиқи ҷавобӣ зоҳир менамояд: ё худи нобарориро рад мекунад ё худ сабаби рӯй додани ин ҳолатро дар муносибати номатлубу номуносиби атрофиён мебинад. Дар ҳамин асос ихтилоф ба амал омада, ҳолати пуризтиробро боз ҳам пурҷӯшухурӯштар мегардонад. Ӯ аз ин вазъияти бaамаломада ба хулоса меояд, ки сабаби нобарориаш на худи ӯ, балки атрофиён аст. Ин ба худбаҳодиҳии наврас таъсир бахшида, амали ҷавобии муҳофизатии ӯро бедор мекунад. Ҳамин тавр, муносибату муоширати атрофиён бо наврас душвор мегардад ва ҳамин ҳолат худи наврасро ба шахсияти «душвортарбия» табдил медиҳад.

Муҳити мавҷудаи ҷуғрофии Тоҷикистон ба сабзиши физиологии наврасон таъсири назаррас бахшида, дар тараққиёти ҷисмонию психикии онҳо душвориҳои муайянро низ ба вуҷуд меоварад. Ҳангоми ташкили кори тарбиявӣ бояд махсусиятҳои гурӯҳҳои наврасонро ба назар гирифт ва С.Қодиров шартан наврасонро ба се гурӯҳи зерин ҷудо намуд: «Наврасоне, ки ба гурӯҳи якум дохил мешаванд, бо бепарвоӣ ва беташаббусӣ нисбати фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ тавсиф дода мешаванд, ҳеҷ гуна оянда надоранд, бетартиб, маккор ва оворагард буданд; чунин хислати муҳими шахс – меҳнатдӯстӣ вуҷуд надошт; оила умуман дар тарбияи наврасон иштирок накардааст... Наврасони гурӯҳи дуюм бо кӯтоҳандешию саҳлангорӣ фарқ мекарданд. Онҳо оиди кори карда ва фикри гуфта андеша намекунанд. Нисбати кори фармуда беиродагӣ ва бемасъулиятӣ зоҳир менамуданд; дар аксариятaшон меҳнатдӯстӣ набуд; онҳоро саргузаштҳои бемаъно ба худ мекашид; бисёр вақт бо коллектив дар низоъ буданд. Ҳуқуқвайронкуниҳои хоси онҳо: дуздиҳои ҳаҷман майда, авбошӣ, оворагардӣ ва ғ. Ба гурӯҳи сеюм наврасони меҳнатдӯст, аз ҷиҳати ақлӣ ва ҷисмонӣ инкишофёфта дохил мешаванд; онҳо кори фармударо эҳтиёткорона ва саривақт иҷро мекунанд ва ба эродҳои рафиқону калонсолон дуруст эътибор медиҳанд. Онҳо кӯшиши ҷудо намудани худро дар байни рафиқон намекардаанд ва худро нигоҳ дошта метавонистанд. Ба ин сифатҳои мусбат нигоҳ накарда, баъзан ба таъсири наврасони гурӯҳи якум ва дуюм дода мешуданд, ҳарчанд бо нафрат ба дуздон, муфтхӯрон ва танбалон менигаранд. Наврасони ин гурӯҳ бо инкишофи хотир, хаёл, таъсирпазирӣ ва мизоҷашон аз дигар гурӯҳҳо фарқ мекарданд, дар бисёри

зиёда дар мактабҳо, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва калоннаҳои ислоҳотию меҳнатӣ тасдиқ мекунанд, ки дар чунин наврасон бисёр вақт вайроншавиҳои асабию рӯҳӣ, нодурустии инкишофи характер ва инчунин шаклҳои начандон амиқи қафомонии ақлӣ дида мешаванд.

Натиҷаҳои тадқиқотҳо нишон додаанд, ки дар наврасони аз назари педагогӣ қафомонда ҳисси маърифатӣ ба хондан нест мегардад; қисмати зиёди онҳо бархилофи меъёру қоидаҳои коллектив хоҳишу талаботҳояшонро иҷро менамудаид; дар онҳо завқи эстетикӣ суст инкишоф ёфтааст; ба қиморбозӣ майл доранд ва оворагардиро аз меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ афзал медонанд.

Ҳамин тариқ, оилаи номатлуб, камбудиҳои тарбия дар мактаб, сустшавии алоқаи наврас бо оила ва мактаб, таъсири манфии кӯча ва дигар сабабҳо ба дигаршавии сохти шахсияти навраси солим мебаранд. Ин роҳи ростест ба сӯи ҳуқуқвайронкунӣ. Аз ин рӯ, зарурати ба вуҷуд овардани чунин шароитҳои махсуси мақсаднок барои чунин наврасон ба миён меояд, ки туфайли онҳо хислатҳои манфии инкишофёбанда бартараф карда шуда, дар баробари он сифатҳои нави ахлоқӣ ташаккул дода шаванд. Агар мураббияҳо ботаҷриба бошанд, он гоҳ муқобилиятнишондиҳии наврасон боз ҳам пурзӯртар мегардад, дар онҳо сангдилию бераҳмӣ, рӯҳафтодагӣ, нобоварӣ ба қувваи худ ва дигарон зоҳир мешаванд. Дар натиҷа, омӯзгорон онҳоро наврасони «душвор» ва ё характерҳои «душвор» меноманд. Наврасон барқасдона муносибат намуда дарсгурезӣ мекунанд, ба волидайну муаллимон дағалӣ менамоянд, бадахлоқӣ карда, аз хона мегурезанд ва ба дуздӣ даст мезананд. Пас, наврас якбора шахси душвор намешавад. Ҳазлу шӯхиҳои бачагона – нишонаҳои аввалини дигаршавии характер аст ва беназорат аз ҷониби волидайну муаллимон метавонад сабаби ташаккули шахсияти номатлуб гардад. Яъне, бисёр вақт калонсолон ба дигаргуншавии характери наврас эътибор намедиҳанд ва гумон ҳам намекунанд, ки ин вайроншавиҳои аввалини рафтор дар ниҳоят метавонанд ӯро ба ҳуқуқвайронкунӣ тела диҳад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бештари наврасони «ба худ рафта» ташвишҳои зиёдеро ҳангоми таълиму тарбия ба вуҷуд меоваранд. Чунин наврасон, пеш аз ҳама ғами худро мехӯранд ва манфиатҳои синф, мактаб, оила, рафиқон ва ғ. барои онҳо бегонаанд. Ин ҳолат ба пайдоиши таассуротҳои аффективӣ (пуриҷтироб) бурда мерасонад. Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ зери таассуротҳои манфии аффективӣ зуҳуроти чунин ҳиссиётҳоеро мефаҳманд, ки асоси онҳоро имконнопазирии қонеъгардии

ин ё он талаботҳои ҳаётан муҳими наврас ва ё ихтилоф байни онҳо ташкил медиҳад. Наврас барои қонеъ намудани иддаою талаботҳояш ҳамеша ба душворию нобарориҳо дучор меояд ва вобаста ба ҳамин амалҳои номувофиқи ҷавобӣ зоҳир менамояд: ё худи нобарориро рад мекунад ё худ сабаби рӯй додани ин ҳолатро дар муносибати номатлубу номуносиби атрофиён мебинад. Дар ҳамин асос ихтилоф ба амал омада, ҳолати пуризтиробро боз ҳам пурҷӯшухурӯштар мегардонад. Ӯ аз ин вазъияти бaамаломада ба хулоса меояд, ки сабаби нобарориаш на худи ӯ, балки атрофиён аст. Ин ба худбаҳодиҳии наврас таъсир бахшида, амали ҷавобии муҳофизатии ӯро бедор мекунад. Ҳамин тавр, муносибату муоширати атрофиён бо наврас душвор мегардад ва ҳамин ҳолат худи наврасро ба шахсияти «душвортарбия» табдил медиҳад.

Муҳити мавҷудаи ҷуғрофии Тоҷикистон ба сабзиши физиологии наврасон таъсири назаррас бахшида, дар тараққиёти ҷисмонию психикии онҳо душвориҳои муайянро низ ба вуҷуд меоварад. Ҳангоми ташкили кори тарбиявӣ бояд махсусиятҳои гурӯҳҳои наврасонро ба назар гирифт ва С.Қодиров шартан наврасонро ба се гурӯҳи зерин ҷудо намуд: «Наврасоне, ки ба гурӯҳи якум дохил мешаванд, бо бепарвоӣ ва беташаббусӣ нисбати фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ тавсиф дода мешаванд, ҳеҷ гуна оянда надоранд, бетартиб, маккор ва оворагард буданд; чунин хислати муҳими шахс – меҳнатдӯстӣ вуҷуд надошт; оила умуман дар тарбияи наврасон иштирок накардааст... Наврасони гурӯҳи дуюм бо кӯтоҳандешию саҳлангорӣ фарқ мекарданд. Онҳо оиди кори карда ва фикри гуфта андеша намекунанд. Нисбати кори фармуда беиродагӣ ва бемасъулиятӣ зоҳир менамуданд; дар аксарияташон меҳнатдӯстӣ набуд; онҳоро саргузаштҳои бемаъно ба худ мекашид; бисёр вақт бо коллектив дар низоъ буданд. Ҳуқуқвайронкуниҳои хоси онҳо: duздиҳои ҳаҷман майда, авбошӣ, оворагардӣ ва ғ. Ба гурӯҳи сеюм наврасони меҳнатдӯст, аз ҷиҳати ақлӣ ва ҷисмонӣ инкишофёфта дохил мешаванд; онҳо кори фармударо эҳтиёткорона ва саривақт иҷро мекунанд ва ба эродҳои рафиқону калонсолон дуруст эътибор медиҳанд. Онҳо кӯшиши ҷудо намудани худро дар байни рафиқон намекардаанд ва худро нигоҳ дошта метавонистанд. Ба ин сифатҳои мусбат нигоҳ накарда, баъзан ба таъсири наврасони гурӯҳи якум ва дуюм дода мешуданд, ҳарчанд бо нафрат ба дуздон, муфтхӯрон ва танбалон менигаранд. Наврасони ин гурӯҳ бо инкишофи хотир, хаёл, таъсирпазирӣ ва мизоҷашон аз дигар гурӯҳҳо фарқ мекарданд, дар бисёри

онҳо мушоҳидакорӣ тараққӣ карда буд: бо як назар метавонистанд ба дили рафиқи дар паҳлӯ истода роҳ ёбад».[6]

Умуман, протсесси сотсиализатсияи навраси душвор ба осонӣ намегузарад ва мувофиқи назариёти психологи машҳури рус А.В.Петровский аз се зина иборат аст:

1) Адаптатсия – навраси ба муҳити нав афтида, дар навбати аввал кӯшиши ҷудо намудани худро аз дигарон намекунад, балки дар он меъёрҳои муошират, лексика, тарзи гашту либоспӯшӣ ва шавқу завқро аз худ менамояд.

2) Индивидуализатсия – наврас душвориҳои адаптатсияро паси сар намуда, ба фаҳмидани он чиз шурӯъ мекунад, ки худашро ҳамчун шахс аз даст дода истодааст, зеро фардияташро дигарон дар ӯ дида наметавонанд. Аз ин рӯ, наврас роҳу воситаҳои таъкид намудани шахсияти худашро ҷустуҷӯ менамояд.

3) Интегратсия – коллектив ба хусусиятҳои наврас назар карда истода, ҳар он чизеро дастгирӣ мекунад, ки ба муваффақияти фаъолияти якҷоя ёрӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, ислоҳ намудани сифатҳои шаклан ва мазмунан дигаршудаи шахсияти навраси душвор ва инчунин фаъолонидани рафти сотсиализатсияи он аз маҷмӯи таъсиррасониҳои мақсадноки тарбиявӣ чӣ дар оила ва чӣ дар мактаб вобаста аст. Роли муҳимро дар ҳалли ин масъала аҳли ҷамъият бозида метавонанд.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1.Сабабҳои душвортарбия шудани наврасон кадомҳоянд?

2.Тавсифдиҳандаҳои наврасони «душвор»-ро, ки тадқиқотчиёни гуногун муайян кардаанд, шарҳ диҳед?

3.Таснифоти наврасони «душвор» аз рӯи принсипи С.Қодиров чӣ гуна аст?

4.А.В.Петровский кадом зинаҳои сотсиализатсияи наврасонро муайян намудааст?

## 12.ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ИҶТИМОӢ

Эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи мустақилонаи минбаъдаи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқеро ба вуҷуд овард. Бахусус, дар марҳилаҳои аввали ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дар баробари иҷрои вазифаҳои сиёсӣ ва

иқтисодӣ тағйири вазъи инсон дар сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ ба таври куллӣ ногузир мегардад.

Сиёсати давлат дар шароити ҳозира ба он равона шудааст, ки мавқеи иҷтимоии донишҷӯёнро ҳамчун гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ дар байни дигар гурӯҳҳо боз ҳам устувортар гардонад.

Дар шароити ҳозира дар адабиёти илмӣ ба дараҷаи кофӣ таърифи пурраи мафҳуми «донишҷӯён» вуҷуд надорад ва инчунин андешаи ягона оиди хусусияти кору фаъолияти донишҷӯён мушоҳида намешавад.

Б.Рубин ва Ю.Колесников дар китобашон «Донишҷӯ аз нигоҳи сотсиолог» ба мафҳуми донишҷӯён чунин таъриф медиҳанд: «Донишҷӯён – ин гурӯҳи пурқуввати иҷтимоӣ буда, шарти вуҷудияти он омодагии аз рӯи барномаи муайяни муташаккилона ба иҷрои ролҳои олии касбӣ ва иҷтимоӣ дар истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ мебошад».[21] Муаллифон дар китоби мазкур таваҷҷӯҳро ба дида баромадани роҳҳои ташаккули коллективи донишҷӯён, маром ва мақсадҳои касбинтихобкунӣ ва ғ. равона намудаанд. Дар робита ба ин қайд мекунанд, ки донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ дар системаи таҳсилоти олӣ фаъолият мекунанд, ба сифати объекти истеҳсолот баромад намуда, предмети онро на ашё, балки худи шахсияти инсон ташкил медиҳад. Бинобар ин муҳаққиқон хулоса баровардаанд, ки шакли асосии истеҳсолот дар ин шароитҳо фаъолияти таълимию маърифатӣ мебошад ва ин таъриф комилан дуруст аст. Тадқиқотчии дигар Семашко А.Н. таъкид мекунад: «дида баромадани давраи донишҷӯӣ ҳамчун ҳолати танҳо омодагирӣ ба соҳиб шудани мавқеи зиёӣ хато мебуд. Донишҷӯён дорои тамоми тавсифдиҳандаҳои заруре мебошанд, ки онҳоро ба гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ дохил намудан басанда аст, яъне онҳо ба аломатҳои асосии муқарраршуда ҷавобгӯянд».[24] Ӯ чунин нишонаю аломатҳоро барои тасдиқи мавқеи илмии худ меоварад: иҷро намудани функсияҳои муайян дар ҷамъият, вуҷудияти воқеӣ, ваҳдияти якхелаи рафтори иҷтимоии аъзоёни гурӯҳҳо, яклухтӣ ва мустақилияти муайян нисбати дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва системаи арзишҳо. А.Н.Семашко дар асоси ин аломатҳо донишҷӯёнро ҳамчун «гурӯҳи одамони синну солан ҷавон, ки барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоии барои ҷамъият муҳим муттаҳид гаштаанд, муваққатан дар кори ҷамъиятии истеҳсолӣ иштирок намекунанд, соҳиби умумияти маишат, системаи арзишҳо буда, ба иҷрои ролҳои иҷтимоии зиёиён дар ҷамъият тайёрӣ мебинанд»[24] тавсиф медиҳад.

набудани таҷрибаи кофии кори сиёсӣ ё худ устувории сиёсӣ дар донишҷӯён аст.

Ҳамин тариқ, ролҳои иҷтимоии давраи донишҷӯӣ гуногунанд: хатмкардаи мактаб, довталаб ба мактабҳои олӣ, донишҷӯи мактаби олӣ, омӯзишгоҳҳои техникӣ – касбӣ, техникумҳо, коргари ҷавон ва ғ. Ин ролҳои иҷтимоӣ имконият медиҳанд, ки «фард таҷрибаҳои иҷтимоиро аз худ кунад, дорои сифатҳои иҷтимоӣ шавад, ба сифати қувваи фаъол ба ҳаёти ҷамъиятӣ ворид гардад. Баркамолии шуури шахс ин ҳамон нишондиҳандаи қобилияти ӯ аст, ки туфайлаш вазифаҳои зарури иҷтимоиро дар ҷамъият иҷро менамояд».[5]

Камолоти иҷтимоӣ – ин зинаи асосии ҳаёти инсон аст, ки дар худ давраи нисбатан фаъоли фаъолияти меҳнатӣ, ҷамъиятӣ-психологӣ ва фаъолии эҷодии шахсро дар бар мегирад.

Ба қавли психологи машҳур Б.Г.Ананев «инсон бо фаро расидани камолоти гражданӣ комилан одами аз назари ҳуқуқӣ мукаллаф, субъекти ҳуқуқҳои гражданӣ, ходими сиёсӣ ва ғ. мегардад. Ҳамаи ин ҳолатҳо на аз тараққиёти ҷисмонии инсон, балки аз сохти ҷамъиятӣ-иқтисодӣ, сохтори синфии ҷамъият, хусусиятҳои миллӣ, анъанаҳо ва ғ. вобастаанд. Дар ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти калонро камолоти меҳнатӣ пайдо мекунад, яъне қобилияти меҳнатиро дар бар мегирад, ки меъёри он бо ҳолати тараққиёти ҷисмонию ақлӣ муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, камолоти инсон ҳамчун фард (камолоти ҷисмонӣ), шахс (гражданӣ), субъекти маърифат (камолоти ақлӣ) ва меҳнат (қобилияти меҳнатӣ) аз рӯи вақту мӯҳлат мувофиқат намекунад ва чунин камолоти чорандоза дар тамоми сохторҳои ҷамъиятӣ нигоҳ дошта мешавад».[1]

Мактаби олӣ дар ташаккули чунин шахсияти баркамол мавқеи хосро дорад ва бояд дорои чунин барномаи иҷтимоӣ бошад, ки тавассути он донишҷӯёнро барои иҷрои вазифаҳои ояндаи иҷтимоӣ омода созад. Ин барнома бояд соҳа ва мақсадҳои зеринро фаро гирад:

1.Азхудкунии дониш ва маҳорати касбии кори мустақилонаи эҷодӣ дар соҳаҳои интихобкардаи илм, техника ва маданият. Дар он ҷо ба тарбияи муносибати эҷодии донишҷӯён ба меҳнат, ба такмили маҳорату вусъат додани дониш ва ба баланд бардоштани дараҷаи тахассусии он бояд эътибор дод. Дар асоси ин имкониятҳои илмӣ-маърифатии мутахассисони оянда ба амал меояд, ки дар навбати худ ба самаранокии меҳнат, ҳаҷми қобилияти корӣ ва баланд бардоштани саҳми ҷамъиятӣ дар тараққиёти илм, маданият ва истеҳсолот таъсири амиқи мусбат мебахшанд.

2.Ташаккул додани малакаю маҳорат ва қобилиятҳои ташкилотчигию идоракунӣ дар донишҷӯён. Ин ҳам тайёрии махсуси назариявӣ (донишҳои ташкили илмии меҳнат, психологияи иҷтимоӣ, этика, педагогика, техникаи компютерӣ, информатика) ва ҳам амалиро дар мактаби олӣ талаб менамояд. Иҷрои чунин вазифа имкониятҳои мутахассисро васеъ менамояд ва ба фаъолияти ҷамъиятии ӯ қувват мебахшад.

3.Тарбияи мавқеи гражданӣ, ташаккули ҷаҳонбинию эътиқод, камолоти сиёсӣ ва ватандӯстию садоқат ба халқ ва ғ.

4.Ташаккули маданияти маънавӣ, завқи зебоипарастӣ, меъёр ва принсипҳои ахлоқӣ, тандурустӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, мактаби олӣ ин вазифаҳоро дар шароити имрӯзаи тараққиёти ҷамъияти ҳуқуқбунёд ва демократӣ иҷро намуда, принсипи асосии системаи маориф – ташаккули маърифатнокии баланд, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯёнро татбиқ намуда истодааст.

**Саволҳо барои санҷиш:**

1.Мафҳуми «донишҷӯ»-ро аз назари илми психологияи иҷтимоӣ фаҳмонед?

2.Хусусиятҳои меҳнати донишҷӯёнро кушода диҳед?

3.Масъалаи равиягирии иҷтимоии ҷавонон ба фаъолиятиояндаи ҳаёт чӣ гуна сурат мегирад?

4.Хусусиятҳои асосии донишҷӯёнро тавсиф диҳед?

5.Намудҳои асосии ихтилофро дар фаъолияти донишҷӯён нишон диҳед?

6.Зери мафҳуми «камолоти иҷтимоӣ» ва дигар намудҳои ба он алоқаманд чиро мефаҳмед?

7.Барномаи иҷтимоӣ чӣ гуна вазифа ва мақсадҳоро дорад?

## 13.ПРАКТИКУМИ ИҶТИМОӢ-ПСИХОЛОГӢ

### 1.ХУДБАҲОДИҲӢ

а) Ба тасдиқоти дар поён овардашуда эътибор дода, муносибати худро ба онҳо аз рӯи системаи чорбалла муайян кунед. Баллҳо бояд чунин гузошта шаванд:

Ман дар бораи ин фикр мекунам:

Бисёр вақт – 4 балл;

Зуд – зуд – 3 балл;

Баъзан – 2 балл;

Гоҳ - гоҳ - 1 балл;

Ҳеҷ гоҳ - 0 балл.

1.Ман мехостам, ки дӯстонам ба ман ҷасорат бахшанд.

2.Ман ҳамеша масъулиятро барои кор ҳис мекунам.

3.Ман ғами оянда худро мехӯрам.

4.Аксари одамон маро бад мебинанд.

5.Ман нисбат ба дигарон дида ташаббуси камтареро соҳибам.

6.Ман ғами ҳолати рӯҳии худамро мехӯрам.

7.Ман аз аҳмақ тофтанам метарсам.

8.Намуди зоҳирии дигарон куҷо хуб аст нисбат ба ман.

9.Ман аз баромад кардан дар назди одамони ношинос метарсам.

10.Ман бисёр вақт саҳву хатоҳо мекунам.

11.Афсӯс, ки бо одамон чӣ навъ зарур аст, гуфтугӯ карда наметавонам.

12.Ман мехостам, ки амалҳои ман аз ҷониби дигарон бештар вақт писандида шаванд.

13.Афсӯс, ки ба ман боварӣ ба худ намерасад.

14.Ман ниҳоят хоксорам.

15.Ҳаёти ман бефоида аст.

16.Бисёриҳо нисбатам фикру андешаи нодурустро доранд.

17.Касе нест, ки бо ӯ дарди дил кунам.

18.Одамон аз ман бисёр чизҳоро интизоранд.

19.Одамон чандон ба муваффақиятҳоям шавқу ҳавас зоҳир намекунанд.

20.Ман ба осонӣ хиҷолат мекашам.

21.Ман ҳис мекунам, ки зиёд одамон маро намефаҳманд.

22.Ман худамро бехавфу хатар ҳис намекунам.

23.Ман бисёр вақт беҳуда ошуфта мешавам.

24.Ман худамро нобоб ҳис мекунам, вақте ки ба хона дарояму алҳол одамон нишаста бошанд.

25.Ман ҳис мекунам, ки одамон аз пасам ғайбат мекунанд.

26.Ман худамро шахшуда ҳис мекунам.

27.Ман боварӣ дорам, ки одамон нисбат ба ман дида ҳама чизро ба осонӣ тезтар қабул мекунанд.

28.Ман ҳис мекунам, ки бо ман бояд ягон нохушие рӯй диҳад.

29.Маро фикр дар бораи он ба ташвиш намеоварад, ки чӣ тавр одамон ба ман муносибат мекунанд.

30.Афсус, ки чандон шахси хушмуошират нестам.

31.Дар баҳсу мунозираҳо он вақт андеша меронам, ки агар ба дурустии худ боварӣ дошта бошам.

32.Ман андеша дар бораи он чизе мекунам, ки омма онро аз ман интизор аст.

Агар Шумо аз 0 то 25 баллро соҳиб шавед, он гоҳ шумо асосан ба амалҳои худатон боварӣ доред, аз 26 то 45 балл – дараҷаи миёнаи худбаҳодиҳӣ аст, аз 46 балл зиёдтар дараҷаи пасти баҳодиҳӣ ҳисобида мешавад.

**б) Муайян кунед, ки Шумо одами серҳаракатед?**

Одамони ниҳоят серҳаракат мавҷуданд: онҳо ҳамеша саросемаанд, якбора якчанд корро иҷро мекунанд ва вақти зиёд дар назарашон кам метобад. Одамони дигар бошанд, ҳеҷ гоҳ саросема намешаванд, вақти холӣ пайдо мекунанд, ки сайру гашт кунанд, бо дӯстон вохӯранд, ба театр раванд, ва ғ. Шумо чӣ? Серҳаракатед ва ё шахси бомулоҳиза? Ба саволҳои зерин ҷавоби: «ҳа» ва ё «не» диҳед.

1.Шумо вақте ки бекор мемонед, ғамгин мешавед?

2.Оё ба Шумо саҳар барои омода шудан (пӯшидан, шустушӯй кардан) ним соат зиёдтар вақт лозим аст?

3.Оё Шумо таҷҳизоти хонаро зуд-зуд ҷояшро иваз мекунед?

4.Агар Шумо ба барории ягон коре бовар надошта бошед, он гоҳ аз иҷрои он худдорӣ мекунед?

5.Оё орому беташвиш гузаронидани рухсатиро дӯст медоред?

6.Мехостед, ки ба ҷангал, антарктида ва ё ҷои дигар сафар кунед?

7.Оё Шумо қарорҳои муҳими худро ба саҳар вомегузоред?

8.Оё Шумо саҳар ба осонӣ бармехезед?

9.Оё Шумо тез сухан мекунед?

10.Агар ба Шумо иҷрои кори бисёре пеш ояд, он гоҳ Шумо аз кори душвор ё нохушаш сар мекунед?

11.Оё ба Шумо вақтгузарониҳои ором (масалан, сайругашт, хондан, моҳигирӣ ва ғ.) маъқул аст?

12.Оё Шумо дар вақтҳои холӣ бо ягон коре машғул мешавед?

13.Оё Шумо озмуданро дӯст медоред?

14.Оё Шумо чунин меҳисобед, ки шахси гашти аввалро карда ғолиб меояд?

15.Оё ғолибият насиби касе мегардад, ки зиёдтар истодагарӣ мекунад?

16.Оё ба назари Шумо китобу филмҳое, ки дар онҳо амалу ҳаракатҳо ниҳоят суст сурат мегиранд, ғамангезанд?

17.Оё Шумо ягон корро бо чунин фикре сар намуда будед, ки онро то ба охир расонида наметавонед?

Ҷамъбасти холҳо.

Ба ҷавобҳои тасдиқкунандаи саволҳои зерин як хол диҳед: 1, 3, 6, 8, 9, 10, 13, 14, 16, 17. Ба ҷавобҳои инкории саволҳои 2, 4, 5, 7, 12, 15 низ як балл гузоред. Ҳамаи баллҳо аз 12 зиёд бошад, он гоҳ Шумо ниҳоят шахси серҳаракатед ва агар дар ҳудуди 6 то 12 балл бошад, он гоҳ ба Шумо дараҷаи миёнаи серҳаракатӣ хос аст. Ҷамъи балли аз 6 кам ифодакунандаи дараҷаи пасти серҳаракатӣ аст.

### в) Дар ҷамъият чӣ гунаам?

Одамоне вуҷуд доранд, ки дар як хона бо онҳо кор мекунӣ, вале онҳоро хуб фаҳмида наметавонӣ ва ҳатто шинос буданашон низ маълум нест, ҳарчанд байнатон ягон ҷанҷоле ҳам нашуда бошад. Аммо одамоне ҳастанд, ки баъди чанд рӯзи шиносоӣ худашонро дар ҷамъият озод ҳис мекунанд ва бо атрофиён тез унс меёбанд.

Муносибати байниҳамдигарии Шумо бо одамон чӣ гуна аст?

Шумо бояд дар гурӯҳи саволҳои А муқобили ҷавобҳои мувофиқ ба худатон ишораи тасдиқии «+»-ро гузоред. Дар гурӯҳи саволҳои Б бошад, бояд ба ҷавобҳои «ҳа» ва «не» ишораи тасдиқии «+» гузоред.

А

1.Агар шахсе аниқу дақиқкор набошад, он гоҳ ин Шуморо озурда месозад?

а) Ҳа. Ман бардошти одамонеро надорам, ки ба қавлашон устувор нестанд.

б) Бале, ман аниқу дақиқкориро қадр мекунам, вале боз мефаҳмам, ки бо ҳар як касе ногаҳон чизе рӯй доданаш мумкин аст.

2.Оё Шумо дароз кашида хонданро дӯст медоред?

а) Не. Илова ба он барои биниш зарар дорад.

б) Ҳа, беҳад дӯст медорам.

3.Шумо дар ҷои кор дастонатонро мешӯед. Муносибати Шумо ба он ки дастатонро бо сачоқи дар болои дастшӯяк овезон тоза мекунед, чӣ гуна аст?

а) Ман аз кисаам рӯймолчамро мегираму бо он дастонамро пок мекунам.

б) Ҳа, ман ҳамеша ҳамин тавр мекунам, агар он ба таври кофӣ хушк бошад.

4.Шумо майлу хоҳиши тез шинос шуданро бо одамон доред?

а) Не. Чунин меҳисобам, ки наздикшавии одамон бо тезӣ ба амал намеояд.

б) Бо майли том. Ин ба барқарор намудани муносибатҳои рафиқона мусоидат мекунад.

5.Шумо ду чиптаи кино доред, аммо рафиқатон ин маротиба имконияти рафтан надорад. Шумо чӣ кор мекунед?

а) Чиптаи рафиқатро мефурӯшию танҳо ба кино меравӣ.

б) Ҳарду чиптаро мефурӯшию майли дигар маротиба рафтанро мекунӣ.

6.Муносибати Шумо ба мусиқии сабук чӣ гуна аст?

а) Тобу тоқати мусиқии сабукро надорам. Танҳо мусиқии ҷиддиро дӯст медорам.

б) Мусиқии сабукро низ дӯст медорам. Вай ба таври худ хуб аст.

**Б**

| № | | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|
| 1. | Шумо илтимосро бо майли том иҷро мекунед? | | |
| 2 | Оё Шуморо филмҳои бадеӣ, шеър ва мусиқӣ то ба ашкрезӣ мебаранд? | | |
| 3 | Оё дар таомҳо айбҷӯӣ мекунед? | | |
| 4 | Оё ҷойивазкунии ҷиҳози хонаро дӯст медоред? | | |
| 5 | Оё Шумо ҳангоми ҷангу ҷидол баҳри осудашавии вазъият гузашт мекунед, ҳарчанд Шумо ҳақ бошед ҳам? | | |
| 6 | Оё Шумо нӯшбод гуфтанҳоро ҳангоми нишаст дӯст медоред? | | |

Агар Шумо дар гурӯҳи А чор ишоратро дар ҳарфи «б» монда бошед ва дар гурӯҳи Б ҷавоби «ҳа» ба на кам аз 4 савол дода шавад, он гоҳ Шумо одами зуд унсгиранда ҳастед. Шумо шахси накӯкор буда, атрофиён низ нисбататон бо ҳусни таваҷҷӯҳ менигаранд.

Агар Шумо дар гурӯҳи А на кам аз 4 ишора зери ҳарфи «а» гузошта бошед ва дар гурӯҳи Б ба на кам аз чор савол ҷавоби «не» дода бошед, он гоҳ Шумо бо одамон бо дӯшворӣ унс мегиред. Шумо худдӯстед ва дар лаҳзаи зарурӣ қобилияти «не» гуфтанро доред. Дӯстии доимиро

мепарастед. Ба Шумо такя кардан мумкин аст. Шумо метавонед ба муваффақиятҳо низ ноил шавед.

Агар Шумо дар гурўҳи А зери ҳарфи «а» 3 ишора ва 3 ишора зери ҳарфи «б» гузошта бошед, аммо дар гурўҳи Б 3 «не» ва 3 «ҳа» бошад, он гоҳ муносибати Шумо бо атрофиён аз вазъияту шароитҳо вобастааст. Шумо ҳам шахси устувор ва ҳам гузашткунанда шуда метавонед. Як ҷиҳати хатарнок низ ҳис карда мешавад: Шумо ба осонӣ метавонед аз фикри шахсии худ рўй гардонед.

г) Худбаҳодиҳии шахс ва баҳодиҳии гурўҳ

Мақсади супориш. Муқоисаи худбаҳодиҳии шахс, баҳодиҳии аслӣ, баҳодиҳии тахминии гурўҳ.

Маводи зарурӣ. Рўйхати калимаҳое, ки хусусиятҳои алоҳидаи шахсро тавсиф медиҳанд:

| | | |
|---|---|---|
| Асабоният | Зудранҷӣ | Сусткорӣ |
| Бепарвоӣ | Инҷиқӣ | Ташаббускорӣ |
| Дағалӣ | Истодагарӣ | Хаёлпарастӣ |
| Беҷуръатӣ | Меҳрубонӣ | Чобукӣ |
| Боғайратӣ | Мулоҳизакорӣ | Худдорӣ |
| Дилсардӣ | Навозишкорӣ | Шармгинӣ |
| Дилсўзӣ | Принсипнокӣ | Эҳтиёткорӣ |
| Зиндадилӣ | Самимият | Якравӣ |

Иҷрои супориш. Озмудашаванда рўйхати калимаҳоро аз назар гузаронида аз онҳо ду қаторро тартиб медиҳад:

1) дар қатори аввал калимаҳое ҷойгир карда мешаванд, ки онҳо, бо гумони озмудашаванда, хусусиятҳои ба худаш хосро ифода мекунанд. Ин қатор аз калимае сар мешавад, ки он хусусияти ба озмудашаванда нисбатан камтар хосро ифода мекунад ва бо калимае тамом мешавад, ки он хусусияти ба озмудашаванда бештар хосро тавсиф медиҳад;

2) қатори дуюми калимаҳо, ба фикри озмудашаванда, тасаввуроти дар бораи ў доштаи гурўҳро ифода мекунад. Тартиби ҷойгиркунии калимаҳо монанди қатори аввала вобаста ба дараҷаи ба озмудашаванда хос будани ин ё он хусусият ҷойгир карда мешаванд. Аммо ин дараҷа бояд аз нуқтаи назари гурўҳ муайян карда шавад (озмудашаванда фақат фикр мекунад, ки гурўҳ ўро ҳамин тавр баҳо медиҳад);

3) ҳамаи дигар аъзоёни гурўҳ қаторҳои калимаҳоеро тартиб медиҳанд, ки ба фикри онҳо хусусиятҳои озмудашавандаро ифода мекунанд: тартиби ҷойгиркунии калимаҳо ба таври пештара мемонад. Баъд

аз он як қатори умумӣ (сеюм) тартиб дода мешавад. Азбаски рақами тартибии ҳар як калима дар қатор дар як вақт ҳамчун нишондиҳандаи мавқеъ (ранг) ба ҳисоб меравад, бинобар ин рақами тартибии (ранги) ҳар як хусусияти аз тарафи ҳар як донишҷӯ муайян кардашударо ҷамъ намуда, миёнаи арифметикии онро мебарорем. Ҳамин қиммати миёнаи арифметикӣ дар баҳодиҳии реалии гуруҳ ба шахс ҳамчун нишондиҳандаи мавқеи (ранги) хусусияти додашуда баромад мекунад.

**Ҷамъбасти супориш.** Се қатори калимаҳо ҳосил карда шуд: худбаҳодиҳӣ (ХБ), баҳодиҳии тахминии гурӯҳ (БТГ), баҳодиҳии умумии (реалии) гурӯҳ (БУГ). Онҳо муқоиса карда мешаванд. Дар асоси ин се қатори калимаҳо график ҳам тартиб додан мумкин аст: нуқтаҳоро пайваст карда, се хати ифодакунандаи худбаҳодиҳӣ (ХБ), баҳодиҳии тахминии гурӯҳ (БТГ) ва баҳодиҳии умумии гурӯҳро (БУГ) ҳосил менамоем.

**Д) Такомули арзишҳои худ**

Ман – ин Манам.

Дар миқёси олам касе аниқ ба Ман монанд нест. Ҳастанд одамоне, ки аз ягон ҷиҳат ба Ман монанд мебошанд, аммо ҳеҷ кас аниқ монанд нест.

Бинобар, ҳар он чӣ, ки аз Ман мебарояд, мутлақо аз Ман аст, чунки маҳз Ман онро интихоб кардаам.

Ҳама он чизе ки дар Ман мавҷуд аст, ба Ман тааллуқ доранд: ҷисмам бо ҳамаи амалҳое, ки иҷро мекунад; шуурам бо ҳамаи фикрҳо ва нақшаҳоям; чашмонам бо ҳамаи он образҳое, ки дида метавонанд; ҳиссиётҳоям чӣ хеле ки набошанд (изтироб, ҳаловатбарӣ, шиддатнокӣ, муҳаббат, барангезишот, хушнудӣ); даҳонам, бо ҳама он суханҳое, ки мегӯяд (боодобона, навозишкорона ё дағал, дуруст ё нодуруст); овозам баланд ё паст; ҳамаи амалҳоям, ки бо одамони дигар ё ба худам равона карда шудаанд.

Ҳамаи хаёлот, умеду орзуҳо ва тарсҳоям ба Ман тааллуқ доранд.

Ҳамаи комёбиҳою нокомиҳо, бурду бохтам ба Ман тааллуқ доранд.

Ҳамаи ин ба Ман тааллуқ дорад. Бинобар ин Ман метавонам бо худам аз наздик шинос шавам, худамро дӯст дорам ва бо худам дӯстӣ кунам. Ман метавонам тарзе кунам, ки ҳамаи дороиям бо шавқу ҳавасҳоям мувофиқат кунад. Ман медонам, чизе дорам, ки ба ҳайратам меоварад ва чизе ҳаст, ки ҳоло намедонам. Аммо аз хотире, ки Ман бо худам дӯстӣ мекунам ва худамро дӯст медорам, Ман метавонам эҳтиёткоронава босаброна сарчашмаи он чизеро ошкор кунам, ки маро ба ҳайрат меоварад ва дар бораи худам бисёртару бисёртар донам.

Ҳамаи он чизҳоеро, ки айни замон мебинам ва эҳсос мекунам, мегӯям ва иҷро мекунам, фикр ва эҳсос мекунам, аз Ман мебошанд. Ин ба Ман имконият медиҳад, то лаҳзаи додашуда муайян кунам, ки Ман дар куҷоям ва Ман кистам.

Вақте ки Ман ба гузаштаи худ назар меафканам, мебинам, ки чиро дидаам ва эҳсос кардаам, чӣ гуфтаам ва кадом амалро иҷро кардаам, чӣ хел фикр кардаам ва чӣ хел ҳис кардаам. Мебинам, ки ин маро пурра қаноатманд намекунад. Ман метавонам аз чизҳои нодаркор даст кашаму чизҳои даркориро нигоҳ дорам ва дар худ ягон чизи навро офарам.

Ман метавонам бинам, шунавам, фикр кунам, гап занам ва амал намоям. Ман ҳама чизро дорам, то ки бо одамони дигар наздик бошам, фоидаовар бошам, ба ашёҳо ва одамони атрофам назму тартиб бахшам.

Ман ба худам тааллуқ дорам ва аз ин рӯ метавонам худамро созам.

Ман-ин Ман-ам ва Ман – ин оличаноб аст.

## II.ХАРАКТЕРИ ШУМО

а) Характери Шумо

Аз 57 саволи пешниҳодшуда 24-тоаш ба муайянкунии дараҷаи интровертнокӣ ва экстравертнокии инсон равона шудаанд. Ҳар дуи ин мафҳумҳо аз тарафи психологи шветсарӣ К.Г.Юнг ба илм дохил карда шудаанд. Ин истилоҳҳо аз калимаҳои лотинии экстра-берун, интро-дарун, ботин ва верто-мурожиат мекунам гирифта шудаанд. Экстровертҳо шахсонеанд, ки протсессҳои асабии онҳо ба муҳити беруна равона шудаанд. Ба онҳо майл ва таассуротҳои нав ба нав хос буда, ба ҷамъиятҳои серодам ниёз доранд. Рафтори озодона ба онҳо хос буда, онҳо хушмуошират, бепарво, одами чақ-чақӣ, серҳаракат ва ҳатто боақлу бадхашманд. Ҳиссиёт ва эмотсияҳои онҳо на ҳама вақт идора карда мешаванд. Интровертҳо шахсонеанд, ки ба олами ботинӣ майл доранд. Ба онҳо водоркуниҳои берунӣ лозим нест ва ин хусусият махсусияти чунин одамонро ташаккул медиҳад. Чунин одамон каммуошират буда, дӯстони кам доранд, лекин нисбати дӯстонашон вафодориро зоҳир менамоянд. Интроверт аз ҷамъиятҳои серодам дурӣ меҷӯяд, сустҳаркат, ҷиддӣ ҳаст, амал ва ҳаракатҳои худро пешакӣ ба нақша мегирад, эмотсияҳои худро идора карда метавонад. Экстроверт ё интроверти «тоза» вуҷуд надорад, аммо мо дар ин доира мақомеро ишғол мекунем, ки ба ин ё он равия наздик аст.

24-саволи дигар ноустувории эмотсионалӣ ё баръакс, устуворӣ ва мувозинатро муайян месозанд. Инчунин дар ин метод 9-саволи дигар

дохил шудааст, ки то чӣ андоза ростқавлона ҷавоб додани шуморо ба саволҳо муайян менамоянд. Ҳангоми ба саволҳо ҷавоб додан, хуб мешуд, ки ба ҷавобҳои мусбӣ «ҳа» ва ба ҷавобҳои манфӣ «не» гузоред. Барои он ки кори тестро мушкилтар нагардонед, беҳтараш ҷавобҳоро дар варақи алоҳида, ки пешакӣ рақамҳои аз 1 то 57 гузошта шудаанд, ҷой намоед.

Калиде, ки ба таҳлили натиҷаҳои тест имконият медиҳад, дар поён оварда мешавад.

Инак:

1.Оё шумо тез-тез ба тасаввуротҳои нав, то ки аз онҳо дилхуш шаведу ҳаяҷонро ҳис намоед, майлу хоҳиш зоҳир мекунед?

2.Оё шумо тез-тез ба дӯстоне, ки Шуморо мефаҳманд ва метавонанд дасттирию рӯҳбаланд намоянд, муҳтоҷ мешавед?

3.Шумо одами бепарво ҳастед?

4.Дуруст аст, ки «не» гуфтан барои шумо мушкил аст?

5.Шумо пеш аз иҷро кардани коре, оиди он андеша мекунед?

6.Оё Шумо ҳамеша ба ваъдаи додаатон вафо мекунед (новобаста аз он, ки ин ба шумо мувофиқ аст ё не)?

7.Оё ҳолати рӯҳии шумо тез-тез тағйир меёбад?

8.Одатан шумо бе фикру мулоҳиза амал карда сухан меронед?

9.Оё шумо тез-тез худро бе ягон сабаб одами бадбахт ҳис мекунед?

10.Оё шумо ба хотири шарт ба ҳар коре қодир ҳастед?

11.Вақте ки шумо бо фарди дилчаспи ҷинси муқобил ба сӯҳбат шурӯъ мекунед, ҳисси тарс ва хиҷолат шуморо фаро мегирад?

12.Шумо баъзан худро идора карда натавонед, оташин мешавед?

13.Оё шумо тез-тез дар зери таъсироти ҳолати рӯҳии муваққатӣ амал мекунед?

14.Оё шуморо тез-тез кори кардаатон ё сухани гуфтаатон, ки амалӣ кардани онҳо даркор набуд, азоб медиҳад?

15.Дуруст аст, ки аз одамон дида бо китоб будан барои шумо форамтар аст?

16.Шуморо ранҷонидан осон аст?

17.Дар ҷамъияти одамон тез-тез буданро дӯст медоред?

18.Оё дар шумо фикрҳое пайдо мешаванд, ки онҳоро аз дигарон мехостед пинҳон доред?

19.Дуруст аст, ки баъзан шумо чунин қувваи калоне мешавед, ки гӯё ҳама чиз дар дастатон месӯзад ва гоҳе бошад, шумо тамоман пажмурдаед?

20.Дуруст аст, ки шумо дӯстони кам, аммо ба дил наздик доштанро мехоҳед?

21.Оё шумо тез-тез орзу мекунед?

22.Вақте ки ба сари шумо дод мезананд, шумо низ ҳамон тавр ҷавоб медиҳед?

23.Оё ҳисси гунаҳкорӣ шуморо тез-тез азоб медиҳад?

24.Оё ҳама одатҳои шумо хуб ва мувофиқи табъанд?

25.Оё шумо метавонед, ки ба ҳиссиётҳои худ озодӣ бахшида, бартамом дар ҷамъият ҳамроҳи дигарон хурсандӣ кунед?

26.Оё шумо худро одами серҳаяҷон ва ҳассос меҳисобед?

27.Оё шуморо одами хушҳол ва зиндадил меҳисобанд?

28.Баъди иҷрои кори муҳим дар шумо аксар вақт ҳисси беҳтар иҷро кардани ин кор ба вуҷуд меояд?

29.Ҳангоми дар ҷаъияти одамони бегона афтидан, шумо бисёр вақт хомӯш менишинед?

30.Шумо баъзан ғайбат мекунед?

31.Аз таъсири фикрҳои ҳархела хоб рафтан ба шумо мушкил аст?

32.Агар дар бораи чизе фаҳмидан хоҳед, нисбат ба пурсидан шумо мекӯшед, ки онро аз китоб ҷӯед?

33.Ҳолатҳое мешаванд, ки дар шумо таппиши сахти дил ба амал меояд?

34.Оё ба шумо коре, ки диққатнокии калонро талаб мекунад, маъқул аст?

35.Оё дар шумо хуруҷи ларзиш ба амал меояд?

36.Агар тафтиш намебуд, он гоҳ шумо ҳамеша ҳаққи борро дар нақлиёт месупоридед?

37.Дар ҷамъияте, ки одамон якдигарро мазоҳ мекунанд, ҳозир будан ба шумо нофорам аст?

38.Оё шумо фарди таъсирпазир ҳастед?

39.Коре, ки зудии ҳаракатро металабад, ба шумо маъқул аст?

40.Воқеаҳои нохуше, ки дар оянда ба амал хоҳанд омад, шуморо хавотир месозанд?

41.Шумо оромона роҳ мегардад?

42.Ягон вақт шумо ба вохӯрӣ ё кор дер мондаед?

43.Шумо тез-тез хобҳои даҳшатангез мебинед?

44.Дуруст аст, ки Шумо чунон гуфтугӯ карданро дӯст медоред, ки имконияти бо одами ношинос сӯҳбат намуданро низ аз даст намедиҳед?

45.Оё шуморо ягон дард азоб медиҳад?

46.Оё шумо худро бадбахт ҳис мекардед, агар муддати дароз аз муошират бо одамон маҳрум мегаштед?

47.Оё шумо худро одами асабӣ меҳисобед?

48.Оё дар байни шиносҳоятон шахсоне ҳастанд, ки ба шумо маъқул набошанд?

49.Оё шумо гуфта метавонед, ки шумо одами ба худ комилан боваридошта мебошед?

50.Вақте ки шумо ва кори иҷрокардаатонро танқид мекунанд, ба тезӣ ба ғазаб меоед?

51.Ба фикри шумо аз базм ба даст овардани лаззати ҳақиқӣ мушкил аст?

52.Оё ҳисси аз дигарон паст будан шуморо азоб медиҳад?

53.Оё шумо бе ягон мушкилӣ базми дилгиркунандаро ба ҷўшу хурўш оварда метавонед?

54.Баъзан вақт шумо дар бораи зуҳуротҳое гап мезанед, ки оиди онҳо маълумоти кофӣ надоред?

55.Аз саломатии худ дар ташвиш ҳастед?

56.Мазоҳ кардани дигарон ба шумо маъқул аст?

57.Бехобӣ шуморо азоб медиҳад?

### Таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда

Барои он ки дар асоси натиҷаҳои тест оиди характери шумо мулоҳиза ронем, мебоист натиҷаи ба дастовардаи шуморо бо калиди овардашуда муқоиса кард. Агар ҷавоби шумо ба ҷавоби дар калид овардашуда мувофиқат кунад, пас дар паҳлўи он «х»-ро гузоред:

1, 3, 8, 10, 13, 17, 22, 25, 27, 39, 44, 46, 49, 53, 56, - ҳа

5, 15, 20, 29, 32, 34, 41, 51 – не

Ин шкалаи саволҳо барои муайян кардани дараҷаи экстро – интроверсия равона шудааст. Агар дар ин ҷо шумо аз 12-балл зиёдро ба даст оварда бошед, пас шумо экстроверт ҳастед ва агар аз 12 балл камтар бошад, пас шумо интроверт ҳастед.

2, 4, 7, 9, 11, 14, 14, 16, 19, 21, 23, 26, 28, 31, 33, 35, 38, 40, 43, 45, 47, 50, 52, 55, 57, - ҳа.

Ин қатори саволҳо барои муайян кардани дараҷаи устуворӣ ё ноустувории эмотсионалӣ пешниҳод шудааст. Ҷавобҳои манфӣ дар ин ҷо ба назар гирифта намешаванд. Агар дар ин ҷо шумо аз 12 камтар балл

гиред, пас шумо аз ҷиҳати эмотсионалӣ устувор ҳастед: 6, 24, 36 - ҳа, 12, 18, 30, 42, 48, 54, - не. Ин шкалаи корректурист, ки то чӣ дараҷа ҳангоми ҷавобдиҳӣ ҳақ будани шуморо нишон медиҳад. Агар шумо дар ин ҷо аз 4 зиёдтар балл гиред, пас гуфтан мумкин аст, ки ҳангоми ба саволҳо ҷавоб додан шумо дар назди худ ҳаққонӣ рафтор накардед.

**б) Оё характери шумо зӯр аст?**

Аз саволҳои пешниҳодшаванда ҷавоби мувофиқро интихоб кунед (а,б). Ба саволҳои 2, 4, 5, 6, 8, 15, 18, 19 «ҳа» ё «не» ҷавоб диҳед.

Инак:

1.Оё шумо тез-тез оиди он, ки рафтори шумо ба атрофиён чӣ гуна таъсир мерасонад, фикр мекунед?

а) дер-дер б) гоҳ-гоҳ

в) бисёр вақт г) тез-тез

2.Баъзан вақт Шумо ё аз якравӣ ё аз мулоҳизоти «бонуфуз» оиди чизе гап мезанед, ки ба он худатон боварӣ надоред?

3.Аз сифатҳои дар поён зикршуда кадомашро дар одамон мепазиред: а) устувор, б) васеъгии тафаккур, в) маҳорати баланди «нишон додани худ»

4.Оё дар шумо майл нисбат ба расмиятпарастӣ вуҷуд дорад?

5.Оё шумо нохушиҳоро, ки аз саратон гузаштаанд, ба зуддӣ фаромӯш карда метавонед?

6.Таҳлил намудани амалҳои худро дӯст медоред?

7.Ҳангоми дар доираи шиносон будан, шумо а) мекӯшед, ки қоидаи ба доираи зерин мувофиқро нигоҳ доред?, б) ҳолати табиии худро дигар намекунед?

8.ба ҳалли масъалаи мушкил оғоз намуда шумо кӯшиш мекунед, ки дар бораи мушкилиҳои дар пешистода фикр кунед?

9.Кадоме аз мафҳумҳои дар поён зикршуда ба фикратон ба шумо мувофиқ меоянд:

а) хаёлпараст, б) одами дилкушод, в) дар кор боғайрат, г) дақиқ, покизакор, д) файласуф ба маънои васеи ин калима, е) одами серташвиш.

10.Ҳангоми мулоҳизаи ин ё он масъала шумо: а) нуқтаи назари худро баён мекунед, гарчанде ки он аз ақидаи аксарият фарқ дорад; б) чунин меҳисобед, ки дар ин вазъият хомӯш нишастан беҳтар аст, ҳарчанд нуқтаи назаратон дигар аст; в) ба ақидаи худ монда, аксариятро дастгирӣ мекунед; г) бо фикркуниҳо худро андармон насохта, он ақидаеро дастгирӣ мекунед, ки бартариятро ба даст овардааст.

11.Даъвати ногаҳонии роҳбар дар шумо кадом ҳиссиётро ба вуҷуд меоварад:

а) озурдагӣ; б) изтироб; в) мушавваші; г) ягон ҳиссиёт.

12.Агар ҳангоми мунозира ҳарифи шумо «канда шуда» бо ақидаҳои шахсии худ ба шумо ҳуҷум кунад, шумо чӣ кор мекунед? а) ба ӯ бо ҳамин тарз ҷавоб мегардонед; б) ин асосро инкор мекунед; в) рӯирост озурда мешавед; г) танаффус карданро пешниҳод мекунед.

13.Агар кори шумо бесифат қабул карда шавад, он гоҳ ин дар шумо ҳиссиёти зеринро ба вуҷуд меоварад?

а) алам б) хиҷолат в) ғазаб

14.Агар ба ҳолати ногувор афтед, киро пеш аз ҳама гунаҳгор меҳисобед: а) худро; б) «нобарории тақдир»; в) дигар вазъиятҳои объективӣ.

15.Оё ба шумо чунин наменамояд, ки атрофиён – роҳбарон, ҳамкорон ё зердастон хусусият ва донишҳои шуморо қадрдонӣ намекунанд?

16.Агар дӯстон ё ҳамкорони шумо ба шумо ҳазлу шӯхӣ кунанд, Шумо чӣ кор мекунед?

а) ба ғазаб меоед; б) кӯшиш мекунед, ки худдорӣ кунед; в) хашмгин нашуда, ба шӯхиҳои онҳо ҷӯр мешавед; г) бо ханда ҷавоб мегардонед ва чӣ хеле ки мегӯянд, «ниҳояти бепарвоӣ»; д) нигоҳи бепарвоёнаро зоҳир намуда, ҳатто табассум мекунед, аммо ботинан бошад, оташ мегиред.

17.Шумо шитоб доред, аммо баногоҳ портфел, чатр, дастпӯшак ва ғайраро дар ҷои одатӣ намеёбед, он гоҳ Шумо:

а) ҷустуҷӯро хомӯшона давом медиҳед; б)ҷустуҷӯро давом дода, аҳли оилаатонро дар бенизомӣ гунаҳгор кардан мегиред.

18.Чӣ тезтар Шуморо аз мувозинат берун мекунад?

а) навбати тӯлонӣ дар қабулгоҳ; б) талотум дар нақлиёти ҷамъиятӣ; в) зарурияти омадан ба як ҷои муайян оиди ҳамон як масъала.

19.Бо тамом шудани баҳс, оё Шумо дар асоси овардани далелҳои нав ба нав онро фикран давом медиҳед?

20.Агар барои иҷрои кори таъҷилӣ ба Шумо имконияти интихоб намудани ёрдамчӣ пешниҳод шавад, пас аз номзадҳои зерин Шумо киро интихоб мекунед?

а) одами вазифашинос, аммо беташаббус; б) одами пуртаҷриба, лекин якрав ва ҷанҷолӣ; в) одами лаёқатманд, аммо танбал.

**Шкалаи баҳодиҳии ҷавобҳо**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1.А-0<br>б-1<br>в-2<br>г-3 | 2.ҳа-0<br>не-1 | 3.а-1<br>б-1<br>в-1 | 4.ҳа-2<br>не-0 | 5.ҳа-0<br>не-2 | 6.ҳа-2<br>не-0 |
| 7.а-2<br>б-о | 8.ҳа-0<br>не-2 | 9.а-0<br>б-1<br>в-3<br>г-2<br>д-2<br>е-0 | 10.а-2<br>б-0<br>в-0<br>г-0 | 11.а-0<br>б-2<br>в-1 | 12.а-0<br>б-2<br>в-1<br>г-3 |
| 13.а-2<br>б-1<br>в-0 | 14.а-2<br>б-0<br>в-0 | 15.ҳа-0<br>не-2 | 16.а-0<br>б-1<br>в-2 | 17.а-2<br>б-0<br>в-1 | 18.а-1<br>б-0<br>в-1 |
| 19.ҳа-0<br>не-2 | 20.а-0<br>б-1<br>в-2 | | | | |

**Таснифотчӣ**

Аз 15 балл камтар – Афсӯс, Шумо одами сустирода, бемувозинат ва бепарво ҳастед. Дар ҳодисаҳои нохуше, ки аз саратон мегузаранд, шумо тайёред ғайри худ дигаронро гунаҳгор кунед. Ҳам дар дӯстӣ ва ҳам дар кор ба шумо такя намудан мушкил аст. ОИДИ ИН МАСЪАЛА ФИКР КУНЕД.

Аз 15 то 25 балл – Характери Шумо то дараҷаи муайян сахт қавист. Шумо нисбат ба ҳаёт назари реалистӣ доред, аммо амалҳоятон на ҳамеша баробарвазнанд. Шумо ба нобаробариҳо ва гумроҳиҳо дучор мегардед. Дар коллектив шумо боинсоф ва тоқатфаресоед. Ба ҳар ҳол шумо оиди баъзе норасоиҳо дар худ атрофи ислоҳоти онҳо бояд фикр кунед. ШУБҲА НАКУНЕД, ИН БА ШУМО ИМКОНПАЗИР АСТ.

Аз 26 то 38 балл – Шумо ба қатори одамоне дохил мешавед, ки қавиирода ҳастед, ҳисси устувори вазифашиносиро доред. Мулоҳизоти худро қадрдонӣ мекунед ва ақидаҳои дигаронро низ ба назар мегиред. Дар вазъиятҳои бавуҷудомада мавқеи дурустро ба даст

оварда, дар аксари ҳолатҳо ҳалли дурустро интихоб мекунед. Ин аз хусусиятҳои қавииродагии Шумо гап мезанад. Аммо аз худпарастӣ дур шавед ва дар хотир нигоҳ дошта бошед: зӯрӣ маънои сангдилиро надорад.

Аз 38 балл боло – Узр, ки ба шумо ягон чиз гуфта наметавонам. Барои чӣ? Барои он ки бовар кардан ба мавҷудияти одамони ин гуна характери идеалӣ дошта ғайриимкон аст ва азбаски чунин одамон вуҷуд доранд, ба онҳо тавсия додан низ ҳатмӣ нест. Шояд чунин суммаи баллҳо ин натиҷаи баҳои ғайриобъективии амалҳо ва рафтори шумост.

**в) Хислатҳои умумии характери Шумо чӣ гунаанд?**

**Яке аз тасвирҳои дар поён овардашударо интихоб кунед:**



1



2



3



4



5



6



7



8



9



10

Тасвири 1.

Одам бо росткорӣ ва ростгӯии худ тавсиф дода мешавад. Майл ба қарорҳои қатъӣ дошта, фарди устуворақида аст. Созишу муросокориҳоро намепарастад. Ба чунин одам таъсир расонидан ниҳоят душвор аст.

Тасвири 2.

Ба чунин одам мулоҳизакорию боандешагӣ ва кордонӣ хос аст. Қобилияти хуби равона кардани фаъолияти шуурро ба ҳодисаҳо дорад. Ӯро дар ҷои кор на танҳо ҳамчун мутахассис, балки ҳамчун одами хушрафтор низ қадр мекунанд, ки ба вазифаҳо муносибати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Ӯ дар корҳои пулӣ бениҳоят хурдагир аст.

Тасвири 3.

Ба чунин одам дамдуздию дарундорӣ хос аст. Мардумгурез аст, майл ба афтодарӯҳӣ дорад. Шахси мулоим, ниҳоят ҳассос ва хушмуомила аст. Кӯшиш мекунад, ки касеро наранҷонад. Ҳаётро дар тобишҳои тира дарк мекунад. Майл ба шодию сурур ва вақтхушӣ надорад.

Тасвири 4.

Шахси хушфаҳму бофаросат аст. Тарзи ба мақсад расиданро медонад ва дар аксари ҳол ба он ноил мешавад. Қавиирода буда, оқилона амал мекунад. Баъзан равшан ва мантиқан фикр менамояд. Таърифу тавсифро дӯст медорад ва дар аксари ҳол ба он сазовор аст.

Тасвири 5.

Фарди бениҳоят ҳардамхаёл аст. Доимо чизеро мекобад ва касеро интизор аст. Табиати беихтиёр муносибат карданро дорад ва аз ин рӯ бо



7



8



9



10

Тасвири 1.

Одам бо ростқорӣ ва ростгӯии худ тавсиф дода мешавад. Майл ба қарорҳои қатъӣ дошта, фарди устуворақида аст. Созишу муросокориҳоро намепарастад. Ба чунин одам таъсир расонидан ниҳоят душвор аст.

Тасвири 2.

Ба чунин одам мулоҳизакорию боандешагӣ ва кордонӣ хос аст. Қобилияти хуби равона кардани фаъолияти шуурро ба ҳодисаҳо дорад. Ӯро дар ҷои кор на танҳо ҳамчун мутахассис, балки ҳамчун одами хушрафтор низ қадр мекунанд, ки ба вазифаҳо муносибати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Ӯ дар корҳои пулӣ бениҳоят хурдагир аст.

Тасвири 3.

Ба чунин одам дамдуздию дарундорӣ хос аст. Мардумгурез аст, майл ба афтодарӯҳӣ дорад. Шахси мулоим, ниҳоят ҳассос ва хушмуомила аст. Кӯшиш мекунад, ки касеро наранҷонад. Ҳаётро дар тобишҳои тира дарк мекунад. Майл ба шодию сурур ва вақтхушӣ надорад.

Тасвири 4.

Шахси хушфаҳму бофаросат аст. Тарзи ба мақсад расиданро медонад ва дар аксари ҳол ба он ноил мешавад. Қавиирода буда, оқилона амал мекунад. Баъзан равшан ва мантиқан фикр менамояд. Таърифу тавсифро дӯст медорад ва дар аксари ҳол ба он сазовор аст.

Тасвири 5.

Фарди бениҳоят ҳардамхаёл аст. Доимо чизеро мекобад ва касеро интизор аст. Табиати беихтиёр муносибат карданро дорад ва аз ин рӯ бо

атрофиён тез ба низоъ меояд. Ба ӯ дар корҳои душвор умед баста намешавад.

Тасвири 6.

Одамест, ки характери зӯрро дорад. Агар ин расмро зан интихоб кунад, он гоҳ ин аз бомаърифатии ӯ шаҳодат медиҳад. Чунин одамон дар ҳаёти ҳаррӯза худро ҳамчун фарди тавоно зоҳир менамоянд ва онҳо ин қувваро хуб медонанду идора мекунанд.

Тасвири 7.

Характери мулоимтабиат ва кушодадилиро дорад, баъзан худро беғаму содда нишон медиҳад, исрофкорию фаровониро дӯст медорад. Ӯ аз сабаби он ки ба ҳузуру ҳаловати худ эътибори калон медиҳад, бинобар ин атрофиён баъзан дар ӯ фарди худпарастро мебинанд.

Тасвири 8.

Одами канораҷӯй буда, аз олами гирду атроф чун туқумшуллук дурӣ меҷӯяд. Бо хусусияти тарсончакӣ, бефаросатӣ ва ғамангезию бенишотӣ фарқ мекунад.

Тасвири 9.

Чунин одам бо қувваи баланди характераш фарқ мекунад. Барои ба дараҷаи баланд ноил шудан ҷидол мекунад, ҳарчанд бар зарари атрофиён бошад ҳам. Ӯ аз истифодаи роҳу воситаҳои мамнӯъ ҳазар намекунад.

Тасвири 10.

Шахси танбал ва сергап аст. Ӯ дӯст медорад, ки дигарон ба ҷои ӯ кор кунанд ва қарори муайянро қабул намоянд. Баъзан чунин одамон шахсони беиродаро мемонанд, вале ин дар зоҳир аст. Онҳо ниҳоят хуб медонанд, ки чиро мехоҳанд ва дар аксари ҳол ба мақсадашон ноил мешаванд.

## III. Муоишрат ва муносибатҳои байнишахсӣ

а)Муоширати байнишахсӣ

Ҳар як шахс дар гурӯҳи коллективҳои ибтидоӣ муоширaт менамояд. Дар рафти чунин муошрати дукаса ҳам мақсаду вазифаҳои шахсӣ ва ҳам гурӯҳӣ амалӣ мегарданд. Ҷараёни муошират ба шахсияти муоширaткунандагон низ вобаста аст, ки то чӣ андоза онҳо хушмуомила ва хушмуошират мебошанд. Ҳангоми ташхиси шахсияти иштирокчиёни муошират аз тестҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Яке аз онҳо тести Ряховский ном дорад. Ин тест имконияти муайян намудани дараҷаи хушмуоширатии шахсро дорад. Ҳангоми ба саволҳо ҷавоб додан, мебоист аз се шакли ҷавоб истифода бурд - «ҳа», «баъзан» ва «не».

1.Шуморо вохӯрии оддӣ ё корӣ интизор аст. Оё интизории ин вохӯрӣ Шуморо аз ҳолати муқаррариатон берун месозад?

2.Оё Шумо ташриф оварданро ба назди духтур то бетоқат шудани дард мавқуф мегузоред?

3.Оё супориши дар ягон ҷамъомад бо маърӯза ва ё ахбороте баромад кардан дар Шумо изтироб ё нороҳатиро ба вуҷуд намеорад?

4.Шумо ба сафари хизматӣ бояд ба шаҳре равед, ки пештар дар он ҷо набудед.Оё барои ба он шаҳр нарафтан тамоми қувваи худро сарф мекунед?

5.Оё Шумо бо ҳама оиди таассуротҳои худ гуфтугӯ карданро дӯст медоред?

6.Шумо ба ғазаб меоед, агар дар кӯча одами ношиносе ба Шумо бо хоҳише муроҷиат кунад (нишон додани роҳ, гуфтани вақт, ба саволе ҷавоб додан)?

7.Оё Шумо боварӣ доред, ки проблемаи «падарону фарзандон» вуҷуд дорад ва одамони наслҳои гуногун якдигарро намефаҳманд?

8.Оё Шуморо шарм фаро мегирад, агар ба хотири шиноси худ расонед, ки ӯ баргардонидани даҳ сомонии аз Шумо гирифтаро фаромӯш кардааст?

9.Дар қаҳвахона ё ошхона ба Шумо хӯроки бадсифатеро оварданд. Оё Шумо косаро хашмгинона аз худ дур карда хомӯш мешинед?

10.Бо одами ношинос танҳо монда, Шумо сӯҳбатро оғоз намекунед, вале агар ӯ ба сӯҳбат оғоз бахшад, он гоҳ Шуморо ин азият медиҳад. Оё инчунин аст?

11.Ҳар як навбати дароз дар куҷое, ки набошад (дар магазин китобхона, кассаи кинотеатр), Шуморо ба таҳлука меоварад. Оё Шумо нисбат ба истодану интизор шудан аз нияти худ гаштанро мепазиред?

12.Оё Шумо аз иштирок дар комиссияи дида баромадани вазъияти ихтилофнок метарсед?

13.Шумо меъёрҳои ба худ хосу фардии баҳодиҳиро ба асарҳои адабӣ, санъат, маданият доред ва ақидаҳои «бегонаро» қабул намекунед. Оё ин чунин аст?

14.Агар Шумо ҳангоми сӯҳбатҳои ғайрирасмӣ андешаи хаторо дар бораи масъалаҳои ба Шумо маълум шунавед, он гоҳ хомӯширо мепазиред?

15.Оё Шуморо ягон кас дар мавриди таҳлили ин ё он масъала ё мавзӯи дарсӣ ба хашм меоварад?

16.Оё ба Шумо нисбат ба тарзи шифоҳӣ ба таври хаттӣ баён кардани фикри (ақида, баҳо) худ осонтар аст?

Калид ба тест: ҷавобҳои «ҳа»-2 балл; «баъзан»-1 балл; «не»-0 балл.

**Коркарди ҷавобҳо:**

30-32 балл. Шумо одами бадмуоширату бадмуомила ҳастед ва ин бадбахтии Шумост, чунки аз ин кор худатон бисёртар азоб мекашед. Ба наздикони Шумо низ муносибат кардан ба Шумо осон нест. Ба Шумо бовар кардани коре, ки ҷаҳду кӯшиши гурӯҳро металабад, мушкил аст. Кӯшиш кунед, ки улфатпазир бошед ва худро идора кунед.

25-29 балл. Шумо дамдуздед, камгап буда, танҳоиро мепазиред ва барои ҳамин Шумо эҳтимол дӯстони кам доред. Агар кори нав ва зарурияти робитаҳои нав Шуморо ба воҳима гирифтор накунанд ҳам, вале муддати дурудароз Шуморо аз ҳолати муқаррарӣ берун месозад. Шумо ин хусусияти характери худро медонед ва аз он ҳамеша норозӣ ҳастед, лекин ба ин норозигӣ маҳдуд нагардед. Шумо қудрати шикастани ин хусусияти характери худро доред. Магар чунин нест, ки шумо ҳангоми иштиёкманди ягон кор шудан, «ногаҳон» хушмуоширатии томро ба даст меоваред? Танҳо такони нав додан даркор аст.

19-24 балл. Шумо то ба дараҷаи муайян хушмуоширату хушмуомила ҳастед ва дар шароити мувофиқ худро дилпур ҳис мекунед. Проблемаҳои нав шуморо ба ҳарос немеоранд, лекин бо одамони нав эҳтиёткорона муносибат карда, дар баҳсу мунозираҳо бо дили нохоҳам иштирок мекунед. Баъзан дар гуфторҳои шумо таънаҳои беасос беҳад зиёд дида мешаванд. Ин норасоиҳо ислоҳшавандаанд.

14-18 балл. Дараҷаи хушмуоширатию хушмуомилагии Шумо миёна аст. Шумо донишдӯст буда, бо рағбати калон ҳамсӯҳбати худро гӯш мекунед, дар муошират бо дигарон пуртоқат мебошед, бе тундмиҷозӣ ақидаи худро пеш меронед. Бе ҳиссиётҳои манфӣ бо одамони нав шинос мешавед. Шумо инчунин шабнишиниҳои сергавғоро дӯст намедоред ва сергапӣ дар шумо бадхашмиро ба вуҷуд меоварад.

9-13 балл. Шумо бағоят хушмуоширати (баъзан аз ҳад зиёд), кунҷков, сергап буда, оиди масъалаҳои гуногун гап заданро дӯст медоред, ки баъзан дар атрофиён ғазабро ба вуҷуд меоваред. Бо майли калон бо одамони нав шинос мешавед, хоҳишҳои онҳоро рад намекунед, гарчанде на ҳамеша ин хоҳишҳоро иҷро мекунед. Баъзан ба хашм меоед, лекин тез ором мешавед.

Чизе, ки ба Шумо намерасад, ин пуртоқатӣ, сабр ва ҷасорат ҳангоми дучор омадан бо проблемаҳои ҷиддӣ мебошад. Агар шумо хоҳиш пайдо кунед, он гоҳ худро маҷбур карда метавонед, ки ақибнишинӣ намоед.

4-8 балл. Шумо мебоист «одами дилкушод» бошед. Хушмуоширатии Шумо аниқу равшан аст. Шумо ҳамеша аз хусуси ҳама чиз хабар доред. Дар баҳсу мунозира иштирок карданро дӯст медоред, гарчанде мавзӯъҳои ҷиддӣ дар шумо зиқиро ба вуҷуд оварда метавонанд. Бо майли том оиди ҳар як масъала гап мезанед, ҳарчанд доир ба ин масъалаҳо тасаввуроти сатҳӣ доред. Дар ҳама ҷо худро озод ҳис мекунед. Бо дилу ҷон корро сар мекунед, аммо на ҳамеша онҳоро то ба охир бурда мерасонед. Аз ин сабаб роҳбар ва ҳамкорон ба шумо бо эҳтиёт ва шубҳа муносибат мекунанд. Оиди ин масъалаҳо фикр кунед.

3 балл ва аз он камтар. Хушмуоширатии шумо табиати дардоварро дорад. Шумо сергап ва пургӯй буда, ба корҳое шарик мешавед, ки ба шумо ягон муносибат надоранд, оиди проблемаҳое мулоҳиза меронед, ки дар доираи онҳо ягон салоҳият надоред. Хоҳ нохоҳ шумо бисёр вақт сабаби низоъҳои гуногун мешавед. Шумо бояд бо худтарбия машғул шавед.

### б) Намунаҳои машқ барои ташаккули гурӯҳ дар ҷараёни муошират

Дастур: ба иштирокчиён дар бораи мақсади гузаронидани ин машқ маълумот додан зарур аст. Шахсе, ки бори аввал машқ медиҳад, бо гурӯҳи хурди 10-12 нафара кор карданаш беҳтар аст ва баъди малакаю таҷриба ҳосил карданаш, метавонад шумораи иштирокчиёнро ба 30-40 нафар расонад. Таҷрибаи гузаронидани чунин машқҳо нишон медиҳад, ки дар фосилаи 3-4 соати кор бо гурӯҳ натиҷаҳои дилхоҳро ба даст овардан мумкин аст. Дар шароити мактаб бошад, дар як ҳафта як бор ин машқро гузаронидан мувофиқи мақсад аст. Барои ин ду дарсро якҷоя карда гузаронидан мумкин аст.

Дар синфхона бояд чунин шароите фароҳам оварда шавад, ки иштирокчиён озод гашта тавонанд, даврамонанд шинанд ва ба гурӯҳҳои хурди 3-5 нафара якҷоя шуда ҷойгир шаванд.

### Машқи 1. Бозии «Ном»

Мақсад: номи иштирокчиёни машқро донистан ва ба хотир гирифтан; бартараф намудани ҳар гуна душвориҳое, ки дар рафти муроҷиат кардан ба якдигар ба амал меоянд.

Иҷрои машқ: Ҳар иштирокчӣ ба равиши давра пай дар пай ҳамаи номҳои аз ин пеш гуфташудаи иштирокчиёнро номбар мекунад ва дар охир номи худро мегӯяд.

**Машқи 2. Бозии «Андеша»**

Мақсад: муайян кардани сифатҳои хуб ё бади иштирокчии ҷараёни муошират.

Иҷрои машқ: баъди пешниҳод шудани ягон иштирокчӣ, дигарон бо навбат як ҷиҳати ба андешаашон хуби ӯро номбар мекунанд ё худ метавонанд ҳамон сифатеро гӯянд, ки ба ҷараёни муошират халал мерасонад.

**Машқи 3. Муоширати ғайривербалӣ**

Мақсад: муайян кардани маҳорати иштирокчиён дар идора кардани протсесси муошират.

Иҷрои машқ: иштирокчиёни машқ ба ҷуфтҳо ҷудо мешаванд. Ба ҳар як ҷуфт як варақ ва як қалам дода мешавад. Ҳар ду қаламро дошта истода, бегуфтугӯ дар давоми 5 дақиқа бояд асареро якҷоя офаранд. Сипас, дар зери расми кашидаашон номгузорӣ кунанд ва имзоҳояшонро гузоранд.

Баранда баъди иҷрои машқ ба онҳо чунин саволҳо медиҳад:

1.Оё расми кашидашуда дар ҳақиқат натиҷаи фаъолияти якҷояи онҳо аст?

2.Ташаббускор офаридани маҳз ҳамин сюжет кӣ буд?

3.Оё хоҳиши ҳар як иштирокчӣ ба эътибор гирифта шудааст?

Оё иштирокчиён ҳамдигарро дар рафти кори якҷоя мефаҳмиданд?

**Машқи 4. Ташаккули малакаҳои коммуникативӣ**

Мақсад: а) ташхиси тарзҳои фардии муошırати иштирокчиён;

б) ташаккули маҳорати таҳлил кардани хусусиятҳои фардии худ ва ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои шахси одами дигар;

в) инкишоф додани малакаҳои коммуникативӣ.

**Дастур:** Баранда ва ё худи иштирокчиён ягон вазъиятеро ба таври умумӣ мегӯянд. Хоҳишмандони иҷрои он метавонанд худашон вазъиятро боз ҳам мушаххастар намоянд. Ҷои онро аниқ кунанд ва ғ. Баъди иҷрои он аввалан худи иштирокчиён ва сипас дигар аъзоёни гурӯҳ ин вазъиятро метавонанд мавриди таҳлил қарор диҳанд.

**Дастури иловагӣ:** Агар Шумо хоҳиши ба ин ё он кас наздик шудан дошта бошеду пеши роҳатон душвориҳо бароянд (масалан, ким чизеро дар характери худ ё дар шахси номаъқул дидан), он гоҳ:

-метавонед ба ин одам каме таъсир расонед;

-беҳтар мешуд, ки муносибати худатонро нисбати ӯ хуб намоед;

-ба маслиҳатҳои Д.Корнеги гӯш диҳед, ки тавассути онҳо он шахси дигарро тағйир додан мумкин аст. Даҳ роҳи зерини тағйир додани одамро ӯ пешниҳод намудааст:

1.Аз таърифу ситоиш ва эътирофи самимии қадру қиммат ва манзалати одам сар кардан зарур аст.

2.Агар ба камбудиҳои одамон эътибор доданӣ бошед, он гоҳ инро дар шакли бевосита, ғайри мустақим кунед.

3.Ба ҷои фармондеҳӣ ба мусоҳиб беҳтар аст, ки саволҳо диҳед.

4.Пеш аз он ки шахси дигарро танқид кунед, аввалан ба камбудиҳои худ нигареду гӯед.

5.Ба одам барои нигоҳ доштани обрӯяш имконият диҳед.

6.Ҳар як муваффақияти хоксоронаи одамро таъриф кунед ва таърифу таҳсини Шумо бояд самимию олиҳимматона бошад.

7.Номи некро барои одам ба вуҷуд оваред, то ки мувофиқи он зиндагӣ карда тавонад.

8.Ҳамин тавр кунед, ки камбудии шахс ба осонӣ ислоҳшаванда ҳис шавад ва ба коре, ки ӯро ҷалб намуданиед, низ ба осонӣ иҷрошаванда бошад.

9.Ҳамин тавр кунед, ки хоҳишҳои Шумо хушу гуворо иҷро шаванд.

**Машқи 5. Ифодаи агрессия**

**Мақсад:** Ифода намудани агрессияи ҷамъшуда.

**Дастур ва иҷрои супориш:** ба ҳар як иштирокчӣ як варақ ва як фламастер дода мешавад. Онҳо бояд «расми хеле зебо»-ро кашанд. Сипас, ин расм ба ҳамсояи тарафи рост дода мешавад ва ӯ бояд ин расмро дар давоми 30 сония ба расми «бадвоҳимаю даҳшатнок» табдил диҳаду баъд онро ба ҳамсояи дигар диҳад. Ин ҳамсоя бошад аз расм боз «расми зебо» офарад. Ҳамин тавр, расм тамоми давраро чарх мезанад ва ба дасти соҳибаш бармегардад.

Натиҷаи машқ муҳокима карда мешавад.

**Хулоса:** кашидани расмҳо дар ифода намудани агрессияи ҷамъшуда ёрӣ мерасонад.

**Машқи 6. Савол ва ҷавоб**

**Мақсад:** Мустаҳкам намудани робитаи штирокчиён

**Дастур ва иҷрои машқ:** Ҳар як иштирокчӣ дар варақчае саволеро менависад, ки ба он ҷавоб медиҳад (ё мехоҳад, ки ба он худаш ҷавоб диҳад). Варақчаҳо бо саволҳо ба кулоҳ ҷой дода шуда омехта карда мешаванд ва сипас бо тартиби ихтиёрӣ онҳоро ба иштирокчиён тақсим мекунанд. Ҳар яке ба саволи иасибаш гашта ҷавоб медиҳад. Чунин муҳокимаронию мулоҳизарониҳо ба устувор гаштани риштаи робитаи иштирокчиёни ҷараёни муошират ёрӣ мерасонад.

**Машқи 7. Алоқаи бозгашти мусбат**

**Мақсад:** Мустаҳакам намудани алоқаи байни муошираткунандагон.

**Дастур ва иҷрои машқ:** Ҳар як иштирокчӣ дар варақ тарҳи кафи дасташро бо қалам хат мекашад. Дар маркази кафи дасташ номашро менависад ва дар ҳар як ангушташ бошад ҳамон чизеро менависад, ки дар худаш ба худи ӯ маъқул аст. Сипас, ин варақ ба ҳамсояи тарафи рост дода мешавад ва ӯ бояд дар давоми 30 сония дар варақ (аз беруни кафи даст) чизи маъқулеро нависад, ки дар соҳиби ин кафи даст вуҷуд дорад. ҳамин тавр, варақ давраро чарх зада ба соҳибаш дар шакли чаппагардон баргардонда мешавад.

**Машқи 8. Баҳси гурӯҳӣ**

**Мақсад:** Муайян намудан ва инкишоф додани маҳоратҳои иштирокчиён, ки барои муошırати самарабахши гурӯҳӣ муҳиманд.

Варианти А. Роҳбарӣ ба ҷараёни мубоҳиса.

**Дастур:** Мавзӯъ барои баҳс интихоб карда мешавад. Он метавонад аз тарафи баранда ва ё гурӯҳ пешниҳод гардад, ки дар мавзӯъҳои умумӣ аз қабили «Дӯстӣ чист?», «Бетарафон аз куҷо пайдо мешаванд?», шаклбандӣ гардад. Метавон вазъияти конкретиро барои муҳокима пешниҳод намуд.

Ҳамаи иштирокчиён якҷоя меъёрҳои баҳодиҳиро ба фаъолияти роҳбар пешниҳод менамоянд: маҳорати фаҳмо гузоштани саволҳо, лаҳзаҳои гузаришро дар суҳбат ҷамъбаст намудан, камфаъолонро ба баҳс ҷалб кардан, суханҳои аз ҳад дарозро боздоштан, дар муносибат бо аудитория боодобиро риоя намудан. Ин ҷо бори дигар қоидаҳои умумиро

гӯшрас мекунанд: зарурияти муносибати хайрхоҳона; муҳокима намудани фаъолият, на шахси алоҳида.

Барандаи мубоҳиса метавонад аз рӯи хоҳиш интихоб гардад ё ба воситаи қуръапартоӣ ва ё метавонад аз тарафи гурӯҳ интихоб карда шавад. Мубоҳиса вобаста аз шавқовар будани мавзӯъ метавонад 15-30 дақиқа давом ёбад.

Вазифаи барандаи мубоҳиса – савол додан, сухан додан, суханҳои иштирокчиёнро гӯш кардан, ба моҳияти онҳо самтгирӣ намудан, ба ҳалли масъала овардан ва ғ. Ба баранда зарур аст, ки муҳити озодонаи сӯҳбатро фароҳам оварад, ҳолати рӯҳиро нигоҳ дорад. Барои бартараф намудани бошиддатӣ мумкин аст ҳазлу шухӣ ё ҳодисаи ибратомези хандаовареро истифода бурд.

Аз суолҳое, ки ҷавоби онҳо танҳо «ҳа» ё «не» аст, бояд камтар истифода намуд. Беҳтар аст пурсид, ки «Барои чӣ чунин мешавад?», «Ба фикри ту, ин ба чӣ вобаста аст?», «Ҳама ҳамин фикрро доранд?», «Кӣ дидааст?», «Кӣ мисоли дигаре оварда метавонад». «Мо метавонем ба ин розӣ шавем»... ва ғайраҳо.

Ба баранда ба чунин гузаришҳо ёрӣ мерасонанд:

-Биёед фикран мегузарем...

-Тасаввур кунед, ки ...

-Ин вариант чӣ гуна тағйир меёбад, агар...

-Худро дар ҷои ... тасаввур кунед.

**Эзоҳ барои баранда:**

Лаҳзаи асосӣ дар ин раванд - мубоҳиса аст. Дар аввал шахсе, ки баранда буд, фаъолияти худро таҳлил менамояд: то кадом андоза аз ӯҳдаи иҷрои вазифааш баромад; ҳамчун гурӯҳ ва ҳамчун баранда дар чӣ душвориро эҳсос кард. Баъд аъзоёни гурӯҳ ақидаи худро оиди баранда баён мекунанд. Баъди ин ба муоширати иштрокчиён дар рафти мубоҳиса диққат додан зарур аст:

-Шахсан барои ту мубоҳиса чӣ дод?

-Чӣ чизро барои худ кушодӣ?

-Чӣ гуна ҳиссиётҳоро дар ҷараёни мубоҳиса аз кадоме аз баромадкунандагон дарёфт кардед ва барои чӣ?

-Кӣ ба кори якҷоя халал расонид?

-Чӣ чизро бояд мо якҷоя омӯзем?

**Машқи 9. «Гӯрхар»**

**Мақсад:** -худшиносии иштирокчиён;
-ба вуҷуд овардани тасаввуроти дуруст дар бораи худ;
-коркарди маҳорати таҳлил намудани хусусиятҳои шахсии худ ва хусусиятҳои дигарон.

Баранда ба гурӯҳ муҳокимаи онро пешниҳод менамояд, ки кадоме аз хусусиятҳои шахс дар муносибатҳои байнишахсӣ муҳиманд ва кадоме аз хусусиятҳои шахсӣ дар муошрати байниҳамӣ халал мерасонанд. Мумкин аст пешакӣ рӯйхати хусусиятҳоеро, ки дар протсесси муошират муҳиманд ва ё ба муошират халал мерасонанд, дар як қисми ватман тартиб диҳем ва баъд онро дар протсесси мубоҳиса боз пурра намоем.

Хусусиятҳои барои муошрати байнишахсӣ муҳим:

**-Ҳамдардӣ (эмпатия)** - маҳорати ба олам аз нигоҳи дигарон назар кардан, ҳамчун онҳо фаҳмидани амалҳои онҳо, аз мавқеи худи онҳо идрок кардан ва айни замон қобилияти ба дигарон фаҳмиши худро гуфтан ва ба онҳо имконият додан, ки ин тасаввуротҳоро қабул ва ё рад намоянд.

**-Хайрхоҳӣ** - қобилияти на танҳо ҳис намудан, балки нишон додани муносибати хайрхоҳона, эҳтиром ва ҳусни таваҷҷӯҳи худ ба одамон, маҳорати қабул намудани онҳо ҳато дарр мавридҳое, ки амалҳои онҳоро дуруст намешуморад, ба дастгирии дигарон тайёр будан.

**-Аутентнокӣ (саҳеҳӣ, кушода будан)** - маҳорати дар муносибатҳо табиӣ будан, паси ниқобҳо ва нақшҳо панаҳ нагаштан, муносибати худро ба масъалаҳо ва одамони гуногун кушоду равшан намоиш додан, маҳорати дар алоқа бо одамон табиӣ будан.

**-Конкретнокӣ (мушаххасӣ)** - аз муҳокимарониҳои умумӣ, эзоҳҳои гуногунфаҳмо ва нофаҳмо даст кашидан, маҳорати дар бораи тасаввуротҳо, ақидаҳо ва амалҳои конкретии худ гап задан, ба ҷавоби якмаъно додан ба саволҳо тайёр будан.

**-Ташаббускорӣ** - майли дар муносибат бо одамон мавқеи фаъолро доштан, то ки «ба пеш рафт», на ин ки танҳо ба амали дигар одамон танҳо аксуламал нишон додан, қобилияти барқарор намудани алоқаҳо, ташаббуси дигар тарафро интизор нашуда, худ сабаби сароғози он бошад.

**-Бевоситагӣ** - маҳорати бевосита рӯирост гуфтан ва амал кардан, тасаввуроти аниқ доштан дар бораи муносибати дигар одамон ва софдилона нишон додани муносибати худ ба онҳо.

**-Кушода будан** - тайёр будан ба кушодани олами ботинии худ ба дигарон, боварии қатъӣ доштан ба он, ки кушода будан барои барқарор намудани муносибатҳои солим ва устувор бо атрофиён сабаб мегардад, сидқӣ будан ва он на ба он маънӣ, ки бояд оиди тамоми сирру асрори худ ба одамон маълумот диҳад, чунки дар ин ҳолат худи инсон, на ин ки асарҳои вай муҳиманд.

**-Қабули ҳиссиётҳо** - набудани тарс ҳангоми бевосита рӯ ба рӯ шудан бо ҳиссиётҳои худ ва дигарон, маҳорати на танҳо эҳсос намудани ҳиссиётҳо ҳангоми муошират ба одамон, балки инчунин нишон додани онҳо, тайёр будани худро ба қабули зуҳуроти эмотсионалии дигарон нишон додан ва дар айни ҳол кӯшиш намудан ба он, ки ҳиссиётҳои худро ба дигарон бор накунем, то ки онҳо масъулияти худро дар онҳо дарк намоянд.

**-Конфронтатсия (муқобилгузорӣ, тақобул)** - маҳорати бо дигар одамон чашм ба чашм (рӯ ба рӯ) бо дарки пурраи масъулият ва таваҷҷӯҳ муошират кардан, дар ҳолати гуногун будани ақидаҳо тайёр будан ба ихтилоф, лекин на ба мақсади тарсонидан ё ҷазо додани дигар кас, балки бо умеди барқарор намудани муносибатҳои ҳақиқӣ ва самимӣ.

**-Худшиносӣ** - муносибати тадқиқотӣ доштан ба ҳаёт ва рафтори худ, кӯшиши дар ин роҳ истифода намудан аз кӯмаки дигарон, тайёр будан ба қабули ҳама гуна ахбор дар бораи худ аз тарафи онҳо ва ба худбаҳодиҳии худ аз ҷониби худ ибтидо гузоштан.

Баъди ин баранда ба иштирокчиён пешниҳод менамояд, ки дафтарчаи қайдҳояшонро бароранд ва дар болои 9-10 варақ (аз рӯи миқдори аъзоён) номи худро нависанд. Пас аз ин саҳифаи аввали дафтарро кушода, ба ҳамсоя дароз мекунад. Ҳамаи аъзоён дафтари ҳамсояашонро гирифта, саҳифаи тозаи аввалаи онро ба ду қисмат ҷудо намуда, дар як тарафи он «хислатҳои хуб» ва дар тарафи дигар «хислатҳои бад»-ро менависанд. Сипас, дар муддати 5-10 дақиқа ин ду қаторро пур мекунанд.

**Қоидаи умумӣ:** хислатҳои хуб ва бад бояд миқдоран баробар бошанд (ҳар як одам на пурра сиёҳ аст ва на пурра сафед, балки «хат-хат» аст ба мисли аспи пӯсти рах-рахдошта (гӯрхар).

Аз рӯи хоҳиш аъзоён метавонанд зери қайдҳояшон имзо гузоранд ва варақаи дигари тозаро гардонида дафтарро ба ҳамсоя диҳанд. Ин амал то вақти ба ҳар кас баргаштани рӯзномаи худаш давом меёбад. Баъди ин баранда ба ҳар як аъзои гурӯҳ пешниҳод менамояд, ки муддати 10-15

дақиқа ба қайдҳои дафтарашон шинос шаванд. Сипас, ҳама метавонанд оиди қайдҳо байниҳам суолу ҷавоб кунанд.

**Эзоҳ ба баранда:** ин машқро бо машқҳои дигар иваз кардан мумкин аст:

**-«Ҷобаҷогузории ҷомадон».** Яке аз аъзоён аз хона мебарояд, дигарон ҷиҳатҳои манфию ва мусбати ӯро номбар мекунанд ва як аъзои дигар ин ҷиҳатҳоро дар коғаз менависад. Ҳар як ақида алоҳида қайд карда мешавад.

Баъди ин он шахсро таклиф намуда коғазро ба ӯ месупоранд ва имкон медиҳанд, ки ӯ бо қайдҳо шинос шавад. Сипас, ӯ ба гурӯҳ суолҳо медиҳад.

**-«Кӣ муаллиф?».** Дар карточкаҳо ҳар як аъзои гурӯҳ хусусиятҳои шахсии аъзоёни дигари гурӯҳро менависад. Дар болои карточка номи он одамро менависанд ва дар поёнаш бошад номи худро.

Баранда карточкаҳоро ҷамъ мекунад, яктогӣ мехонад. Аввал гурӯҳ меёбад, ки дар бораи хусусиятҳои кӣ сухан меравад, сипас, шахсе, ки хусусиятҳояшро айни замон хонданд, ёфтан мехоҳад, ки кӣ метавонад муаллифи ин навиштаҳо бошад.

**Машқи 10. Риштаи пайвасткунанда**

**Мақсад:** -ба вуҷуд овардани ҳиссиёти наздикӣ бо дигар одамон;

-якдигарро қабул намудани аъзоёни гурӯҳ;

-ба вуҷуд овардани ҳиссу андешаи муҳим дар бораи худ.

Аъзоёни гурӯҳ дар давра нишаста ба якдигар калобаи риштаеро медиҳанд ва чунин суханҳоро ба забон меоранд: «Ман аз ту миннатдорам, барои он ки ...», «Ман аз шиносоӣ бо Шумо шодам, чунки...».

Вақте ки калобаи ришта ба шахси аввала бармегардад, аъзоёни гурӯҳ риштаро мекашанд, чашмонашро мепӯшанд ва ба ҳолате ворид мегарданд, ки он барои қабули худ, дигар одамон, олами атроф мусоидат мекунад.

**Машқи 11. Сухани хушу гуворо гуфта тавонистан**

**Мақсади машқ:** Ташаккули маҳорати «сухани хушу гуворо» гуфтан ба ҳамдигар.

**Дастур барои иҷрои машқ:** маҳорати дида тавонистани тарафҳои мусбат ва мақбули одам ва дарҳол ёфтани сухани мувофиқ барои ба ӯ гуфтан - шарти зарури муоширати гуворо ва самаранок аст.

Биёед бисанҷем, ки мо то чӣ андоза нисбати якдигар хайрхоҳем, дар шахси дигар ҷиҳатҳои худро дида ва аз ин хусус ба ӯ гуфта метавонем.

Барои ин иштирокчиён даврамонанд мешинанд ва ҳар яке ба шарики тарафи чапаш бодиққат менигараду дар бораи хислату одати хуби ба ӯ маъқулбудаи ин шахс фикр мекунад, то ки сипас онро ба ӯ гӯяд:

Шахсе, ки ба сухани хушу гуворо гуфтан тайёр бошад, метавонад онро ба шахси дар тарафи чап будааш баён кунад. Иштирокчиёни дигар бояд ӯро бодиққат гӯш намоянд.

Ба иштирокчие, ки сухани хушу гуворо гуфта шуд, бояд ақаллан миннатдорӣ баён кунад. Сипас, ӯ бо шахси дар тарафи чап нишастааш алоқаро пойдор намуда, сухани хуши худро мегӯяд ва ҳамин тавр тамоми иштирокчиён нисбати ҳамдигар ин амалро иҷро менамоянд.

Баранда бояд тамоми рафти муоширати иштирокчиёнро назорат кунад, то ки онҳо ба якдигар ҳангоми баёни андешаҳо халал нарасонанд. Ӯ бояд иштирокчиёнро ба риоя намудани одоби муносибат кардан талқин кунад, тарзи гӯш кардану шунида тавонистани шарикро фаҳмонад.

Агар ягон иштирокчӣ тайёр набошад, метавонад баъди омода шуданаш, пас аз ҳама ба иҷрои он шурӯъ кунад.

**Машқи 12. «Сухани сеҳрнок»**

**Мақсади машқ:** Ташаккули маҳорати гуфтани «Сухани сеҳрнок»

**Дастур ва иҷрои машқ:** Яке аз маҳоратҳои коммуникативие, ки шахси хушмуошират бояд дошта бошад, ин хуб гуфта тавонистани «сухани сеҳрнок» аст. Шумо дар навбати аввал бояд мусоҳибатонро дар ибтидои суҳбататон нисбат ба худ ба таври муносиб ҷойгир намоеду якчанд сухане гӯед, ки онҳо дар ташкили муносибати гарм ва хушу гуворо мусоидат намоянд.

Акнун баъзе «суханони сеҳрнок»-ро ба хотир меоварем, аз қабили: марҳамат, ташаккур, аз Шумо сипосгузорам, маъзарат мехоҳам, лутф намоед ва ғ. Боз кадом «суханҳои сеҳрнок»-ро медонед? Рӯйхати онҳоро тартиб диҳед ва дар кадом маврид истифодаи онҳо самарабахшанд, фаҳмонида диҳед. Иштирокчиён ҳангоми вохӯриҳояшон бояд ин суханҳоро истифода баранд ва дар баробари ин эҳсосоти бардоштаи хубу амалҳои ҷавобии шарикашро қайд намоянд.

Иштирокчиён озодона дар саҳни хона гаштугузор намуда, ҳангоми вохӯрдан бо ҳам «суханҳои сеҳрнок»-ро муҳокима карданашонро бояд истифода баранд. Вақти вохӯрӣ 4-5 дақиқаро дарбар гирад. Миқдори

вохӯриҳо бо ҳам ҳарчанд зиёдтар бошанд, ҳамон қадар ба ташаккули маҳорати гуфтани «сухани сеҳрнок» имконият пайдо мешавад.

в) Бозиҳои коммуникативӣ

Агар дар Шумо ва дар шахси дигари ба Шумо наздику муҳим (ҳамсар, дӯстдошта, кӯдак, волидон, бародар ё хоҳар, роҳбаратон) дар муносибат, ҳамкорӣ ва муошират душворӣ вуҷуд дошта бошад, дуруст мебуд ба касе муроҷиат намоед, то ки ба Шумо дар тарзи ба якдигар гуфтугӯ кардан ва ҳамдигарро фаҳмидан ёрӣ расонад. Ин метавонад равоншифо, мушовир оид ба масъалаҳои оила ва ё ҳамту дӯсти наздикатон бошад.

Ман ба Шумо бо баъзе бозиҳои коммуникативӣ бозӣ карданро пешниҳод мекунам. Вақте шарики Шумо ҳарф мезанад, суханашро набурида, бодиққат гӯш диҳед. Агар Шумо магнитофон дошта бошед, метавонед онро барои баъд якҷоя гӯш кардан сабт намоед.

1. Бозии «Ман мехоҳам». Ҳар яке бонавбат ба дигаре ҷумлае мегӯяд, ки бо калимаҳои «ман мехоҳам» оғоз мегардад. Шарикатонро то охир гӯш карда, шумо низ «ман мехоҳам»-и худро баён менамоед. Ба баҳсу мунозира ва муҳокимаи хоҳишҳоятон дода нашавед. Ҳамту онҳоро бо навбат, холисона ва тез баён намоед. Онҳо метавонанд ба хизматрасонӣ ва тӯҳфаҳое, ки Шумо аз шарикатон интизоред: («ман мехоҳам, ки ту ҳар бегоҳ ахлотро бурда партоӣ», ман мехоҳам, ки ту ба ман шинии наве харӣ... ва ғ.) ва инчунин ба ниятҳои (мақсад) худи Шумо («Ман мехоҳам таҳсилро ба охир расонам»), «Ман мехоҳам пас аз нафақа баромадан дар деҳа зиндагӣ кунам», «Ман мехоҳам дар ин нимсола аз забони франсавӣ баҳои баланд гирам» дахл дошта бошад.

Хоҳиши шарикатонро гӯш карда истода, Шумо метавонед ягон хоҳиши худатонро низ ба хотир оваред (ҳатто мухолифашро).

Дар фазои бемонеа ва озоди худкушоӣ Шумо дар шарики худ ягон чизи нав, ғайричашмдоштро ошкор менамоед. Вақте шавҳар мегӯяд: «Ман мехоҳам шабнишинии ояндаамонро бе Робинзонҳо гузаронем», зан метавонад қоидаро фаромӯш намуда, хитоб намояд: «Ман ҳам! Ман бошам фикр мекардам, ки мо ҳамеша онҳоро танҳо барои он таклиф мекардем, ки ту инро мехостӣ».

Ин бозӣ барои ду ё зиёда бозингарон аст. Агар тамоми оила бозӣ кунад, муҳим аст, ки тартиби бонавбат баённамоӣ риоя гардад, то ҳама хоҳишҳояшонро баён намоянд. Агар ягон хоҳиш ба яке аз аъзои оила дахл

дошта бошад, бевосита ба ӯ муроҷиат намоед: «Ғайрат, ман мехоҳам, ки ту ба ягон ҷой рафтанӣ шавӣ, хатча гузоштанро фаромӯш накунӣ», ба ҷои он ки гӯед: «Ман мехоҳам, ки ҳар яки Шумо ба куҷо рафтанатонро ба ман маълум намоед» (Албатта, агар Ғайрат ягона касе бошад, ки доимо инро фаромӯш мекунад). Вақте ки бозӣ анҷом меёбад, оромона муҳокима намоед, ки ҳангоми хоҳиши шахси бароятон наздику муҳимро шунида истодан, чӣ эҳсосотро аз сар гузаронидаед.

2.**Бозии «Ман норозиям».** Дар ин бозӣ низ чун дар бозии пештара Шумо бонавбат ҷумлаҳоеро баён месозед, ки бо ибораи «Ман норозиям» оғоз мегарданд. Шарикатонро то охир, суханашро набурида гӯш диҳед. Ин баёни норозигӣ метавонад ба шахси бароятон наздику муҳим равона гардад ва ё ба ягон чизи беруна (вале Шумо метавонед изҳори норозигиатонро танҳо ба шарикатон равона намоед). Барои иҷрои ин супориш ман панҷ дақиқа чудо менамоям, пас аз он тасаввуротҳои Шумо мавриди муҳокима қарор мегиранд. Агар ҳамаи оила дар бозӣ иштирок намоянд, муҳим аст, ки ягон нафар аз иштирокчиён ба «қурбонишуда» табдил наёбанд. Дар ин ҷо қоидаҳои қатъиро ҷорӣ намудан душвор аст, лекин ба ҳар ҳол нисбати якдигар бодиққат ва ҳассос будан зарур аст. Агар ду андешаи охир ба Эмом равона шуда бошанд, ҳарчанд Шумо ба ӯ муроҷиат карданӣ будед, кӯшиш намоед ягон аъзои дигари оиларо интихоб намоед, то ӯ эҳсос накунад, ки аз ҳар тараф ба ӯ фишор медиҳанд. Вақте ҳамаи аъзоёни оила як нафарро сабабгори сар задани мушкилиҳо медонанд, аз ҳама роҳи беҳтарин ба терапияи оилавӣ муроҷиат намудан аст, то ки бо кӯмаки равоншифои ботаҷриба ин мушкилии оилавӣ бартараф карда шавад.

Нووбаста аз шумораи бозингарон бозии «Ман норозиям» ҳатман бо бозии навбатӣ ҷуброн гардад.

3.Ҷумларо бо калимаҳои **«Ман қадр мекунам»** оғоз намояд ва бо навбат гӯед, ки чӣ чизро дар шарики худ ва умуман дар ҳаёт қадр менамоед. Агар дар бозӣ тамоми оила иштирок намояд, он гоҳ ба ҳар як аъзои оила диққат додан мумкин аст ва дар ин миён аъзоёни дигари оила ба ӯ аққалан як ҷумлагӣ низ изҳор намоянд.

Мо танҳо се бозии асосиро нишон додем, вале намудҳои дигари он низ вуҷуд доранд.

1.«Ман ҳис мекунам, ки ту намефаҳмӣ...»

2.«Ман аз ту меранҷам, вақте ки...»

3.«Ман худро бо ту хушбахт эҳсос мекунам, вақте ки ...»

4.«Ман мехоҳам донӣ, ки ту ...»

г) **Муносибатҳои байнишахсӣ** - як намуди ҳодисаи иҷтимоӣ-психологӣ аст, ки дар гурӯҳи одамон зимни натиҷаи ҳамкории онҳо дар ҷараёни муошират ба вуҷуд меояд. Донистан муҳим аст, ки муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳ чӣ гунаанд, чӣ тавр зоҳир мешаванд ва чӣ навъ ташаккул мееёбанд. Ҳангоми омӯзиши гурӯҳ чунин методҳо, ба монанди мушоҳида, пурсиш, мусоҳиба, эксперимент, анкета ва тест истифода мешаванд.

Методи сотсиометрия дар психологияи иҷтимоӣ ба таври васеъ истифода мешавад.

Сотсиометрия - ин методи иҷтимоӣ-психологӣ (Ҷ.Морено пешниҳод намудааст) буда, тавассути он сохти муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳ аз рӯи миқдори интихобҳои дутарафа муайян карда мешавад. Моҳияти методи сотсиометрия дар он ифода мееёбад, ки шахс объекти интихоби дигар аъзоёни гурӯҳ аз рӯи ин ё он меъёр (масалан, кори якҷоя, истироҳат, таваҷҷӯҳи шахсӣ ва ғ.) мегардад. Дар асоси интихобҳои ба даст овардашуда хулоса бароварда мешавад, ки чӣ гуна мавқеъро шахс дар системаи муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳ ишғол кардааст. Сотсиометрия на танҳо барои омӯзиши сохти гурӯҳ ва коллектив, балки барои тадқиқи муносибатҳои байниҳамдигарӣ, хусусиятҳои фаъолияти ташкилотчигӣ ва қобилиятҳои коммуникативии шахс низ истифодашаванда аст.

**Қобилиятҳои коммуникативӣ** - қобилияти шахс аст, ки самаранокии фаъолияти коммуникативии ӯро таъмин менамояд. Қобилияти коммуникативӣ унсури муҳими қобилиятҳои ташкилотчигӣ ва идоракунии гурӯҳ ба шумор меравад. Ин қобилият дар фаъолияти омӯзгор ҳангоми таълиму тарбияи хонандагон бениҳоят зарур аст.

**Мувофиқати психологӣ** - намуди мувофиқати гурӯҳӣ буда, мавҷудият он баъзан чандон ба назар намерасад, вале набудани он самаранокии фаъолияти гурӯҳиро тез паст мегардонад ва аҳёнан ба низоъҳо мебарад. Мувофиқати психологӣ яке аз омилҳое мебошад, ки туфайли он муҳити солими психологӣ дар гурӯҳ муайян карда мешавад. Сотсиограммаро одатан барои он истифода мебаранд.

**Сотсиограмма** - нақшаи махсусест, ки он манзараи муносибатҳои байнишахсиро дар гурӯҳ тасвир менамояд.

Ба сифати намуна, таҷрибаи тарзи истифода бурдани методи сотсиометрияро дар поён меоварем.

**Омӯзиши муносибатҳои байни шахсҳо дар коллектив**

**Мақсади супориш.** Нишон додани тарзи истифодаи методи сотсиометрия.

**Материали зарурӣ.** Ҷавобҳои пешакӣ тайёр кардашудаи аъзоёни ягон гурӯҳ бо фамилияҳои рафиқоне, ки барои фаъолияти якҷоя интихоб карда шудаанд (карточкаи сотсиометрӣ). Дар болои чунин карточка фамилияи шахси интихобкунанда ва дар поён, дар зери хатча, фамилияи се каси дигари барои фаъолияти якҷоя интихобшуда навишта мешавад. (Дар мисоли мо ҷавоб ба саволи «Шумо дар арафаи Соли нав бо кӣ якҷоя залро оро додан мехоҳед? Се касро интихоб кунед» оварда шудааст).

**Бобоева М.**
1.Мухторов К.
2.Имомназарова Д.
3.Холиқов Г.

**Каримов Д.**
1.Мухторов К.
2.Холиқов Г.
3.Ҳомидов Х.

**Қосимов Б.**
1. Каримов Д.
2.Имомназарова Д.
3.Холиқов Т.

**Ҳомидов Х.**
1.Каримов Д.
2.Қосимов Б.
3.Мухторов К.

**Мухторов К.**
1.Бобоева М.
2.Каримов Д.
3.Миров Т.

**Холиқов Г.**
1.Каримов Д.
2.Қосимов Б.
3.Тӯраев К.

**Имомназарова Д.**
1.Бобоева М.
2.Бекова Г.
3.Белтаев К.

**Бекова Г.**
1.Қосимов Б.
2.Имомназарова Д.
3.Болтаев К.

**Кенҷаева М.**
1.ҚосимовБ.
2.Бекова Г.
3.Миров Т.

**Болтаев К.**
1.Каримов Д.
2.Холиқов Г.
3.Миров Т.

| **Миров Т.** |
|---|
| **1.Каримов Д.** |
| **2.Бекова Г.** |
| **3.Болтаев К.** |

| **Тӯраев К.** |
|---|
| **1.Каримов Д.** |
| **2.Мухторов К.** |
| **3.Кенҷаева М.** |

Иҷрои супориш.

1. Дар асоси карточкаҳои аз рӯи алифбо ҷойгиркардашуда сотсиоматритса тартиб дода мешавад.

| № | Фамилия ва ном | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ① | Бекова Г. | | | + | + | | | | | | | + | |
| ② | Бобоева М. | | | | + | | | | + | | + | | |
| ③ | Болтаев К. | | | | | + | | + | | | + | | |
| ④ | Имомназарова Д. | + | + | + | | | | | | | | | |
| ⑤ | Каримов Т. | | | | | | | | + | | + | | + |
| 6 | Кенҷаева М. | + | | | | | | + | | | | + | |
| ⑦ | Миров Т. | + | | + | | + | | | | | | | |
| ⑧ | Мухторов К. | | + | | | + | | + | | | | | |
| 9 | Тураев К. | | | | | + | + | | + | | | | |
| ⑩ | Холиқов Х. | | | | | + | | | | + | | + | |
| 11 | Қосимов Б. | | | | + | + | + | | | | | | |
| ⑫ | Ҳомидов Х. | | | | | + | | | + | | | + | |
| Миқдори умумии интихобҳо | | 3 | 2 | 3 | 3 | 7 | 2 | 3 | 4 | 1 | 3 | 4 | 1 |
| Миқдори интихобҳои байниҳамдигарӣ | | 1 | 2 | 1 | 2 | 3 | 1 | 1 | 2 | - | 1 | 1 | 1 |

Дар сутунчаи якуму дуюми сотсиоматритса рақамҳои тартибӣ ва фамилияҳои ҳамаи аъзоёни гурӯҳ, дар қатори якум фақат рақамҳои тартибӣ навишта мешаванд. Дар ҳар як қатори навбатӣ, дар катаки бурриши он бо сутунчаҳои рақамаш бо шахсони интихобшуда мувофиқбуда, аломати «+» гузошта мешавад. Интихоби байниҳамдигарӣ бо аломати «+»-и дар доирача гузошташуда қайд карда мешавад.

2.Барои муайян намудани микрогурӯҳҳо сотсиоматритсаи дуюмро тартиб медиҳанд. Ба ҳамин мақсад ба монанди аввал таблитса кашида, дар сатри якум рақам ва фамилияи шахси дилхоҳеро менависанд, ки ӯ интихоби байниҳамдигарӣ дошта бошад (масалан Бекова Г.). Рақами тартибии худи ҳамин шахс дар сутунчаи сеюм навишта мешавад.

| № | Фамилия ва ном | 1 | 4 | 2 | 8 | 5 | 10 | 12 | 3 | 7 | 6 | 11 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бекова Г. | | + | | | | | | + | | | + | |
| 4 | Имомназарова Д. | + | | + | | | | | + | | | | |
| 2 | Бобоева М. | | + | | + | | + | | | | | | |
| 8 | Мухторов К. | | | + | | + | | | | + | | | |
| 5 | Каримов Д. | | | | + | | + | + | | | | | |
| 10 | Холиқов Г. | | | | | + | | | | | | + | + |
| 12 | Ҳамидов Х. | | | | + | + | | | | | | + | |
| 3 | Болтаев Қ. | | | | | + | + | | | + | | | |
| 7 | Миров Т. | + | | | | + | | | + | | | | |
| 6 | Кенҷаева М. | + | | | | | | | | + | | + | |
| 11 | Қосимов Б. | | + | | | + | | | | | + | | |
| 9 | Тӯраев К. | | | | + | + | | | | | + | | |

Рақами шахсе, ки бо Бекова Г. интихоби байниҳамдигарӣ дорад (Имомназарова Д. №4), дар сутунчаи чорум навишта мешавад. Рақами шахсе, ки ғайр аз Бекова Г. бо Имомназарова Д. интихоби байниҳадигарӣ дорад (Бобоева М, №2), дар сутунчаи панҷум навишта мешавад ва монанди ин Бобоева М. ғайр аз Имомназарова Д, боз бо Мухторов К., Мухторов К. боз бо Каримов Д, Каримов Д. боз бо Холиқов Г. ва Ҳомидов Х. интихоби байниҳамдгарӣ доранд. Доираи як гурӯҳи шахсони дорои интихоби байниҳамдигарӣ бо Ҳомидов Х. маҳдуд мешавад. Онҳо (Бекова, Имомназарова, Бобоева, Мухторов, Каримов, Холиқов, Ҳомидов) як микрогурӯҳро ташкил медиҳанд. Микрогурӯҳҳои ҳар як кадомаш ду нафараи Болтаеву Миров ва Кенҷаеваю Қосимов низ ҳамин тавр муайян карда мешаванд. Тӯраев К., ки интихоби байниҳамдигарӣ надорад, дар охири матритса навишта мешавад.

**Ҷамъбасти супориш.** Баён намудани мулоҳизаҳои донишҷӯён дар бораи характери муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар коллективи додашудаи таълимӣ.

**д) Баҳодиҳӣ ба муҳити психологии коллективи педагогӣ**

Муҳити иҷтимоӣ-психологиро дар коллектив дар асоси андешаҳои муқобилмаъно муайян кардан мумкин аст.

3 2 1 0 - 1 - 2 - 3

| | |
|---|---|
| 1.Ҳолати рӯҳии хуш ва зиндадилона бартарӣ дорад. | 1.Ҳолати рӯҳии маъюсона бартарӣ дорад. |
| 2.Муносибати хайрхоҳона ва ҳусни таваҷҷуҳ ба якдигар. | 2.Ихтилоф дар муносибатҳо ва ҳисси бадбинӣ. |
| 3.Дар муносибатҳо байни гурӯҳҳои хурди дохили коллектив ҳамдгарфаҳмӣ вуҷуд дорад. | 3.Гурӯҳҳои хурд байни худ низоъандозӣ мекунанд. |
| 4.Бо аъзоёни коллектив маъқул он аст, ки вақтро якҷоя гузаронанд ва дар фаъолияти якҷоя иштирок кунанд. | 4.Нисбати муоширати наздик ҳисси бефарқ зоҳир менамоянд ва ба фаъолияти якҷоя муноеибати манфӣ доранд. |
| 5.Муваффақият ва ё нобарориҳои рафиқон ҳамҳиссиро ба вуҷуд меоваранд, иштироки самимонаи ҳамаи аъзоёни коллектив. | 5.Нисбати муваффақияту нобарориҳои рафиқон бепарвоанд ва ё ҳасаду бадхоҳиро зоҳир менамоянд. |
| 6.Фикру ақидаи якдигарро эҳтиром мекунанд. | 6.Ҳар яке фикру ақидаи хешро асосӣ медонад ва тоби фикру ақидаҳои рафиқонро надорад. |
| 7.Барору нобарориҳои коллектив ҳамчун барору нобарориҳои худ ҳисобида мешаванд. | 7.Барору нобарориҳои коллектив аз тарафи аъзоёни он ҷонибдорӣ намешаванд. |
| 8.Дар коллектив дар вазъиятҳои мураккаб муттаҳидшавии эмотсионалии «як кас барои ҳама ва ҳама барои як кас» ба вуҷуд меояд. | 8.Коллектив дар вазъиятҳои мураккаб «беҳолу бемадор» мешавад, баҳсу мунозираҳо ба амал меоянд, парешонҳолӣ ва айбдоркунии якдигар ба мушоҳида мерасад. |

| | |
|---|---|
| 9.Бо коллектив ифтихор мекунанд, агар инро роҳбарон қайд намоянд. | 9.Ба таҳсину қадрдонии коллектив бепарвоӣ зоҳир мекунанд. |
| 10.Аҳли коллектив фаъоланд ва бо ғайрати том кор мекунанд. | 10.Аҳли коллектив камфаъол ва сусткоранд. |
| 11.Бо аъзоёни нави коллектив муносибати хайрхоҳона доранд ва ба мутобиқшавии онҳо ба коллектив ёрӣ мерасонанд. | 11.Навкорон худро бегона ҳис мекунанд, дар аксари ҳол нисбати онҳо бо нафрат менигаранд. |
| 12.Фаъолияти якҷоя ҳамаро ба худ мекашад, хоҳиши коллективона кор кардан вуҷуд дорад. | 12.Аҳли коллективро ба иҷрои кори фаъолияти якҷоя сафарбар кардан ғайриимкон аст, ҳар яке оиди манфиатҳои худаш фикр мекунад. |
| 13.Дар коллектив муносибати одилона нисбати ҳамаи аъзоён мавҷуд аст, ниёзмандонро дастгирӣ менамоянд ва ба ҳимояи онҳо бармехезанд. | 13.Коллектив аниқ ба «соҳиб-имтиёзҳо» ҷудо мешавад ва ниёзмандон дастгирӣ намеёбанд. |

Марҳамат намуда, ба зуҳуроти чунин хусусиятҳои муҳити психологии коллективатон баҳогузорӣ кунед.

Аввал матни дар тарафи чап ҷойгиршударо ва сипас тарафи рости онро хонед. Баъд аз ин дар қисмати мобайни ду матн ҳамон хел баҳоеро гузоред, ки аз рӯи андешаи Шумо ба ҳақиқат мувофиқ аст.

Баҳодиҳӣ:

3 - хусусияте, ки дар коллектив ҳамеша зоҳир мешавад;

2 - хусусияте, ки дар аксари ҳолатҳо зоҳир мегарданд;

1 - хусусияте, ки бисёр вақт зоҳир мешаванд;

0 - ин ва ё он хусусият ба дараҷаи баробар зоҳир мегардад.

Коркарди маълумотҳои ба даст овардашуда дар якчанд давра сурат мегирад.

**Давраи якум:** бояд қиматҳои мутлақи баҳодиҳиҳои ҳар як иштирокчӣ (аввалан (+), сипас (-) ҷамъ карда мешавад. Баъд аз қимматҳои калон бояд қиматҳои хурдро тарҳ кард. Дар натиҷа рақами аломати мусбат ва манфидор ҳосил мегардад. Ҳамин тавр, ҷавобҳои ҳар як аъзои коллектив ҳисоб карда мешавад.

**Давраи дуюм:** Ҳамаи рақамҳое, ки баъди ҷавобҳои ҳар як хонанда (омӯзгор) ба даст оварда шудаанд, бо ҳам ҷамъ карда шуда, сипас суммаи он ба шумораи ҷавобдиҳандагон тақсим карда мешаванд. Баъд аз ин рақами ҳосилшударо бо «калид»-и методика муқоиса менамоянд: +22 ва аз ин зиёд ин дараҷаи баланди мусоидии муҳити иҷтимоӣ-психологӣ; аз 8 то 22 - дараҷаи миёнаи мусоидии муҳити иҷтимоӣ-психологӣ; аз 0 то 8 - дараҷаи пасти мусоидии муҳити психологӣ; аз 0 то (-8) - дараҷаи ибтидоӣ номусоидии муҳити иҷтимоӣ-психологӣ; аз (-8) то (-10) дараҷаи миёнаи номусоидӣ; аз (-10) ва пасттар аз он ба тарафи манфӣ - дараҷаи баланди номусоидӣ.

Чунин ҳисобкуниро барои ҳар як хусусият низ кардан мумкин аст:

а) навиштан ва сипас ҷамъ кардани баҳоҳое, ки аз ҷониби ҳар як иштирокчӣ ба ҳар як хусусият дода шудааст;

б) рақами ҳосилшударо ба шумораи иштирокчиён тақсим бояд кард. Вақте ки индексҳо барои ҳар як хусусият ҳисоб карда мешаванд, аз ин рақамҳо қатореро мувофиқи дараҷаи камшавии ин қиматҳо тартиб медиҳанд. Ҳамин тариқ, махсусиятҳоеро муайян мекунем, ки ҳам ба муттаҳидшавии коллектив (мусбат) ва ҳам ба парокандашавии он (хусусиятҳо бо аломати манфӣ) мусоидат менамоянд.

## IV. Гурӯҳ ва коллектив

### а) намудҳо ва дараҷаҳои тараққиёти гурӯҳ

**Мақсади супориш.** Ҳалли масъала - саволҳо доир ба намудҳои гурӯҳҳо, аломатҳои коллектив ва психологияи муносибатҳои байни шахсҳо.

**Материали зарурӣ.** Масъала - саволҳо, рӯйхати умумияти одамон ва аломатҳои онҳо.

**Масъалаи 1.** Дар психологияи сотсиалӣ намуд ва дараҷаҳои тараққиёти гурӯҳҳо фарқ карда шудаанд: шартӣ, реалӣ, калон, хурд, муташаккил, номуташаккил, расмӣ, ғайрирасмӣ, ибтидоӣ, асосӣ, ассотсиатсия, корпоратсия, коллектив.

Асосҳои (принсипҳои) классификатсияи гуруҳҳоро нишон дода, схемаи намудҳои гуруҳҳоро тартиб диҳед. Номгӯи дар поён овардашудаи умумияти одамонро аз рӯи ҳамин классификатсия ба намудҳо ҷудо кунед: бригадаи коргарӣ, намоиш, экипажи самолёт, хонандагони синф, командаи футболбозони беҳтарини ҷаҳон, туристҳо, миллат, гурӯҳи студентон, одамони ҳамкасб, экипажи киштӣ, тамошобинони дар стадион ҷамъшуда, ҷавонон, бригадаи меҳнатӣ, қисми ҳарбӣ, оила, кормандони кафедра, командаи яккачини хоккейбозони мамлакат, хонандагони мактаби спортӣ, издиҳом, ҳамсафарон дар як купеи поезд, синфи коргар, рафиқони наздик дар гурӯҳи студентон, муаллимони як мактаб, командаи эстафетачиён, коргарони сех, дастаи роҳзанҳо.

Схемаро бо нишон додани принсип ва умумиятҳои ба намудҳо ҷудо кардашуда ба дафтаратон навишта гиред.

**Масъалаи 2.** Дар поён характеристикаҳои сотсиалӣ - психологии умумиятҳои одамон нишон дода шудаанд. Аз онҳо ҳафт аломатеро нишон диҳед, ки онҳо якҷоя мафҳуми «коллектив»-ро пурра ва аниқ шарҳ диҳанд.

1.Мавҷуд будани мақсадҳои шахсӣ, ки бо мақсадҳои дигар аъзоёни гурӯҳ мувофиқ мебошанд.

2.Мавҷуд будани мақсади умумии фаъолият, ки барои гуруҳ аҳамиятнок аст.

3.Аз тарафи ҳар як аъзои гурӯҳ фаҳмида шудани вазифаҳои дар наздаш истода.

4.Мавҷуд будани мақсади умумии фаъолият, ки аҳамияти ҷамъиятӣ дорад.

5.Мақсаду вазифаҳои шахсӣ назар ба мақсади умумии фаъолияти гурӯҳ бартарӣ доранд.

6.Фаъолияти якҷояи аъзоёни гурӯҳ барои ба даст овардани мақсади умумӣ, ки ба талаботҳои ҷамъиятии гурӯҳ асос ёфтааст.

7.Муттаҳидии (интегратсияи) амалиёти ҳамаи аъзоёни гурӯҳ.

8.Фаъолияти якҷояи аъзоёни гурӯҳ барои ба даст даровардани мақсади умумӣ, ки ба талаботҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ асос ёфтааст.

9.Фаъолияти якҷояи аъзоёни гурӯҳ барои ба даст даровардани мақсади умумӣ, ки бо талаботҳои шахсӣ муайян карда мешаванд.

10.Мувофиқати структураи (сохти) расмӣ ва ғайрирасмии гурӯҳ.

11.Мувофиқат накардани структураи расмӣ ва ғайрирасмии гурӯҳ.

12.Набудани сарварони ғайрирасмӣ.

13.Зуд ва беихтилоф дохил шудани аъзоёни нав ба гурӯҳ.

14.Структураи расмӣ ва ғайрирасмӣ ба таври ягона, ҳамдигарро пурра карда амал мекунанд.

15.Дар мувозинат будани муносибатҳои корӣ ва шахсӣ.

16.Муносибатҳои корӣ бо муносибатҳои шахсӣ муайян карда мешаванд.

17.Муносибатҳои вобастагии корӣ асосӣ мебошанд, муносибатҳои шахсӣ бо некхоҳӣ ва ғамхорӣ тавсиф дода мешаванд.

18.Мавҷуд будани алоқаҳои корӣ ва шахсӣ.

19.Тамоман мавҷуд набудани низоъ ҳам дар муносибатҳои корӣ ва ҳам дар муносибатҳои шахсӣ.

20.Мавҷуд будани ҳусни таваҷҷӯҳ ба ҳамдигар, ёрии байниҳамдигарӣ ва боварии байниҳамдигарӣ.

21.Мавҷуд будани системаи ваколатҳо ва тақсимоти вазифа дар гурӯҳ, мавҷудияти на танҳо муносибатҳои ҳамкорӣ, балки инчунин тобеият.

22.Мавҷуд будани ақидаҳои сотсиалӣ, анъана, меъёр ва тарзҳои рафтори барои ҳамаи аъзоёни гурӯҳ ягона.

23.Назорати сотсиалӣ, ки аз тарафи гурӯҳ нисбат ба аъзоёнаш бурда мешавад.

24.Дар гурӯҳ мавҷуд будани гуногунии фикрҳо, баҳодиҳӣ ва фаҳмиши моҳияти ҷамъиятии ҳодисаҳо.

25.Мавҷуд будани афкори умумии ҷамъиятии маънавияташ баланди таъсирбахшанда.

26.Роҳбар талабот пешниҳод мекунад, аъзоёни гурӯҳ онро иҷро менамоянд.

27.Талаботҳое, ки роҳбар ба гурӯҳ пешниҳод мекунад, аз тарафи фаъолони гурӯҳ дастгирӣ карда мешаванд.

28.Ҳар як аъзои гурӯҳ ба худаш талаботҳои ахлоқан баланд пеш мегузорад.

29.Алоқаи як гурӯҳ бо гурӯҳи дигар вуҷуд дорад.

30.Мавҷуд набудани алоқаи ҳамин гурӯҳ бо гурӯҳҳои дигар.

**б) Сарвар дар коллектив**

**Мақсади супориш.** Муқоисаи обрӯи ду «сарвар».

**Иҷрои супориш.** Ҳамаи озмудашавандагон (донишҷӯён) дарозии ду порчаро бо назардид муайян намуда, натиҷаашро дар варақаи алоҳида менависанд ва ба экспериментатор (муаллим) месупоранд. Экспериментатор ҳамаи корҳоро дида баромада ба дутои онҳо баҳои

баланд медиҳад ва ба ҳозирон мефаҳмонад, ки он ду нафарро «сарвар»-ҳои гурӯҳ гуфтан мумкин аст: онҳо аз ҳама беҳтар бо назардид масофаро муайян карданд.

Баъд аз ин ба синф «сарвар»- ҳоро якнафарӣ бо навбат даъват мекунанд, ки онҳо бояд бо назардид дарозии порчаҳои нави хати ростро муайян кунанд ва натиҷаашро дар тахта нависанд. Экспериментатор натиҷаи «сарвар»-и якумро тағйир медиҳад: адади якумро 20% зиёд ва адади дуюмро 20% кам мекунад. Натиҷаҳои «сарвар»-и дуюм баръакс тағйир дода мешавад.

Баъди аз ин экспериментатор яке аз озмудашавандагони «қаторӣ»-ро даъват мекунад, то ки ӯ ҳам бо назардид дарозии худи ҳамон порчаҳоро муайян кунад ва ададҳои худашро дар таги ададҳои «сарвар» нависад. Натиҷаи озмудашавандаи якумро ба протокол дохил менамоянд ва аз тахта тоза мекунанд. Сонӣ, озмудашавандаи дуюм даъват карда мешавад ва ғайра.

Дар рафти иҷрои даври дуюми супориш он натиҷаҳои «сарвар»-ро, ки 20% зиёд карда шуда буданд, акнун 20% кам карда мешаванд ё баръакс. «Сарвар»-е, ки ба натиҷаҳои «ислоҳкардашудаи» он аксарияти озмудашавандагон наздик шудаанд, ҳамчун «сарвар»-и таъсираш зиёдтар ба ҳисоб меравад.

**Ҷамъбасти супориш.** Дар асоси натиҷаи санҷишҳо коэффисиенти таъсирбахшии як «сарвар»-ро нисбат ба дигар «сарвар» ҳисоб кардан мумкин аст. Бо ҳамин мақсад формулаи зеринро истифода бурдан мумкин аст:

$$K = \frac{\sum S_1}{\sum S_2}$$

ки дар ин ҷо $S_1$-шумораи озмудашавандагонеро нишон медиҳад, ки ба «сарвар»-и якум пайравӣ кардаанд; $S_2$ шумораи озмудашавандагоне мебошад, ки ба сарвари дуюм пайравӣ кардаанд.

### в) Шумо кистед: пешбар ва ё пайсипар?

Ҳар яки мо гирифтори таъсири одамони дигар ҳастем ва дар баробари ин худамон ба онҳо бо ин ё он мақсад таъсир мерасонем. Сиёсатшиносон. омӯзгорон, духтурон, рӯзноманигорон, актёрон ва психологҳо бо дар назардошти ихтисосашон ин корро карда истодаанд.

Агар Шумо донистан хоҳед, ки оё қобилияти таъсир расониданро ба атрофиён доред, он гоҳ ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1.Ба андешаатон, оё ба шумо актёр ва ё сиёсатшинос мувофиқ меоянд? Ҳа. Не.

2.Оё шуморо одамоне, ки ғалатӣ либос мепӯшанду рафтор мекунанд, асабӣ мекунанд? Ҳа. Не.

3.Оё шумо ба одамони дигар аз хусуси масъалаҳои маҳрамонаатон гутфугӯ карда метавонед? Ҳа. Не.

4.Оё шумо ҳамоно ба зуҳуроти хурдтарини нодуруст шарҳ додани суханҳо ва рафторҳоятон эътибор медиҳед? Ҳа. Не.

5.Оё шумо худро нороҳат ҳис мекунед, вақте, ки дигарон муваффақиятро дар соҳае ба даст овардаанд, ки шумо низ онро мехостед? Ҳа. Не.

6.Оё шумо бо ин ё он кори душвор машғул шуданро дӯст медоред, то ки туфайли он қобилияти худро ба ин нишон доданӣ шавед? Ҳа. Не.

7.Оё шумо метавонед тамоман худро ба ноил шудан ба ягон чизи бузург бахшед? Ҳа. Не.

8.Оё шуморо ҳамон як доираи дӯстон қаноат мекунонад?

9.Оё шумо мувофиқи тартиби ба нақша гирифта, яъне аз рӯи ҷадвали ба вақт тақсим карда шуда ҳаёт ба сар буданро афзал мешуморед?

10.Оё шумо иваз намудани ҷиҳози хонаро дӯст медоред?

11.Шумо дӯст медоред, ки ҳар лаҳза ягон чизро боз аз нав иҷро намоед?

12.Шумо ба ҷояш шинондани шахсро дӯст медоред, ки ба андешаатон беҳад мағруру худбовар аст?

13.Ба Шумо нишон додани он, ки роҳбаратон ва ё шахсияти обрӯманде ноҳақ аст, маъқул аст?

Акнун баллҳо ҳисоб карда мешавад:

| Саволҳо | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| «Ҳа» | 5 | 0 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | 0 | 0 | 5 | 5 | 5 | 5 |
| «Не» | 0 | 5 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 5 | 5 | 0 | 0 | 0 | 0 |

Аз 65 то 35 балл. Шумо соҳиби қобилияти хубе ҳастед, ки туфайли он ба атрофиён таъсири натиҷабахш расонида метавонед. Фикру андешаҳоятонро дигар кунед, маслиҳат диҳед ва онҳоро идора намоед. Шумо худро дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ комилан боварибахш ҳис мекунед. Шумо аниқ медонед, ки одам набояд мардумгурез бошад, канораҷӯӣ кунад ва танҳо худашро бинаду халос. Шумо дар худ талаботи ягон корро барои дигарон кардан ҳис мекунед, камбудии онҳоро мефаҳмонед, ёд медиҳед, ки дар онҳо ба олами беруна шавқу ҳавас пайдо

шавад. Шумо бовар кунонида метавонед, ки принсипи ба роҳбарӣ гирифтаи баъзе одамон нодуруст аст ва бояд роҳи дигарро интихоб кард.

Аз 30 то 0 балл. Мутаассифона, шумо дар сурати комилан ҳақ буданатон низ ба худатон чандон бовар намекунед. Чунин меҳисобед, ки ҳаёти шумо ва инчунин атрофиён бояд аз рӯи принсипи интизом, одатҳои хуб ва мазмунан солим гузарад ва ҷараёни он бояд хуб пешбинӣ карда шавад. Шумо тавассути қувваю зӯрӣ иҷро кардани чизеро дӯст намедоред. Баъзан аз ҳад зиёд нобовариро ба худ ҳис мекунед ва аз ин рӯ ба ниятҳоятон ноил намегардед.

## V. Оила

а) Тест - саволномаи муносибати волидайн (СМВ)

Тест як қатор воситаҳои ташхиси психологиро дар бар мегирад. Ин воситаҳо ба ошкор кардани муносибатҳои волидайн дар шахсоне равона шудаанд, ки оиди масъалаи тарбияи фарзандон ва муошират бо онҳо ба психолог муроҷиат кардаанд. Муносибати волидайн ҳамчун системаи ҳиссиётҳои гуногун дар муошират бо кӯдак, стреотипҳои рафтор, амаликунонии хусусиятҳои идрок ҳангоми муошират бо онҳо, фаҳмидани характер ва шахсияти кӯдак, рафтору кирдори ӯ фаҳмида мешавад.

### Сохти саволнома

Саволнома аз панҷ шкала иборат аст.

**I.Қабулкунӣ - радкунӣ.** Ин шкала муносибати эмотсионалии интегралиро ба кӯдак инъикос мекунад. Мазмуни як самти шкала: кӯдак ба волидайн чӣ хеле, ки ҳаст, ҳамин хел маъқул аст. Волидайн фардияти кӯдакро эҳтиром карда, ба он таваҷҷӯҳ доранд. Волидайн кӯшиш мекунанд, ки бештари вақташонро бо кӯдак гузаронидаанд, шавқу ҳавасҳо ва нақшаҳои ӯро маъқул мешуморанд.

Дар самти дигари шкала: волидайн кӯдаки худро ҳамчун одами бад, бесомон ва бетолеъ дарк мекунад. Онҳо фикр мекунанд, ки кӯдак бо сабаби қобилиятҳои сусту ақли кам доштанаш дар ҳаёт ба ҳеҷ чиз муваффақ намешавад.

Қисми зиёди волидайн нисбати кӯдак қаҳру ғазаб, алам, ранҷишро ҳис мекунанд. Онҳо кӯдакро бовар накарда, эҳтироми ӯро ба ҷо намеоранд.

**II.Кооператсия.** Шкала образи дилхоҳи иҷтимоии муносибатҳои волидайнро инъикос мекунад.

Мазмуни ин шкала чунин ошкор мешавад: волидайн ба кор ва нақшаҳои кӯдак мароқ зоҳир карда, кӯшиш мекунанд, ки ба ӯ ёрӣ расонанд ва ҳамҳис шаванд. Волидайн ба қобилиятҳои ақлию эҷодии кӯдак баҳои баланд дода, аз ӯ ифтихор мекунанд. Ӯ ташаббуси мустақилияти кӯдакро ситоиш мекунад. Кӯшиши мекунад, ки бо ӯ баробар бошад. Волидайн ба кӯдак боварӣ дошта, кӯшиш мекунанд, ки дар масъалаҳои баҳсталаб ақидаи ӯро ба эътибор гиранд.

**III.Симбиоз.** Шкала масофаи байнишахсиро дар муошират бо кӯдак инъикос мекунад. Балли баланд гирифтани ин шкала маънои онро дорад, ки волидайн кӯшиш менамояд, ки бо кӯдак муносибати симбиотикӣ дошта бошанд. Ин майл аз ҷиҳати маъно чунин шарҳ дода мешавад: волидайн бо кӯдак, мақсади умумиро эҳсос карда, кӯшиш менамоянд, ки ҳамаи талаботҳои ӯро қонеъ кунанд, ӯро аз мушкилиҳо ва нохушиҳои ҳаёт эмин нигоҳ доранд. Волидайн барои кӯдак доимо изтиробро эҳсос мекунанд, ӯро майда ва оҷиз мешуморанд. Изтироби волидайн вақте баланд мешавад, ки кӯдак кӯшиши озод шумурданро мекунад ва чунин волидайн аз рӯи иродаи хеш ҳеҷ ба кӯдак мустақилият намедиҳанд.

**IV.Гиперсотсиализатсияи авторитарӣ.** Шкала шаклҳо ва самтҳои назоратро аз болои рафтори кӯдак инъикос мекунад. Агар ин шкала балли баланд гирад, пас дар муносибати волидайн ҳукмфармоӣ дида мешавад.

Волидайн бегуфтугӯ аз кӯдак тартибу гапдароиро талаб мекунанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки кӯдак ба ӯ вобаста бошад, аз ин рӯ ақидаи ӯро ба эътибор намегиранд ва барои зоҳир кардани худсарӣ кӯдакро бераҳмона ҷазо медиҳанд. Волидайн мунтазам дастовардҳои иҷтимоии кӯдакро мушоҳида карда, аз ӯ комёбиҳои иҷтимоиро талаб мекунанд. Дар баробари ин волидайн хусусиятҳои фардӣ, одатҳо, фикрҳо ва ҳиссиётҳои кӯдакро нағз медонад.

**V.Бетолеи хурдакак.** Шкала хусусиятҳои идрок ва фаҳмидани кӯдакро аз тарафи волидайн инъикос мекунад. Балли баланд гирифтани ин шкала маънои онро дорад, ки дар муносибати волидайн кӯшиши инфантилизатсиякунии кӯдак, ба ӯ мансуб донистани норасоии шахсӣ ва иҷтимоӣ дида мешавад. Ба ақидаи волидайн, кӯдак ба синну солаш мувофиқат намекунад, яъне хурд аст. Шавқу ҳавасҳо, майлҳо, фикрҳо ва ҳиссиётҳои ӯ ба назари волидайн кӯдакона, ғайриҷиддӣ менамоянд. Волидайн ба кӯдак боварӣ надоранд, аз ноӯҳдабароию нотавонии ӯ ба алам меоянд. Волидайн дар алоқамандӣ бо ин кӯшиш мекунанд, ки худро аз

мушкилиҳои ҳаёт эмин нигоҳ дошта, амалҳои ӯро ҷиддӣ таҳти назорат гиранд.

Матни саволнома

1.Ман доимо ба кӯдаки худ ҳамҳис мешавам.

2.Ман бояд донам, ки кӯдаки ман чӣ фикр мекунад.

3.Ман кӯдаки худро эҳтиром мекунам.

4.Ба назарам менамояд, ки рафторҳои кӯдакам аз меъёр хело берун рафтаанд.

5.Кӯдакро бештар аз масъалаҳои воқеии ҳаётӣ дур нигоҳ доштан лозим аст, агар онҳо ба ӯ осеб расонанд.

6.Ман ба кӯдаки худ ҳусни таваҷҷӯҳ дорам.

7.Волидайни нағз кӯдакро аз мушкилиҳои ҳаёт муҳофизат мекунанд.

8.Кӯдак аксар вақт ба ман намефорад.

9.Ман доимо кӯшиш мекунам, ки ба кӯдаконам ёрӣ расонам.

10.Ҳолатҳое мешаванд, ки муносибати таҳқиромез ба кӯдак фоида меорад.

11.Ман нисбати фарзанди худам аламу ҳасратро ҳис мекунам.

12.Кӯдаки ман дар зиндагӣ ба ҳеҷ чиз муваффақ намешавад.

13.Ба назарам менамояд, ки бачаҳо кӯдакамро масхара мекунанд.

14.Кӯдаки ман баъзан рафторҳое мекунад, ки ба ғайр аз таҳқир кардан дигар ба ҳеҷ чиз намеарзад.

15.Кӯдаки ман ба солаш дида каме майда метобад.

16.Кӯдакам махсус рафторҳои бад мекунад, то ки манро ба алам оварад.

17.Кӯдаки ман ҳама чизҳои гандаро ба мисли рег ҷабида мегирад.

18.Ба кӯдаки ман омӯзонидани одатҳои хуб бисёр душвор аст.

19.Кӯдакро дар як чорчӯбаи муайян мустаҳкам бояд нигоҳ дошт, баъд аз ӯ одам мебарояд.

20.Барои ман бисёр гуворо аст, вақте ки рафиқони кӯдакам ба хона меоянд.

21.Ман дар ҳаёти кӯдакам иштирок мекунам.

22.Ҳама чизҳои бад ба кӯдаки ман мечаспанд.

23.Кӯдаки ман дар ҳаёт ба комёбиҳо ноил намешавад.

24.Вақте ки дар нишастҳо сухан оиди кӯдакҳо меравад, ман шарм медорам, ки кӯдакам ба қадри мехостагиам зираку қобил нест.

25.Ман ба кӯдакам дилсӯзӣ мекунам.

26.Вақте ки ман кӯдакамро бо ҳамсолонаш муқоиса мекунам, онҳо нисбати ӯ аз рӯи рафторашон ва ҳам аз рӯи муҳокимаронии ҳояшон калонтар менамоянд.

27.Ман вақти холии худро бо мамнуният бо кӯдакам мегузаронам.

28.Ман бисёр афсӯс мехӯрам, ки кӯдакам калон мешавад ва навозишкорона хурдсолии ӯро ба хотир меорам.

29.Ман аксар вақт худро дар муносибати хусуматомез бо кӯдакам дармеёбам.

30.Ман мехоҳам кӯдаконам он чизҳоро ба даст оранд, ки ба ман маъқуланд ва ба назарам зарур менамоянд.

31.Волидайн бояд на танҳо аз кӯдак одат карданро талаб кунанд, балки худашон низ ба ӯ одат намоянд.

32.Ман кӯшиш мекунам, ки ҳама хоҳишҳои кӯдакамро иҷро кунам.

33.Ҳангоми баровардани қарорҳои оилавӣ ақидаи кӯдакро ба эътибор гирифтан зарур аст.

34.Ман ба ҳаёти кӯдаки худ бисёр мароқ зоҳир мекунам.

35.Ман ҳангоми низоъ бо кӯдак метавонам эътироф кунам, ки ӯ аз рӯи гуфтаи худаш ҳақ аст.

36.Кӯдакон барвақт медонанд, ки волидайн ҳам метавонанд низ хато кунанд.

37.Ман доимо бо кӯдакам ҳисобӣ мекунам.

38.Ман ба кӯдак ҳисси дӯстӣ мепарварам.

39.Сабабҳои асосии инҷиқии кӯдаки ман - худпарастӣ, якравӣ ва танбалӣ мебошанд.

40.Агар рухсатиҳои меҳнатиро бо кӯдак гузаронӣ, он гоҳ дуруст истироҳат кардан ғайриимкон аст.

41.Аз ҳама муҳимаш - кӯдак дар хурсолиаш орому беташвиш бошад, боқимондааш худ аз худ ҷо ба ҷо мешавад.

42.Баъзан ба назарам менамояд, ки кӯдак қобилияти иҷро кардани ягон кори хубро надорад.

43.Ман майлу хоҳишҳои кӯдаки худро ба эътибор мегирам.

44.Кӯдаки ман метавонад аз худ ҳар касро нишон диҳад.

45.Ман ғаму аламҳои кӯдакамро мефаҳмам.

46.Кӯдак маро тез-тез асабонӣ мекунад.

47.Тарбияи кӯдак - пурра асабхаробкунӣ аст.

48.Тартиботи сахт дар кӯдак характери устуворро инкишоф медиҳад.

49.Ман ба кӯдаки худ боварӣ надорам.

50.Кӯдакон барои тарбияи сахт баъд раҳмат мегӯянд.

51.Баъзан ба назарам менамояд, ки кӯдакамро бад мебинам.

52.Камбудиҳо дар кӯдаки ман нисбат ба ҷиҳатҳои хубаш бисёртаранд.

53.Ман шавқу ҳавасҳои кӯдакамро ба эътибор мегирам.

54.Кӯдаки ман ягон корро мустақилона иҷро карда наметавонад ва агар кунад ҳам, табъи дил намебарояд.

55.Кӯдаки ман ба ҳаёт одат накарда калон мешавад.

56.Кӯдакам ба ман дар ҳамин шакли будааш маъқул аст.

57.Ман доимо ҳолати саломатии кӯдакамро муоина мекунам.

58.Маро бисёр вақт кӯдакам мафтун мекунад.

59.Кӯдак бояд аз волидайн сирри пинҳонӣ надошта бошад.

60.Ман ба қобилиятҳои кӯдакам баҳои баланд намедиҳам ва инро аз ӯ пинҳон намедорам.

61.Бисёр хуб мешуд, агар кӯдак бо бачаҳое дӯстӣ кунад, ки ба волидайни ӯ маъқул мебошанд.

### Калиди саволнома

**I.«Қабулкунӣ-радкунӣ»**; 3, 4, 8, 10, 12, 14, 16, 18, 20, 23, 24, 26, 27, 29, 37, 38, 39, 40, 42, 43, 44, 45, 46, 47, 49, 51, 52, 53, 55, 56, 60.

**II. «Кооператсия»**; 6, 9, 21, 25, 31, 33, 34, 35, 36.

**III.«Симбиоз»**; 1, 5, 7, 28, 32, 41, 58

**IV.«Гиперсотсиализатсияи авторитарӣ»**; 2,19,30,48,50,57,59.

**V.«Бетолеи хурдакак»**; 9, 11, 13,17,22,28,54,61.

### Тартиби ҳисобкуниҳои баллҳо

Ҳангоми ҳисобкунии баллҳо барои ҳамаи шкалаҳо танҳо ҷавоби «дуруст» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Балли баланд аз рӯи шкалаҳон мувофиқ чунин шарҳ дода мешавад:

I.- радкунӣ;

II. - дилхоҳии иҷтимоӣ;

III. - симбиоз;

IV. - гиперсотсиализатсия;

V. - инфантилизатсия (маъюбкунонӣ).

Меъёрҳои тестӣ дар шакли ҷадвали дараҷаи фоизии баллҳои тест аз шкалаҳои мувофиқ оварда мешавад.

Шкалаи I. «Қабулкунӣ - радкунӣ»

| Балли «хом" | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи фоизҳо | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0,63 | 3,70 | 12,02 | 31,01 | 53,79 | 68,35 |
| Балли «хом" | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| Дараҷаи фоизҳо | 77,21 | 84,17 | 88,60 | 90,40 | 92,40 | 93,67 | 94,30 | 95,50 | 97,46 | 48,10 | 98,73 |
| Балли «хом" | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | |
| Дараҷаи фоизҳо | 99,36 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | | |

Шкалаи II. «Кооператсия»

| Балли «хом» | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи фоизҳо | 1,57 | 3,46 | 5,67 | 7,88 | 9,77 | 12,29 | 19,22 | 31,19 | 48,82 | 80,33 |

Шкалаи III. «Симбиоз»

| Балли «хом» | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи фоизҳо | 4,72 | 19,53 | 39,06 | 57,96 | 74,97 | 86,63 | 92,93 | 95,65 |

Шкалаи IV. «Гиперсотсиализатсияи авторитарӣ»

| Балли «хом" | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи фоизҳо | 4,41 | 13,86 | 32,13 | 53,87 | 69,30 | 83,79 | 95,74 |

Шкалаи V. «Бетолеи хурдакак»

| Балли «хом" | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи фоизҳо | 14,55 | 45,57 | 70,25 | 84,81 | 93,04 | 46,83 | 94,37 | 99,83 | 100 |

Худи кӯдакон метавонанд дар ҳикояҳояшон ва расмҳои «Оилаи ман» оиди оила ахборот диҳанд.

Расми «Оилаи ман» исбот мекунад, ки оила ва муносибатҳои оилавӣ дар сохти шахсияти хонанда кадом мавқеъро ишғол менамоянд, худи тарбиятгиранда ин муносибатҳоро чӣ хел шарҳу эзоҳ медиҳад.

**б) Тести «Расми кинетикии оила» (РКО)**

Тести «Расми кинетикии оила» оиди вазъияту ҳолати кӯдаки тадқиқшаванда маълумоти фаровон медиҳад. Ӯ барои ошкор кардани муносибати кӯдак бо ҳамаи аъзоёни оила, ки дар ӯ изтиробро ба вуҷуд меоваранд, ёрӣ мерасонад. Инчунин ин тест нишон медиҳад, ки кӯдак чӣ

хел муносибатҳои байниҳамдигариро бо дигар аъзоёни оила ва мавқеи худро дар оила дарк мекунад. Тести РКО-ро истифода бурда, ба эътибор гирифтан лозим аст, ки ҳар як расм натиҷаи фаъолияти эҷодӣ буда, на танҳо идроки оилаи худро аз тарафи кӯдак инъикос мекунад, балки ба кӯдак барои таҳлил кардан ва сарфаҳм рафтани муносибатҳо имконият медиҳад. Бо ин маъно, расми оила на танҳо ҳолати ҳозираро инъикос менамояд, балки муносибатҳои ояндаро низ таҷассум мекунад.

Ин тест аз тарафи Р.Бернс ва С.Кауфман кор карда шуда, аввалин маротиба аз тарафи психотерапевт А.И.Захиров санҷида шудааст.

Онро аввалин маротиба Р.Т.Хоментаускас дигаргун кардааст.

Тести РКО аз ду қисм иборат аст: кашидани расми оилаи худ ва сӯҳбат баъд аз расмкашӣ. Барои иҷро кардани тест ба кӯдак вароқи коғаз (андозаи А-4), қалам (сахтиаш-2 м) ва хаткӯркунак дода мешавад.

Нишондод ба озмудашаванда: «Марҳамат карда расми оилаи худро тарзе тасвир кунед, ки дар он ҳар як аъзои оила баягон кор машғул бошанд». Ба ҳамаи саволҳои аниқкунанда бе ягон нишондиҳӣ ҷавоб додан лозим аст. Масалан: «Метавонӣ чӣ хеле ки ба ту маъқул аст ё чӣ хеле ки мехоҳӣ, тасвир кунӣ».

Ҳангоми расмкашӣ ҳамаи худ ба худ гапзаниҳои кӯдак, мимика, имою ишораҳои ӯро қайд кардан лозим аст. Инчунин пайдарпайии рафти тасвиркунӣ бояд қайд карда шавад.

Баъд аз тамом шудани расмкашӣ, бо кӯдак аз рӯи нақшаи зерин сӯҳбат гузаронида мешавад:

-дар расм кӣ тасвир карда шудааст ва ҳар як аъзои оила бо чӣ кор машғуланд;

-аъзоёни оила дар куҷо кор мекунанд ва мехонанд;

-дар оила ӯҳдадориҳои оилавӣ чи хел тақсим карда мешаванд;

-муносибати байниҳамдигарии кӯдак бо аъзоёни алоҳидаи оила чӣ хел аст.

Дар системаи баҳодиҳии миқдории РКО ҷанбаҳои расмӣ ва маъноии расм ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба хусусиятҳои расм сифати хатҳои тасвиркунандаи мавқеи объектҳои расм дар варақ, тоза кардани расм ё қисмҳои алоҳидаи он, сиёҳдавонии қисмҳои алоҳидаи расм дохил мешаванд.

Тавсифи маъноии расм фаъолияти тасвиршудаи аъзоёни оила, ифодаи ҳамкорӣ ва ҷобаҷогузории онҳо, инчунин мувофиқати ашёҳо ва одамон дар расм ба шумор мераванд.

Ҳангоми тавсифи РКО диққати асосӣ ба ҷанбаҳои зерин дода мешавад:

-таҳлили сохти расми оила (муқоисаи ҳайати воқеӣ ва тасвиршудаи оила, ҷобаҷогузорӣ ва ҳамкории аъзоёни оила дар расм);

-таҳлили хусусиятҳои тасвиркунии аъзоёни алоҳидаи оила (фарқиятҳо дар тарзи тасвиркунӣ, миқдори ҷузъҳо, тарҳи андоми аъзоёни алоҳидаи оила);

-таҳлили протсесси расмкашӣ (пайдарпайии расм, шарҳдиҳӣ, таваққуф, аксуламали эмотсионалӣ ҳангоми расмкашӣ).

Ҳар як ҷанбаи тафсири расми оиларо муфассал дида мебароем:

1.Кӯдак на ҳама вақт ҳамаи аъзоёни оиларо тасвир мекунад. Одатан ӯ расми он аъзои оиларо намекашад, ки бо ӯ муносибати ихтилофнок дорад. Ҷобаҷогузории аъзоёни оила дар расм аксар вақт муносибатҳои байниҳамдигариро нишон медиҳад. Масалан, нишондиҳандаи муҳими қаробати психологӣ фосилаи воқеии байни аъзоёни алоҳидаи оила мебошад. Баъзан дар байни аъзоёни алоҳидаи оила объектҳое тасвир карда мешаванд, ки ҳамчун монеа дар байни оила хизмат мекунанд. Фаъолияти умумии аъзоёни оила шаҳодати муносибатҳои хубу мусоиди оилавӣ аст. Аксар вақт фаъолияти умумии қисме аз аъзоёни оиларо ба ҳам мепайвандад. Ин аз мавҷуд будани гурӯҳҳои дохилӣ дар оила шаҳодат медиҳад.

Расми оилаи худро кашида, баъзе аз кӯдакон расми худро дар қисми поёнии варақ тасвир мекунанд. Ин нишондиҳандаи депреватсияи кӯдак, ҳисси арзишӣ мебошад, ки кӯдак дар оила аз сар мегузаронад.

Дар баъзе расмҳои ашёҳо бештар асбобҳои бисоти калон тасвир карда мешаванд. Ин серташвишии эмотсионалии кӯдакро дар масъалаи вазъиятҳои оилавӣ инъикос мекунад.

2.Чунин ҳисобида мешавад, ки кӯдак пеш аз ҳама расми шахси дӯстдоштаашро кашида, онро ҷузъбандӣ мекунад ва андоми онро оро медиҳад. Баръакс, агар кӯдак ба ягон кас муносибати манфӣ дошта бошад, он гоҳ расми ӯро нопурра, бе ҷузъиёт ва баъзан бе қисматҳои асосии бадан мекашад.

Вақте ки муносибати кӯдак ихтилофноку изтиробнок ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ гуногунмаъно аст, ӯ бештар дар тасвиркунии ҳамон аъзои оила, ки ӯ чунин муносибат дорад, рах-рахкаширо истифода мебарад. Дар чунин вазъиятҳо тозакунӣ ва азнавтасвиркуниро мушоҳида кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки дар расмҳои кӯдакони хурдсол якчанд тарзи расмкашӣ мушоҳида мешавад. Аксар вақт падару бародарро бо як тарз ва модару хоҳарро бо тарзи дигар тасвир мекунанд. Махсусан, шакли равшану гӯё кашидани мӯи сар ва либос фарқ мекунад. Аз рӯи расми худро кашидани кӯдак фаҳмидан мумкин аст, ки ӯ бо ки ҳаммонанд шудааст ва оё ин ба ҷинси ӯ мувофиқ аст.

3.Таҳлили рафти расмкашӣ на танҳо оиди муносибатҳои оилавии кӯдак, балки билкулл оиди тарзи кори ӯ маълумоти бою рангин медиҳад. Вақте ки бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ маҳорати расмкашӣ надоштанро баҳона мекунанд, ин пурра фаҳмо ва муқаррарӣ аст. Психолог кӯдакро бо чунин суханҳо ором карда метавонад: дар масъалаи пешниҳодшуда зебогии расм, бофта баровардани фаъолият барои ҳамаи аъзоёни оила он қадар муҳим нестанд.

Баҳонаҷӯиҳои бисёркарата, мисоли бо даст паноҳ кардани раем оиди навоварии кӯдак ба қуввати худ, талабот ба дастгирии аз тарафи калонсолон шаҳодат медиҳанд.

Бисёр вақт кӯдак кашидани расмро аз тасвири он аъзои оила сар мекунад, ки бо ӯ муносибати хуб дорад. Баъзан пеш аз сар кардани расмкашӣ таваққуфкунӣ мушоҳида мешавад, ки дар баъзе ҳолатҳо гуногунмаъноии эмотсионалӣ ва ҳатто муносибати манфии кӯдакро нишон медиҳад. Ҳангоми шарҳ додани расм оиди муносибати кӯдак бо аъзоёни оила рӯшанӣ андохтан мумкин аст, аммо ҳангоми иҷро кардани тест бо кӯдак сӯҳбат кардан лозим нест.

Маҷмӯи аломату нишонаҳои расми кинетикии оила

| Маҷмӯи аломату нишонаҳо | Аломату нишонаҳо | Баллҳо |
|---|---|---|
| 1.Вазъияти мусоиди оилавӣ | 1.Фаъолияти умумии ҳамаи аъзоёни оила | 0,2 |
| | 2.Мавҷуд будани кӯдакон дар расм | 0,1 |
| | 3.Тасвири ҳамаи аъзоёни оила | 0,2 |
| | 4.Мавҷуд набудани аъзоёни ҷудошудаи оила | 0,2 |
| | 5.Мавҷуд набудани рах-рахкашӣ | 0,1 |
| | 6.Сифати хуби хатҳо | 0,1 |
| | 7.Мавҷуд набудани нишондиҳандаҳои душманӣ | 0,2 |
| | 8.Тақсимкунии мувофиқи одамон дар варақ | 0,1 |

| | | |
|---|---|---|
| | 9.Дигар аломатҳои имконпазир | |
| 2.Изтиробнокӣ | 1.Рах-рахкашӣ | 0,1,2,3 |
| | 2.Хати тахкурсӣ-фарш | 0,1 |
| | 3.Хат дар болои расм | 0,1 |
| | 4.Хат бо расми пуртаъсир | 0,1 |
| | 5.Тозакунӣ | 0,1,2 |
| | 6.Бештар диққат додан ба ҷузъиётҳо | 0,1 |
| | 7.Мавҷудияти ашёҳо | 0,1 |
| | 8.Хатҳои дуқабата ё канда-канда | 0,1 |
| | 9.Хат кашидани ҷузъиётҳои алоҳида | 0,1 |
| | 10.Дигар аломатҳои имконпазир | |
| 3.Ихтилофнокӣ | 1.Монеаҳо дар байни андомҳо | 0,2 |
| | 2.Тозакунии андомҳои алоҳида | 0,1,2 |
| | 3.Мавҷуд набудани қисмҳои бадан дар баъзе андомҳо | 0,2 |
| | 4.Ҷудокунии андомҳои алоҳида | 0,2 |
| | 5.Дурҷудокунии андомҳои алоҳида | 0,2 |
| | 6.Ҳаҷми номувофиқи андомҳои алоҳидаи оила | 0,2 |
| | 7.Номувофиқати тафсири шифоҳии расм | 0,1 |
| | 8.Мавҷуд будани ашёҳо | 0,1 |
| | 9.Мавҷуд набудани баъзе аз аъзоёни оила дар расм | 0,2 |
| | 10.Аъзои оила, ки аз пушти касе тасвир шудааст | 0,1 |
| | 11.Дигар аломатҳои имконпазир | |
| 4.Ҳисси камарзишӣ дар вазъиятҳои оилавӣ | 1.Муаллифи расм нисбат ба дигар расмҳо майдатар тасвир шудааст | 0,2 |
| | 2.Ҷойгиршавии андом дар қисми поёни варақ | 0,2 |
| | 3.Хатҳои суст, канда-канда | 0,1 |
| | 4.Ҷудокунии муаллиф аз дигарон | 0,1 |
| | 5.Андомҳои майда | 0,1 |
| | 6.Беҳаракатии муаллиф дар муқоиса бо дигар андомҳо | 0,1 |
| | 7.Мавҷуд набудани расми муаллиф | 0,2 |
| | 8.Муаллиф аз пушт истодааст | 0.1 |
| | 9.Дигар аломатҳои имконпазир | |

| | | |
|---|---|---|
| 5.Душманӣ дар вазъиятҳои оилавӣ | 1.Як андом дар дигар варақ ё дар тарафи дигари варақ тасвир шудааст | 0,2 |
| | 2.Мавқеи агрессивии фигураҳо | 0,1 |
| | 3.Хат задани андом | 0,2 |
| | 4.Вайронкунии шакли андом | 0,2 |
| | 5.Суроби баръакс | 0,1 |
| | 6.Дастҳо ба тарафҳо кушода шудаанд | 0,1 |
| | 7.Ангуштони дароз, хат-хат | 0,1 |
| | 8.Дигар аломатҳои имконпазир | |

Варақаи бақайдгирии натиҷаи баҳогузории РКО

Ному насаби кӯдак ___________________________

Санаи таваллуд___________ Санаи гузаронидани таҷриба_________

Ҷамъи баллҳо аз рӯи маҷмӯи аломату нишонаҳо

| Вазъияти мусоиди оилавӣ | Изтиробнокӣ дар оила | Ихтилофнокӣ дар оила | Ҳисси камарзишӣ дар вазъиятҳои оилавӣ | Душманӣ дар вазъиятҳо оилавӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

Барои РКО инчунин системаи баҳогузории миқдорӣ муайян шудааст. Панҷ нишона ҷудо карда мешавад: 1) вазъияти мусоиди оилавӣ; 2) изтиробнокӣ; 3) ихтилофнокӣ дар оила; 4) ҳисси камарзишӣ; 5) душманӣ дар вазъиятҳои оилавӣ.

Чӣ қадаре ки ҷамъи баллҳо зиёд бошад, ҳамон қадар ин ё он аломат ифодаёфта аст. Ифодаёбии аломат аз 0 то 3 балл баҳогузорӣ карда мешавад. Натиҷаи бадастовардашуда барои корҳои ислоҳкунии психологӣ, ташхиси баъдинаи оила ва кӯдак асос мешаванд. Инчунин изтиробнокии ошкоршуда муайянкунии табиати ӯро талаб мекунад: ин ё ҷанбаи субъективӣ - шахсӣ аст ё сабабҳои объективӣ дар оилаи кӯдак вуҷуд дорад ва ғ.

## АДАБИЁТ


1.Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. -Л., 1968. -с.109.

2.Андреева Г.М. Социальная психология. -М.: Аспект-Пресс, 2001. –с.82.

3.Аристотель. Политика. -М., 1911. -с.206, 208.

4.Белинский Н.Г. Исследование эмоциональной сферы несоверщенолетных, отклоняющихся от нормы в своем поведении. -М.: Юриздат, 1994.

5.Буева Л.П. Общественное управление социальной деятельностью и формирование личности. -«Советская педагогика», 1972, №6, -с.21.

6.Кадиров С.К. Общественность и трудный подросток. -Душанбе, 1987. -с.57,64.

7.Ковалев А.Г. Психологические основы управления правонарушителя. -М.: Юриздат, 1968. -с.60.

8.Кон И.С. Социология личности. -М.: Полиздат, 1967. -с.68.

10.Краткий словарь по социологии. -М.:Полит.л-ра, 1988. -с.50.

11.Крыско В.Г. Социальная психология: Схемы и коментария. -М.:Изд-во ВЛАДОС-Пресс, 2001. -с.30.

12.Ладонов И.Д. Мастерство делового взаимопонимания. -М.: Кооператив «Менеджер», 1989.

13.Леонтьев А.Н. Об историческом подходе к изучению психики человека. В кн: Психологическая наука в СССР», т.1., -М., 1959. -с.40.

14.Леонтьев А.Н. Проблемы развития психики. -М.: МГУ, 1965. -с.485.

15.Макаренко А.С. Соч. Т.2. -М., 1950. -с.398.

16.Макаренко А.С. Соч. Т.5. -Из-во АПН РСФСР, 1958. -с.207, 508.

17.Парыгин Б.Д. Социальная психология как наука. -Л., 1967. -с.80.

18.Парыгин Б.Д. Основы социально - психологической теории. -М.: Мысль, 1971. -с.306.

19. Психология: Словарь. -М.: Полит.л-ра, 1990. -с.135-136, 189, 244, 373.

20.Петровский А.В., Шпалинский В.В. Социальная психология коллектива. -М.: Просвещение, 1978. -с-69.117.

21.Рубин Б., Колесников Ю. Студент глазами социолога., 1998. -с.38.

22.Рубинштейн С.Л. Принципы и пути развития психологии. -М., 1959. -с.121.

23.Руководство по практический психологический. -Душанбе, СТАТУС, 2002.

24. Семашко А.Н. Художественные потребности студентов, пути и средства их формирования. // автореф. канд. дисс. Днепропетровск, 1969. -с.90-91.
25. Социальная психология. -М.: Полит.л-ра, 1975. -с.738.
26. Третый Всесоюзный съезд общество психологов СССР., т.3. -М., 1978. -с.280-281.
27. Фельдштейн Д.И. Трудный подросток. -Душанбе, Ирфон, 1972.
28. Шахс ва муносибатҳои байни шахсҳо: Маводҳо барои машғулиятҳои лабораторӣ оид ба психология. Тартибдиҳанда, профессор Р.Атахонов. -Душанбе, 1986. -с.14-15, 30-32, 32-35, 42-43.
29. Шорохова Е.В. Социальная психология (проблема и задачи) В кн.: «Методологические проблемы социальной психологии». -М., 1977. -с.6.

**Муҳаррири техникӣ Евдокимов А.Т.**

Ба матбаа 07.07.2004 супорида шуд. Ба чопаш 17.07.2004 имзо шуд.
Адади нашр 500. Супориши 42. Ҷузъи чопию нашрӣ 8,25.
Нархаш озод.
Дар матбаи хурди ДДМТ чоп шудааст.



**Қодиров Сангимурод** (20.12.1946). Мудири кафедраи педагогикаи ДДМТ. Узви вобастаи Академияи илмҳои мактабҳои олии байналмилалӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои педагогӣ, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муаллифи зиёда аз 130 корҳои илмӣ, 20 барномаю тавсияҳои методии илмҳои омӯзгорӣ ва равоншиносӣ. Муаллифи чунин монографияю китобҳои таълимӣ: «Масъалаҳои иҷтимоию педагогии наврасони душвортарбия», «Меҳнат- асоси тарбияи шаҳрвандии ҷавонон», «Корҳои касбмуайянкунии наврасон», «Асосҳои касбинтихобкунии толибилмон», «Психология», «Психологияи иҷтимоӣ» ва ғайра.



**Давлатов Маҳмадулло** (11.05.1950). Хатмкардаи факултаи шарқшиносии ДДМТ (1972). Аз соли 1972 то кунун ҳамчун устоди кафедраи психологияи факултаи фалсафаи ДДМТ фаъолияти илмию педагогӣ мебарад. Ба қалами ӯ зиёда аз 50 мақолаи илмию методӣ мутааллиқ аст, ки онҳо ба тадқиқи масъалаҳои муҳими соҳаҳои гуногуни илми психология бахшида шудаанд. Муаллиф, мутарҷим ва мурратиби барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва чунин васоиту дастурҳои таълимӣ: «Фаъолият ва диққат» (1988), «Протсессҳои маърифатӣ» (1999), «Психология» (2000), «Руководство по практической психологии» (2004), «Дастури психологияи амалӣ» (2004), «Основы практической психологии в образовании» (2004), «Психологияи иҷтимоӣ» ва ғайра.